АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ТДУ: 809.155.0+802.0

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТКБ: 81.2(2 тоҷик)+81.2Анг

А - 75

АРАБЗОДА ФИРӮЗ ҲАМРОХОН

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ВИЖАГИҲОИ ЗАБОНИЮ ФАРҲАНГИИ ИФОДАИ КОНСЕПТИ “ГУЛ”

(дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)

Диссертатсия

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология

аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ

Роҳбари илмӣ:

доктори илми филология, профессор

Турсунов Ф.М.

Душанбе – 2024

МУНДАРИҶА

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ 4

МУҚАДДИМА 5

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ 8

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ЗАБОНШИНОСИИ ШИНОХТӢ ВА ФАРҲАНГӢ 16

1.1. Тасвири забонии ҷаҳон – объекти таҳқиқи тасвири консептуалии ҷаҳон..... 16

1.2. Консепт ҳамчун категорияи консептуалии забоншиносӣ 24

1.2.1. Ҷанбаҳои консептуалии забоншиносии шинохтӣ 24

1.2.2. Ҷанбаҳои консептуалии забоншиносии фарҳангӣ 36

1.3. Омӯзиши консепти “гул” дар забоншиносии муосир 45

Хулосаи боби якум 51

БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ВИЖАГИҲОИ ЗАБОНИИ КОНСЕПТИ “ГУЛ/FLOWER” ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ 54

2.1. Таҳлили тафсирҳои энсиклопедӣ ва фарҳангномаҳо дар робита ба вожагони “гул/flower” 54

2.2. Таҳлили робитаҳои луғавию маъноии калидвожаҳои “гул” дар забони тоҷикӣ ва “flower” дар забони англисӣ 62

2.2.1. Таҳлили робитаҳои синонимӣ ва антонимӣ 63

2.2.2. Таҳлили робитаҳои гипонимӣ 69

Хулосаи боби дуюм 94

БОБИ 3. ТАҲЛИЛИ ВИЖАГИҲОИ ЗАБОНИЮ ФАРҲАНГИИ КОНСЕПТИ “ГУЛ” ДАР ТАСВИРИ ЗАБОНИИ ҶАҲОНИ ТОҶИКЗАБОНОН ВА АНГЛИСЗАБОНОН.....96

3.1. Хусусиятҳои миллию фарҳангии консепти “гул” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ..... 96

3.1.1. Таҳлили лингвистии зарбулмасалу мақолҳо марбут ба консепти “гул” дар забонҳои муқоисашаванда 97

3.1.2. Таҳлили лингвистии воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи “гул/ flower” дар забонҳои мавриди назар..... 106
3.2.Таҷассуми консепти “гул” дар ашъори шоирони тоҷик ва англис 115
3.2.1. Таҷассуми консепти “гул” дар ашъори шоирони тоҷик 116
3.2.2. Инъикоси консепти “гул” дар эҷодиёти шоирони англис 127
Хулосаи боби сеюм..... 139
ХУЛОСА 141
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ..... 147
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ 149
ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ.....167

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

автореф. – автореферат

англ. – англисӣ

ғ. – ғайра

диг. – дигарон

дисс. – диссертатсия

КОА ҶТ – Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

муҳақ. – муҳаққиқ

ном. – номзад

с. – саҳифа

тарҷ. – тарҷума

таҳтул. – таҳтуллафзӣ

тоҷ. – тоҷикӣ

филол. − филологӣ

МУҚАДДИМА

Солҳои охир таваҷҷуҳ ба омӯзишу таҳқиқи забонҳо дар алоқамандии зич бо шуур, тафаккур, ҳувият ва фарҳанг афзудааст. Агар то миёнаҳои асри 20 диққати забоншиносон ба омӯзиши таркиби забон ва муайян намудани хусусиятҳои он равона гардида буд, пас бо рушд ёфтани равияҳои нави забоншиносӣ, аз қабили забоншиносии шинохтӣ ва фарҳангӣ дар маркази диққати муҳаққиқон робитаи падидаҳои забонӣ бо одам ҳамчун субъекти маърифат ва фаъолияти фарҳангӣ қарор гирифт. Омӯзиши забон дар заминаи шуур ва фарҳанги гӯяндагон бо назардошти вижагиҳои ташаккули худшиносии этникӣ ва тасвири забоншиносии миллии ҷаҳон боиси фарох гардидани доираи омӯзиши муқоисавии забонҳо гардид. Дар забоншиносии муосир паҳлуҳои дигари забонҳо, аз ҷумла тарзи фаҳмишу дарки олами атроф ва ифодаи он аз ҷониби соҳибзабонон муқоиса карда мешаванд, ки дар ин замина воҳидҳои муқоиса на танҳо воҳидҳои забонӣ, балки воҳидҳои шууру тафаккур низ ба ҳисоб мераванд. Яке аз падидаҳои муҳимме, ки имрӯз маркази таваҷҷуҳи забоншиносон қарор дорад, консепт мебошад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Ҳалли масъалаи робита ва таносуби мутақобили шуур, фарҳанг ва забон имкони пайдо намудани хусусиятҳои умумӣ ва хосро дар тасвири забонии ҷаҳон аз тарафи соҳибзабонон фароҳам меорад. Ҷанбаҳои чунин омӯзишу таҳқиқро таҳлили консептҳо дар асоси забонҳои гуногуннизому гуногунсохтор ташкил медиҳад. Омӯзиши консептҳо барои муайян кардани хусусиятҳои миллӣ ва фарҳангии тасвири забонии ҷаҳони як ҷомеаи забонӣ ва тавсифи тафаккури забонҳои модарӣ тавассути таҳлили воситаҳои забонӣ имкон фароҳам меорад.

Консепти “гул” ҳамчун падидаи мураккаб ва бисёрҷанбаи эмотсионалии ҳаёти инсон дар аксарияти илмҳои гуманитарию дақиқ мақоми баландро ишғол менамояд. Дар забоншиносӣ таҳлили муқоисавии консепти мазкур дар таносуби забону шуур, забону фарҳанг, забону ҳувият ва амсоли инҳо омӯхта мешавад.

Гул дар ҳаёти инсон нақши муҳим дорад. Он ба зиндагии инсон зиннат бахшида, ахлоқро нарм мекунад ва бо ин васила ба инсон оромӣ ва лаззат мебахшад. Дар фарҳангҳои гуногун гул дар интиқоли тасвирҳои динӣ, рамзӣ, маънавӣ ва мифологӣ иштирок мекунад. “Гул” ҳамчун консепт ҷузъи муҳимми тасвири забонии ҷаҳон ба ҳисоб меравад, ки таҳқиқ ва омӯзиши он дар асоси забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ барои муайян намудани хусусиятҳои умумӣ ва хоси сохтори забонҳои муқоисашаванда, шуури ҷамъиятӣ, тафаккури миллӣ, ҳувият ва фарҳанги тоҷикзабонон ва англисзабонон мусоидат менамояд, ки ба забономӯзон имкон фароҳам меорад, то ба низоми миллӣ-фарҳангии забони хориҷӣ дар сатҳи забонӣ ва равонӣ ворид шаванд. Таълими забонҳои хориҷӣ дар асоси консептҳо ба забономӯзон имкон медиҳад, ки бо ҷузъиёти асосии воқеияти забони хориҷӣ ошноӣ пайдо намоянд, зеро маҳз консепт тасвири ҷаҳони соҳибзабононро равшан таҷассум намуда, равобити байнифарҳангиро бо намояндагони ҷомеаи гуногунзабон ва гуногунфарҳанг таъмин менамояд. Мулоҳизоти дар боло овардашуда ба мубрамияти мавзуи мавриди таҳқиқ далолат менамоянд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ. Масъалаи омӯзиш ва баррасии консептҳо яке аз мавзуҳоест, ки солҳои охир диққати махсуси забоншиносонро ба худ ҷалб намудааст.

Дар забоншиносии тоҷик пажуҳишҳо дар самти забоншиносии шинохтӣ ва забоншиносии фарҳангӣ дар даҳсолаи аввали асри XXI оғоз гардида, то ба имрӯз як қатор консептҳо, аз қабили хӯрок, зебоӣ, ақл, тӯй, оила, ҳаёт, вақт, фазо, дурӯғ, дил, муҳаббат ва амсоли инҳо таҳқиқ гардидаанд. Забоншиносони тоҷик С.Қ. Матробиён [55], Ф.М. Турсунов [101], Н.И. Каримова [38], Ш.К. Фозилова [105], З.Ҷ. Мирзоева [63], З.А. Гулова [20], М. Мамедова [52], С.С. Раҳимӣ [85], М. Имомзода [33], М.А. Маҳмудзода [59], Д.М. Азиззода [2], А.А. Ахмедова [9] ва дигарон ба таҳқиқу таҳлили консептҳо пардохта, дар диссертатсия ва мақолаҳои илмиашон консептҳои гуногунро таҳқиқ кардаанд, ки ба рушди забоншиносии шинохтӣ ва фарҳангии тоҷик мусоидат менамояд. Аммо қайд кардан ба маврид аст, ки

то ба имрӯз вижагиҳои забонӣ ва фарҳангии ифодаи консепти “гул” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди омӯзиши махсус қарор нагирифтааст. Дар илми тоҷик танҳо як қатор рисолаву мақолаҳое ба назар мерасанд, ки ба муайян кардани тобишҳои маъноӣ ва услубии фитонимҳо, аз ҷумла гулҳо дар эҷодиёти шоирону нависандагон [34, 115, 72, 71, 70, 69, 73, 113, 60] равона гардидаанд. Аз ҷумла, С. Ҳалимова дар мақолаи худ таҳти унвони “Тобишҳои маъноии вожаи “гул” дар осори Сайидои Насафӣ” тобишҳои маъноии вожаи “гул”-ро дар осори Сайидои Насафӣ муайян намуда, ба хулосае омадааст, ки вожаи “гул” яке аз вожаҳои асил ва сермаъноии забони тоҷикӣ буда, дар нутқи бадеӣ ба таври фаровон истеъмол мегардад. Ин вожа дар таркиби ибораҳои изофӣ, ибораҳои феълӣ ва воҳидҳои фразеологӣ омада, маъниҳои гуногунро ифода менамояд [113, 79]. Инчунин, як қатор корҳои таҳқиқотии муҳаққиқи тоҷик М. Назаров ба таҳлилу баррасии вижагиҳои луғавӣ ва маъноии мафҳуми “гул”, муносибати он бо вожаҳои дигари мутаносиб ба он, корбурди вожаи “гул” дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ дар осори шоирони тоҷик бахшида шудааст. Муҳаққиқи тоҷик С.Ш. Зубайдова дар доираи як мақола воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисиро бо ҷузъи растаниҳои ороишӣ таҳқиқ намуда, ба хулосае омадааст, ки воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз ҷузъҳои гуногун таркиб ёфта, бо вуҷуди ин, онҳо маъноии умумиро доро мебошанд [30, 71].

Дар забоншиносии рус бошад, консепти “гул” аз тарафи як қатор муҳаққиқон баррасӣ гардидааст. Аз ҷумла, диссертатсияи номзадии А.И. Молоткова таҳти унвони “Консепти “гул” дар забон ва нутқи бадеӣ” [66] ба таҳқиқи хусусиятҳои хоси инъикоси консепти “гул” дар нутқи бадеӣ бахшида шудааст. Дар кори таҳқиқотии мазкур таркиби забонӣ ва фарҳангии консепти “гул” тафсир ёфта, хусусиятҳои хоси дарки он аз тарафи шоирон, намояндагони равияҳои гуногуни бадеӣ ва эстетикии охири асри XIX ва аввали асри XX ва мардуми русзабони он давра нишон дода шудааст.

Забоншинос Н.С. Котова дар рисолаи худ таҳти унвони “Таҳлили забонӣ ва фарҳангии консептасфераи “гулҳо” [43] хусусиятҳои умумӣ ва

миллию фарҳангии консепти гулҳоро дар тасвири забонии ҷаҳони русзабонон ва англисзабонон муайян кардааст.

Консепти “гул” дар забонҳои русӣ ва хитойӣ аз тарафи муҳаққиқон Н.Г. Архипова ва М.А. Куроедова дар доираи як мақола [7] баррасӣ гардидааст. Дар мақолаи мазкур вижагиҳои умумӣ ва хос дар дарки консепти “гул” аз тарафи соҳибони забонҳои русӣ ва хитойӣ нишон дода шудааст.

Консепти “гул” дар забонҳои русӣ, маҷорӣ (венгерӣ) ва полякӣ аз тарафи Ю. Хамшовски омӯхта шудааст. Ю. Хамшовски дар мақолаи худ таҳти унвони “Роҷеъ ба масъалаи консепти “гул” дар тасвири забонии ҷаҳон дар забонҳои русӣ, маҷорӣ ва полякӣ” [107] консепти “гул”-ро дар тасвири забонии ҷаҳони ин халқиятҳо таҳқиқ намуда, моҳияту таркиби консепти мазкурро муайян намудааст.

Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.

Масъалаҳои таҳқиқи мазкур бо барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва мавзуъҳои илмӣ робитаи зич доранд.

Хулосаҳои дар натиҷаи таҳқиқ бадастомада метавонанд барои рушди минбаъдаи барномаҳои таълимии самти забоншиносӣ, хусусан забоншиносии фарҳангӣ ва шинохтӣ саҳм дошта бошанд. Мавзуи таҳқиқотии мавриди назар дар доираи самтҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

Мақсади диссертатсия. Таҳлили муқоисавии вижагиҳои забонӣ ва фарҳангии ифодаи консепти “гул” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мақсади диссертатсияро ташкил медиҳад.

Ҳадафи зикршуда бо ҳалли **вазифаҳои зерин** амалӣ мешавад:

- омӯзиши адабиёти назариявӣ бахшида ба забоншиносии фарҳангӣ ва шинохтӣ;

- муқаррар намудани моҳияти тасвири забонии ҷаҳон ҳамчун объекти тасвири консептуалии ҷаҳон;

- баррасии консепт ҳамчун категорияи консептуалии забоншиносии шинохтӣ;

- муайян намудани ҷанбаҳои консептуалии забоншиносии фарҳангӣ;

- нишон додани дараҷаи омӯзиши консепти “гул” дар забоншиносии муосир;

- таҳлили тафсирҳои энсиклопедӣ ва фарҳангномаҳо дар робита ба вожагони “гул/flower”;

- муайян намудани робитаҳои лексикӣ-семантикии калидвожаҳои “гул” дар забони тоҷикӣ ва “flower” дар забони англисӣ;

- нишон додани робитаҳои синонимӣ ва антонимӣ дар таркиби консепти “гул” дар забонҳои мавриди назар;

- шарҳи маъноии гипонимҳои таркиби консепти “гул” дар забонҳои муқоисашванда;

- муқаррар намудани хусусиятҳои миллию фарҳангии консепти “гул” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

- таҳилили лингвистии зарбулмасалу мақолҳо марбут ба консепти “гул” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

- муайян намудани хусусиятҳои умумӣ ва хоси дарки консепти “гул” аз тарафи тоҷикзабонон ва англисзабонон дар асоси воҳидҳои фразеологии бо ҷузъи “гул”;

- муайян намудани тобишҳои маъноии консепти “гул” ва гипонимҳои он дар ашъори шоирони тоҷик ва англис.

Объекти таҳқиқро воҳидҳои забонӣ ва луғавии ифодакунандаи консепти “гул” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ташкил медиҳанд.

Мавзуи (предмети) таҳқиқи мазкур таҳлили муқоисавии вижагиҳои забонию фарҳангии ифодаи консепти “гул” дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад.

Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи мазкурро асарҳои илмию назариявии олимону забоншиносоне ташкил медиҳанд, ки дар самти забоншиносии шинохтӣ ва фарҳангӣ таҳқиқоти боарзише анҷом додаанд.

Бинобар ин, зимни баррасии масоили назариявии диссертатсияи мазкур асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ Ҷ. Лакофф [120, 121, 122], М. Ҷонсон [119], Е.С. Кубрякова [44, 45], Н.Д. Арутюнова [4, 5, 6], И.А.Стернин [83], В.Н. Телия [98, 99, 97], М.В. Пименова [77, 78, 79, 80], В.А. Маслова [53, 54], В.И. Агиенко [1], Ю.Д. Апресян [3], Н.Г. Архипова [7], В.И. Карасик [35, 36, 37], З.Д. Попова [82, 83], Б.А. Серебренников [93], Г.Г. Слишкин [94], Ю.С. Степанов [96], Г. Фоконниер [117], С. Лорис [124] ва забоншиносони тоҷик Ф.М. Турсунов [101102], М.Б. Давлатмирова [24, 23], С.Қ. Матробиён [56, 55], Н.К. Бойматова [14], Х.Х. Мирзоев [62], М.Н. Назаров [67, 68, 69, 70], Ш.К. Фозилова [105] ва дигарон ҳамчун асоси назариявию методологӣ истифода шудаанд.

Методҳои таҳқиқ. Дар кори мазкур маҷмӯи методҳои зерини таҳлили лингвистӣ мавриди истифода қарор гирифтааст: методи таҳлилӣ-назариявӣ, методи шарҳи луғавӣ, методи таҳлили консептуалӣ, методи таҳлили ҷузъӣ, методи муқоисавӣ-татбиқӣ, методи синхронӣ-муқоисавӣ ва ғайра.

Сарчашмаҳои таҳқиқро фарҳангҳои тафсирӣ, фразеологӣ, зарбулмасалу мақолҳо ва осори назмию насрии шоирону нависандагони тоҷику англис ташкил медиҳанд.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он мебошад, ки дар диссертатсияи мазкур бори аввал консепти “гул” дар асоси маводи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳқиқ гардида, хусусиятҳои умумӣ ва хоси дарки консепти “гул” аз тарафи тоҷикзабонон ва англисзабонон вобаста ба тафаккури миллӣ нишон дода шудааст. Таркиби консепти “гул” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муайян гардида, баъзе гипонимҳои таркиби консепти мазкур таҳлил гардидаанд.

Дар баробари ин, ба сифати навгонии илмии таҳқиқ нуктаҳои зеринро метавон зикр намуд:

- ҳавзаҳои маъноии консепти “гул” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси фарҳангҳои тафсирии забонҳои муқоисашаванда муайян карда шудааст;

- тасаввурот дар шуури тоҷикзабонон ва англисзабонон марбут ба консепти “гул” муқаррар гардида, роҳҳои ифодаёбии онҳо дар осори адибони тоҷику англис нишон дода шудаанд;

- зарбулмасалу мақолҳои марбут ба консепти “гул” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлилу муқоиса гардида, дар асоси онҳо ҷанбаҳои маъноии консепти мазкур муайян гардидаанд;

- воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи “гул” дар забонҳои муқоисашаванда шарҳ дода шудаанд.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Омӯзиш ва таҳқиқи консептҳо, хусусан консепти “гул” дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон ва англисзабонон имрӯз дар забоншиносӣ бисёр муҳим, мубрам ва зарурӣ мебошад. Чунин таҳқиқ заминаи боэътимоди назариявӣ ва амалиро барои пажуҳишҳои минбаъда дар соҳаи забоншиносӣ, хусусан забоншиносии шинохтӣ ва фарҳангӣ фароҳам месозад.

2. Ҷанбаҳои гуногуни амалкарди консепти “гул” дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон ва англисзабонон бо таҳлили маҷмуи зарбулмасалу мақолҳо, воҳидҳои фразеологӣ ва шеъру ғазалҳо дар забонҳои муқоисашаванда марбут ба “гул” амиқтар ошкор мегардад.

3. Тафовут дар тасвири ҷаҳон, фарҳанг, тарзи зиндагӣ ва дарки консепти “гул” аз тарафи тоҷикзабонон ва англисзабонон боиси мухталиф будани тасвири забонии ҷаҳони ин халқҳо гаштааст.

4. Ҳавзаҳои луғавии консепти “гул” дар забони тоҷикӣ ва англисӣ аз вожаҳои гуногун таркиб ёфтаанд, ки қатори синонимии калидвожаи “гул/ flower”- ро ташкил медиҳанд.

5. Консепти “гул” таркиби бисёрсатҳа буда, аз маъноҳои таркиби ҳаста ва воҳидҳои луғавии канорӣ иборат аст.

6. Маъноҳои таркиби ҳастаи консепти “гул” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ фарогири маъноҳои калидвожаи “гул/flower” ҳамчун *ғунча, муғча, шукуфа, гиёҳе, ки барои гулҳои рангоранг ва хушбӯ мекронанд*, *қисми*

шукуфтаи гул, мавсими шукуфа, ниҳол, узви репродуктивии растанӣ мебошанд.

7. Ба қатори маъноҳои воҳидҳои луғавии канории консепти “гул” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ маъноҳои калидвожаи “гул/flower” ҳамчун аз *беҳтарин чиз, зубдаи ҳар чиз, чизи нозук, чизи латиф, чизи беайб, шахси азиз, шахси маҳбуб ва бақадр, зинатбахши маҳфилҳо, сурхакон (бемории хавфнок), ҷавон, рӯйи маҳбуба, баҳор, гулкунӣ, вақти гул, авҷ, камол, беҳтарин айём, баландтарин нуқта, қулла, давраи баландтарини рушд, намунаи олӣ ё беҳтарин намоянда, инкишоф ё афзоиши табиӣ, як навъ доғи сафеде, ки дар чашми одам пайдо мешавад; нақшу нигоре, ки ба шакли гул кашида ё бофта мешавад, сари нимсӯхтаи пилтаи чароғу фатилаи шамъ, шароб, офтоб, рӯйи зард* дохил мешаванд.

8. Консепти “гул” консепти фарҳангӣ мебошад, ки барои таҳқиқи пурраи он таҳлили зарбулмасалу мақолҳо, воҳидҳои фразеологӣ, шеъру ғазалҳо муҳим арзёбӣ мегардад.

9. Дар дарки консепти “гул” аз тарафи тоҷикзабонон ва англисзабонон умумиятҳо бештар ба назар мерасанд. Тасаввуроти хосе, ки консепти “гул” дар шуури ин халқиятҳо таҷассум менамояд, бештар ба тафаккури миллӣ, урфу одат, анъана, расму оин ва мавқеи ҷуғрофии онҳо вобаста мебошад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки мавод ва натиҷаҳои илмии диссертатсия барои пажуҳиши минбаъдаи паҳлуҳои гуногуни соҳаҳои забоншиносӣ, хусусан, забоншиносии муқоисавӣ, фарҳангӣ ва шинохтӣ мусоидат менамоянд. Он муҳаққиқони соҳа, ки таҳқиқоти худро ба ҷанбаҳои гуногуни забоншиносии муқоисавӣ, шинохтӣ ва фарҳангӣ равона мекунанд, аз натиҷаҳои таҳқиқ ҳамчун роҳнамои илмӣ метавонанд истифода намоянд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқ барои ҳалли як қатор масъалаҳои амалӣ ва назариявии самтҳои мазкур метавонанд истифода шаванд ва ҳамчун асос ва замима барои таҳқиқоти минбаъдаи илмию назариявии ин самтҳои забоншиносӣ хидмат намоянд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ. Натиҷаҳои таҳқиқ дар раванди таълими лексикология, фразеология, забоншиносии муқоисавӣ, забоншиносии фарҳангӣ, забоншиносии шинохтӣ ва барои гузаронидани семинарҳо ва курсҳои махсус аз фанҳои забоншиносии муқоисавӣ, забоншиносии фарҳангӣ ва забоншиносии шинохтӣ истифода бурда мешаванд. Натиҷаҳои таҳқиқро барои тайёр намудани асосҳои лингвистии омӯзиши забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар муассисаҳои олии филологӣ ва муассисҳои ғайрифилологӣ дар раванди таълим дар вақти гузаронидани курсҳои махсус, семинарҳо ва дар лексияҳо аз фанҳои забоншиносии муқоисавӣ, забоншиносии фарҳангӣ ва шинохтӣ метавон истифода кард. Дар ташкили барномаҳои таълимӣ ва китобҳо аз фанҳои забоншиносии муқоисавӣ, забоншиносии фарҳангӣ ва забоншиносии шинохтӣ натиҷаҳои таҳқиқро низ истифода бурдан мумкин аст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ. Дараҷаи эътимоднокии кори таҳқиқотии мавриди назарро дақиқ будани маълумот, маводи кофии таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва гузаронидани таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ собит менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва муқоисавӣ пешниҳод карда шудаанд. Ҳамзамон, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсиониро истифодаи методҳои таҳлилӣ, муқоисавӣ, шарҳи луғавӣ, таҳлили консептуалӣ ва ғайраҳо таъмин менамоянд, ки барои дуруст муайян намудани таркиби консепти “гул” ва хусусиятҳои умумӣ ва хоси инъикоси он дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон ва англисзабонон мусоидат менамояд ва ин барои донишандӯзони соҳаи забоншиносӣ, забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ, муқоисавӣ ва забоншиносии шинохтию фарҳангӣ муҳим аст.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Таҳқиқи диссертатсионии мазкур таҳти унвони “Таҳлили муқоисавии вижагиҳои забонию фарҳангии ифодаи консепти “гул” (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва

англисӣ)” ба ихтисоси илмии 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мутобиқат мекунад.

Саҳми шахсии муҳаққиқ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ бори нахуст консепти “гул”-ро дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон ва англисзабонон мавриди таҳқиқи махсус қарор дода, таркиби консепти мазкурро дар забонҳои мавриди назар баррасӣ намудааст. Инчунин, вижагиҳои умумӣ ва хос дар дарки консепти “гул” аз тарафи тоҷикзабонон ва англисзабонон муайян гардида, инъискоси онҳо дар забонҳои муқоисашаванда нишон дода шудааст. Маводи назариявӣ ва амалии ҷамъоваринамудаи муаллиф боарзиш буда, барои ҳалли як қатор масъалаҳои мавҷудаи забоншиносӣ ва инчунин, тарҷумашиносии тоҷик саҳми арзанда мегузорад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ. Диссертатсия дар кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шудааст. Мазмун ва муҳтавои кори таҳқиқотии мавриди назар дар шакли баромад ва мақолаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ироа гардидааст. Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (суратҷаласаи №1 аз 27.02.2024) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Мавод ва нуктаҳои асосии таҳқиқи диссертатсионӣ дар 8 мақолаи чопшудаи муаллиф дар маҷаллаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос шудаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва 168 саҳифаи чопӣ иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ, навоварии илмӣ ва дараҷаи омӯзиши он асоснок гардида, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия, асосҳои методологӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, объект ва манбаъҳои таҳқиқ, робитаи таҳқиқ

бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ, заминаҳои эмпирикии таҳқиқ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия масоили назариявӣ ва методологӣ баён гардидаанд, ки дар раванди таҳқиқ онҳо ба асос гирифта шудаанд. Тасвири забонии ҷаҳон ҳамчун объекти тасвири консептуалии ҷаҳон таҳлилу баррасӣ гардидааст. Инчунин, ҷанбаҳои консептуалиии забоншиносии шинохтӣ ва фарҳангӣ шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия вожаи “гул/flower” дар асоси фарҳангҳои тафсирӣ ва этимологӣ шарҳ дода шуда, робитаҳои синонимӣ ва антонимии он нишон дода шудаанд. Инчунин, гипонимҳои таркиби консепти “гул” муайян гардида, маъмултарини онҳо дар забонҳои мавриди назар баррасӣ гардидаанд.

Боби сеюми диссертатсия ба таҳлил ва ошкорсозии хусусиятҳои миллию фарҳангии консепти “гул” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Дар он воҳидҳои луғавию фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо таҳлил гардида, таҷассуми консепти “гул” дар ашъори шоирони тоҷику англис нишон дода шудааст.

Дар хулосаи кор оид ба натиҷаҳои диссертатсияи мазкур маълумот ироа гардидааст.

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ЗАБОНШИНОСИИ ШИНОХТӢ ВА ФАРҲАНГӢ

1.1. Тасвири забонии ҷаҳон – объекти таҳқиқи тасвири консептуалии ҷаҳон

Инсон дорандаи низоми муайяни донишҳо, ақидаҳо ва мулоҳизаҳо дар бораи воқеияти объективӣ мебошад, чунки инсон худ субъекти маърифат буда, зиндагии ӯ ба дарки муҳити атроф ва аз худ намудани он равона гардидааст. Раванди фаъолияти маърифатии инсон ба пайдоиши донишҳо дар бораи муҳити атроф ва воқеияти объективӣ мусоидат мекунад. Маҷмуи ҳама ингуна донишҳову ақидаҳои даркшудаву бадастовардашуда тасвири ҷаҳонро дар шуури инсон ташаккул медиҳанд. Тасвири ҷаҳон тавассути фаъолияти психологию таҷрибавии инсон дар шуури ӯ ба як шакли муайян медарояд, яъне дар натиҷаи ин фаъолият инсон симои пурра ва комили ҷаҳонро дар шуури худ ташаккул дода, ҳифз мекунад. Тасвири ҷаҳон воқеияти объективии доимо тағйирёбанда мебошад. Ба ташаккули тасвири ҷаҳон анъана, урфу одат, забон, мавқеи ҷуғрофӣ, тарзи фикронӣ, тарбия, таълим ва омилҳои сершумори иҷтимоӣ таъсир мерасонанд, яъне ба як шакли муайян даромадани донишҳои бадастовардашуда ба омилҳои зикргардида вобастагӣ дорад. Чӣ тавре ки забоншиноси тоҷик Х.Х. Қурбонова қайд менамояд, “Ба ташаккули тасвири ҷаҳон омилҳои иҷтимоӣ, аз қабили забон, анъана, таълиму тарбия ва амсоли инҳо таъсир мерасонанд” [46, 14]. Асоси таҳқиқи мафҳуми “тасвири ҷаҳон”-ро омӯзиши тасаввурот оид ба сохти ҷаҳон аз тарафи инсон ташкил медиҳад ва ба низоми консептуалӣ, таҷрибаи ҳаёти моддӣ ва фарҳангии инсоният таъсири бевосита мерасонад. Нутқи соҳибони ҳама гуна забон вобаста ба тасвири ҷаҳони онҳо инкишоф меёбад. Бо ин васила, соҳибзабонон дарки хоси воқеиятро аз ҷониби инсон нишон дода, онро дар забон устувор мегардонанд. Ин аст, ки забон воситаи муҳимтарини устуворгардонӣ ва ҳифзи донишҳо дар бораи ҷаҳон ба ҳисоб меравад, ки инсон дар тӯли ҳаёти худ онҳоро ҷамъоварӣ намуда, маҳз тавассути забон онҳоро аз насл ба насл интиқол медиҳад.

Ҳақиқати объективӣ аз тарафи инсон дарк гардида, дар шуури ӯ дар шакли консептҳо таҷассум меёбад ва қисме аз натиҷаи ин фаҳмишҳо дар забони ӯ устувор мегардад. Ҷамъи донишҳои дар бораи ҷаҳон, ки дар забон инъикос ва устувор гардидаанд, тасвири забонии ҷаҳонро ташкил медиҳанд.

Дар забоншиносии муосир ба масъалаи шарҳ ва муайян кардани моҳитяи мафҳуми “тасвири ҷаҳон” ва “тасвири забонии ҷаҳон” диққати хосса дода мешавад. Масъалаи мазкур аз тарафи як қатор олимону забоншиносони ватанию хориҷӣ, аз қабили З.Д. Попова [83], И.А. Стернин [83], В.А. Маслова [53, 54], Ю.С. Степанов [96], Ф.М. Турсунов [102], С.Қ. Матробиён [56], Н.К. Бойматова [14], Ҳ.Ҳ. Қурбонова [46], М.А. Маҳмудзода [59], Д.М. Азиззода [2] ва дигарон таҳқиқ ва баррасӣ гардидааст.

Ҳангоми баррасӣ ва таҳқиқи масоили тасвири ҷаҳон, муҳаққиқон бо ду истилоҳе рӯ ба рӯ мегарданд, ки аз рӯйи моҳияту маъно ва мундариҷа ба ҳам хеле наздик буда, ифодакунандаи мафҳуми умумӣ мебошанд. Бинобар ақидаи забоншиноси тоҷик С.Қ. Матробиён, “Тасвири ҷаҳон” гуфта, намуна ё қолаби умумиеро дар назар доранд, ки дар тафаккури тамоми инсоният як хел инъикос меёбад, вале танҳо бо вожаҳои гуногун ё забонҳои гуногун ифода мегардад. Он ҷамъи дониши шахс ва ҷомеаро оид ба ҳақиқати объективӣ инъикос мекунад” [57, 7]. Тасвири консептуалиии ҷаҳонро бошад, маҷмуи “донишҳои заминавӣ, муҳити этнофарҳангию иҷтимоӣ ва инчунин тамоми таҷрибаи пурарзише, ки як ҷомеаи муайян дар тули ҳастии худ ҷамъ оварда, аз насл ба насл интиқол додааст” [41, 142] ташкил медиҳад. Аз таърифҳои пешниҳодгардида бармеояд, ки мафҳумҳои “тасвири ҷаҳон” ва “тасвири консептуалии ҷаҳон” ифодакунандаи мафҳуми умумӣ буда, онҳо баробарарзиш мебошанд. Бояд тазаккур дод, ки масъалаи таносуби мафҳумҳои “тасвири ҷаҳон” ва “тасвири консептуалии ҷаҳон” баҳснок буда, бархе аз забоншиносон кӯшиш мекунанд, ки миёни онҳо тафоввут муайян кунанд. То ҳол меъёрҳои фарққунанда миёни мафҳумҳои зикргардида норавшан боқӣ мондаанд. Забоншинос А.Е. Шербинина ин ду мафҳумҳоро аз ҳам ҷудо намуда, онҳоро мухталиф шарҳ додааст. Забоншинос мафҳуми

“тасвири ҷаҳон”-ро ҳамчун “маҷмуи андешаҳои инсон дар бораи ҷаҳон ва худаш” муайян карда, “тасвири консептуалии ҷаҳон”-ро ҳамчун воқеияте, ки тавассути мафҳумҳои дар асоси тасаввуроти инсон ташаккулёбанда дар тафаккур ӯ инъикос меёбад, шарҳ додааст [116, 223-224]. Бинобар ақидаи А.Е. Шербинина “тасвири ҷаҳон” натиҷаи маҳсули шуур буда, “тасвири консептуалии ҷаҳон” дар тафаккури инсон таҷассум меёбад, яъне мафҳуми дуюм танҳо ба фаъолияти равонии инсон мансуб аст. Дар ҷараёни азхудкунии муҳити атроф донишҳо ба категорияҳои муайян тақсим шуда, заминаи шинохтӣ (консептуалӣ)-ро дар шуури инсон ташкил медиҳанд. Дар асоси тафсири донишҳову иттилооти бадастовардашуда аз тарафи инсон тасвири консептуалии ҷаҳон ташаккул меёбад, ки таҷрибаи инфиродӣ ва оммавиро дар бар мегирад. Тасвири консептуалии ҷаҳон дар тасвири забонии ҷаҳон, гарчанде мукаммал набошад ҳам, ифодаи забониро пайдо мекунад.

Ивитская О.Д. бошад, тасвири консептуалии ҷаҳонро ҳамчун як навъи тасвири ҷаҳон муайян намуда, қайд кардааст, ки тасвири консептуалии ҷаҳон назар ба тасвири забонии ҷаҳон маънии васеътарро ифода намуда, дар ташаккули он намудҳои гуногуни тафаккур, аз ҷумла, афкори бо нутқ ифоданашаванда иштирок менамояд [32, 122]. Забоншиноси мазкур низ миёни ин ду мафҳумҳо ҳудудгузорӣ намуда, онҳоро аз ҳам ҷудо карда, тасвири консептуалии ҷаҳонро ба таркиби тасвири ҷаҳон ворид менамояд.

Олим ва забонишиноси дигари рус А.Д. Хуторянская бошад баръакс истилоҳҳои “тасвири ҷаҳон” ва “тасвири консептуалии ҷаҳон”-ро якмаъно шуморида, бар он ақидааст, ки дар забоншиносӣ истилоҳи “тасвири ҷаҳон” маъмултар буда, дар фалсафа истифодаи истилоҳи “тасвири консептуалии ҷаҳон” бартарӣ дорад. Дар психология бошад, барои ифодаи тасаввуроти дар шуури инсон инъикосёфта истилоҳи “симои ҷаҳон” истифода мегардад [112, 3]. Бинобар ақидаи А.Д. Хуторянская ҳарду истилоҳи мавҷуда, “тасвири ҷаҳон” ва “тасвири консептуалии ҷаҳон” ифодакунандаи маълумотҳо, ақидаҳо, донишҳову тасаввуроти инсонӣ дар бораи воқеияти объективӣ буда,

инсон онҳоро тавассути қувваҳои ҳиссии панҷгона дарк ва қабул менамояд, ки онҳо дар шуури ӯ дар шакли қолабҳо таҷассум меёбанд.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар забоншиносии муосир бештари таърифҳои барои ифодаи мафҳумҳои “тасвири ҷаҳон” ва “тасвири консептуалии ҷаҳон” пешниҳодгардида ба ҳам комилан мувофиқанд. Барои мисол, истилоҳи “тасвири ҷаҳон” аз тарафи забоншинос Ю.Д. Апресян ҳамчун “маҷмуи андешаҳои шахс дар бораи воқеияти объективии атрофи ӯ” [3, 1] ва аз тарафи М.В. Пименова ҳамчун “маҷмуи дониш ва андешаҳои субъект оид ба воқеияти объективӣ” [80, 118] таъриф гардидаанд. Тасвири консептулаии ҷаҳон бошад, дар забоншиносӣ ҳамчун тасвири ҷаҳоне фаҳмида мешавад, ки дар зеҳни мо дар шакли консептҳои мураттабу муназзам таҷассум ёфтааст [179]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки ақидаи А.Д. Хуторянская роҷеъ ба муродифи ҳамдигар донистани мафҳумҳои “тасвири ҷаҳон” ва “тасвири консептуалии ҷаҳон” дуруст мебошад.

Шарҳи мафҳуми “тасвири консептуалии ҷаҳон” аз тарафи забоншиносон мухталиф мебошанд. Забоншинос В.И. Попов [81, 115] тасвири консептуалии ҷаҳонро пурра ба соҳаи равонӣ мансуб дониста, онро аз ифодаи забонӣ орӣ медонад. Ба ақидаи мазкур розӣ шуда наметавон, зеро новобаста аз оне, ки тасвири консептуалии ҷаҳон аз консептҳо таркиб ёфта, бештари онҳо танҳо барои амалӣ кардани раванди фикронӣ хизмат мекунанд ва дар забон ифодаи худро намеёбанд, мо гуфта наметавонем, ки тасвири консептуалии ҷаҳон шакли дар забон ифодаёфта надорад, яъне бештари консептҳои дар шуури инсон таҷассум ёфта, дар забони ӯ тавассути воҳидҳои луғавӣ инъикос меёбанд. Ин далели он аст, ки тасвири конскептуалии ҷаҳон қисман ифодаи худро дар нутқи соҳибзабонон меёбад.

Назарияи пешниҳодкардаи забоншинос В.И. Попов аз тарафи аксари забоншиносон, аз қабили А.Вежбитская [17], Н.Д. Арутюнова [6], А.П. Бабушкин [11], Г.Г. Слишкин [94], О.И. Хафизова [108] ва дигарон инкор карда шудааст. Забоншиносони мазкур бар он ақидаанд, ки консептҳо воҳиди асосии тасвири консептуалии ҷаҳон буда, қисми зиёди онҳо дар забон

ифодаи забонии худро меёбанд. Масалан, забоншинос О.И. Хафизова қайд менамояд, ки “Тасвири консептуалии ҷаҳон дар лексемаҳо, ибораҳо, воҳидҳои фразеологӣ, гурӯҳҳои калони калимаҳо, ҳавзаҳои маъноӣ, матнҳо инъикос ёфта, тасвири забонии ҷаҳонро ташаккул медиҳад” [108, 21]. Тасвири консептуалии ҷаҳон дар байни одамони гуногун метавонад умумият дошта бошад, зеро механизмҳои тафаккур умуман якхела мебошанд. Чун забон ягона ва беназир аст ва он яке аз воситаҳои дарки олам ба ҳисоб меравад, аз ин рӯ, дар таркиби тасвири консептуалии ҷаҳони одамон тафоввутҳо низ ба назар мерасанд.

Забон яке аз василаҳоест, ки тавассути он инсон фикри худро баён мекунад. Тафаккури инсон дар забон инъикос меёбад. Роҷеъ ба масъалаи мазкур ақидаи забоншинсон мухолифи ҳамдигар мебошанд. Бархе аз забоншиносон [95, 113; 51, 123] бар он ақидаанд, ки механизми тафаккур бо забон алоқаманд аст ва бидуни забон тафаккур вуҷуд надорад, яъне инсон тавассути забон андешаву фикронӣ намуда, донишҳои марбут ба оламро бо ин васила дармеёбад. Дигаре аз забоншиносон [27, 36-37; 93, 112] бар ин назаранд, ки тафаккур ҳам забонӣ ва ҳам ғайризабонӣ буда метавонад. Аз ҷумла, Серебренников Б.А. қайд менамояд, ки “Мавҷудияти тафаккур бидуни калима ба мисли тафаккур дар асоси калимаҳо имконпазир мебошад [93, 112], яъне тафаккури инсон, раванди фикронии ӯ ва ба дастовардани донишҳо аз тарафи ӯ ба калима вобастагӣ надорад.

Миёни тафаккур ва забон робитаи ногусастанӣ ба назар мерасад ва ин робита аз тарафи ҳамаи муҳаққиқон эътироф гардидааст, аз ин рӯ, бо боварии комил гуфта метавон, ки тасвири консептуалии ҷаҳон дар низоми луғавии забонҳо таҷассум ёфта, тасвири забонии ҷаҳонро муайян мекунад. Чунон ки Е.С. Кубрякова қайд менамояд, робитаи тасвири забонии ҷаҳон ва тасвири консептуалии ҷаҳон маҳз тавассути калима сурат мегирад [45, 52]. Бинобар ақидаи забоншинос воситаи асосии дастрасӣ ба тасвири консептуалии ҷаҳони одамон калима ба ҳисоб меравад. Таҳқиқ ва таҳлили калима имкони муайян кардани моҳияти консептро фароҳам меорад, ки он асоси тасвири

консептуалии ҷаҳон мебошад.

Ҳамин тавр, тасвири консептуалии ҷаҳон як навъ тафсири воқеият мебошад, ки дар шакли низоми консептҳо сохта шуда, дар забон ифодаи худро ёфтааст. Қисмати дар забон ифодаёфтаи тасвири консептуалии ҷаҳон тасвири забонии ҷаҳон номида мешавад, ки он ифодакунандаи “хусусиятҳои хоси семантикаи забони муайян буда, бо ин васила онро аз дигар забонҳо фарқ мекунонад” [93, 6].

Мафҳуми “тасвири забонии ҷаҳон” аз ақидаҳои В. фон Ҳумболдт ва неоҳумболдиҳо (Вайсгербер ва дигарон) дар бораи шакли дохилии забон ва фарзияи нисбияти лингвистикии Сепир-Уорф сарчашма гирифтааст.

В. фон Ҳумболдт забонро эҷодкунандаи воқеият дар шуури инсон мешуморад. Ба ақида ӯ “забон дар шуур ташаккул ёфта, рӯҳи халқро инъикос менамояд” [22]. В. фон Ҳумболдт аввалин забоншиносест, ки ақидаи гузаронидани омӯзиши забонро дар ҳамбастагӣ бо дастовардҳои тафаккур ва шуури инсон ва хусусиятҳои ҳаёти фарҳангӣ ва руҳонӣ пешниҳод намудааст. Инчунин, ӯ нақши асосии забонро дар шуури инсон баён намуда, робитаи ногусастании байни забон ва ҳаёти рӯҳонӣ, фарҳангӣ ва зеҳнии инсонро нишон додааст.

“Тасвири забонии ҷаҳон” ин тасвири ягонаест, ки ба воситаи забон ҳамаи он чизҳои моро иҳотакарда номбар шудаанд [114, 15]. Тасвири забонии ҷаҳон ҷамъи донишҳои инсонӣ доир ба муҳити атроф мебошад, ки дар лексика, фразеология ва грамматика таҷассум ёфта, аз насл ба насл интиқол меёбанд. Забоншиносон З.Д. Попова ва И.А. Стренин “тасвири забонии ҷаҳон”-ро ҳамчун маҷмуи тасаввурот оид ба олами атроф, ки бо ёрии воситаҳои забонӣ дар як даврони муайяни таърихӣ сабт гардидааст, тавсиф намудаанд. Ба ақидаи онҳо, “тарзу воситаҳои тафаккури халқ дар забон сабт гардида, ба таври шифоҳӣ ифода меёбанд. Тавассути омӯзиши тасаввурот доир ба воқеияте, ки ба воситаи забон дар давраи муайяни инкишофи халқ ифода шудааст, тафаккур ва шуури халқи мазкур ва инчунин тасвири консептуалии ҷаҳонро дар он муайян метавон кард” [83, 6].

Муҳаққиқи тоҷик Н.К. Бойматова тасвири забонии ҷаҳонро ҳамчун маҷмуи донишҳое муайян кардааст, ки дар шакли забонӣ сабт шудаанд [14, 39]. Бинобар ақидаи ӯ маҳз забон муҳимтарин объекти таҳқиқи шинохтӣ буда, дар натиҷа он муҳимтарин воситаи ташаккул ва мавҷудияти дониши инсон дар бораи олам ба ҳисоб меравад [14, 39].

Дар ин ҷо нуктаеро бояд қайд кард, ки роҷеъ ба пайдоиши "тасвири забонии ҷаҳон" ва "тасвири консептуалии ҷаҳон" забоншиносон назарияҳои мухталиф пешниҳод намудаанд. Масалан, забоншиноси рус В.А. Маслова, бар он ақидааст, ки "тасвири забонии ҷаҳон пеш аз тасвири консептуалии ҷаҳон ба вуҷуд омада, онро ташаккул медиҳад, зеро инсон танҳо тавассути забон метавонад олам ва худро дарк намояд" [53, 52]. Қобили зикр аст, ки изҳороти мазкурро баҳсбарангез шуморидан мумкин аст, зеро на забон балки маҳз олами гирду атрофи мо асоси ташаккули консептҳо мебошад. Гузашта аз ин, дар таркиби тасвири консептуалии ҷаҳон баъзе консептҳое мавҷуд ҳастанд, ки дар забон ифодаи худро наёфтаанд. Ногуфта намонад, ки таҷрибаи иҷтимоию таърихӣ маҳз дар забон сабт мешавад, ки бешубҳа ба инкишоф ва ташаккули тавсири конеспуталии ҷаҳон таъсири бевосита мерасонад. Аз ин бармеояд, ки тасвири консептуалии ҷаҳон бидуни тасвири забонӣ вуҷуд дошта метавонад ва тасвири забони ҷаҳон танҳо ба дигарсозии он мусоидат меанамояд.

О.А. Корнилов тасвири забонии ҷаҳонро ҳамчун "низоми мухтасари ифодаёфтаи "қолиб" тавсиф намудааст" [42, 80]. Низоми мазкур барои ба шакли муайян даровардани воситаи миллии дарки ҷаҳон истифода шуда, зоҳиршавӣ ва сохторикунонии табиати миллиро муқаррар месозад. Бе донистан ва фаҳмидани қолиби мазкур асоси фарҳанги миллиро дарк намудан мушкил аст. Зери мафҳуми "қолиб" ҳамон донишу тасаввуротҳои инсонӣ дар бораи олами воқеӣ, яъне тасвири консептуалии ҷаҳон фаҳмида мешавад. Аз шарҳи пешниҳоднамудаи О.А. Корнилов бармеояд, ки тасвири консептулаии ҷаҳон пеш аз тасвири забонии ҷаҳон ба вуҷуд омада, барои ташаккули тасвири забонӣ замина мегардад, яъне нутқи инсон дар асоси

тасвири консептуалии ҷаҳони ӯ инкишоф меёбад.

Истилоҳҳои “тасвири консептуалии ҷаҳон” ва “тасвири забонии ҷаҳон” ду истилоҳи алоҳида буда, онҳо мафҳумҳои гуногунро ифода мекунанд. Илова бар ин, тасвири консептуалии ҷаҳон доимо тағйирёбанда буда, тасвири забонии ҷаҳон муддати дароз бетағйир мемонад, яъне дар он донишҳо хеле вақт устувор боқӣ мемонанд. Тасвири забонии ҷаҳон ҷанбаи таърихӣ дошта, дар он донишҳо бо мурури замон инъикос ёфта, муддати тулонӣ ҳифз мегарданд. Тасвири забонии ҷаҳон ин низоми ақидаҳо дар бораи ҷаҳон мебошад, ки дар тафаккури ин ё он ҷомеаи забонӣ таърихан инкишоф ёфта, дар забон, тарзи муайяни дарки воқеиятро аз тарафи ҷомеаи муайян инъикос мекунад [25, 15]. Забон воситаи асосии дастрасӣ ба ҷаҳонбинии консептуалӣ мебошад, зеро тасвири забонии ҷаҳон ҷузъи тасвири консептуалӣ ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Новобаста аз ин, забон тасвири консептуалиро пурра инъикос карда наметавонад, зеро тасвири консептуалии дар тафаккури инсон таҷассумёфта пурра дар забон ифода намеёбад. Чӣ тавре ки забоншинос Р.Р. Замалетдинов “фикр дар забон пурра сабт нашудааст, танҳо ҷанбаҳои муҳимтарини он ифодаи забонӣ пайдо мекунанд” [28, 253]. Ин гуфтаҳо далели онанд, ки таҳлили тасвири забонии ҷаҳон имкон медиҳад, то тафаккури мардум таҳқиқ карда шавад, яъне ба тасвири консептуалии ҷаҳони соҳибзабонон метавон тавассути таҳлили тасвири забонии ҷаҳони онҳо дастрасӣ пайдо намуд.

Баъд аз таҳлили фикру ақидаҳои забоншиносон ба хулосае омадан мумкин аст, ки тасвири консептуалии ҷаҳон асоси шуури фардӣ ва ҷамъиятиро муайян мекунад. Ҳар як миллату халқият дар бораи ҷаҳон ақидаҳои хоси худро дорад ва миёни тасаввуроти мардумони гуногунзабон ба ҷузъ хусусиятҳои умумӣ, вижагиҳои хос низ ба назар мерасанд. Мукаммалии дониш, хусусияти онҳо на танҳо дар байни мардумони фарҳангҳои гуногун, балки дар байни намояндагони як фарҳанг низ фарқ мекунад. Илова бар ин, соҳибони забонҳои гуногун метавонанд дар шароити муайян тасвирҳои консептуалии ҷаҳон якхела дошта бошанд, дар ҳоле ки

соҳибони як забон метавонанд тасвирҳои гуногун дошта бошанд. Тасвири консептуалии ҷаҳон тавассути воҳидҳои луғавии забонӣ қисман дар забони муайян инъикос меёбад, ки он тасвири забонии ҷаҳони як халқияти муайянро ташаккул медиҳад. Ин аст, ки тасвири забонии ҷаҳон объекти таҳқиқи тасвири консептуалии ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Азбаски тасвири консептуалии ҷаҳон аз консептҳо таркиб ёфтааст, аз ин рӯ, барои таҳлили моҳияту таркиби ҳамагуна консепт дар забони муайян зарурати таҳлили тасвири забонии ҷаҳони соҳибзабонон ба миён меояд. Аз ин рӯ, барои муайян кардани сохту таркиби консепти “гул” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мо воҳидҳои луғавӣ, воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо, шеъру ғазалҳои ин забонҳоро ҳамчун объекти таҳқиқ муайян кардем.

1.2. Консепт ҳамчун категорияи консептуалии забоншиносӣ

Дар забоншиносии муосир тамоюли омӯзиши забон ҳамчун воситаи пурмаҳсули тафсири донишҳои инсонӣ дар бораи олам ва фарҳанг вуҷуд дорад. Забон василаи асосӣ барои роҳ ёфтан ба тафаккур ва табиати равонии инсон ба ҳисоб рафта, он тавсифкунандаи халқу миллат мебошад. Дар забон донишҳои шахсӣ ва оммавӣ инъикос меёбанд, аз ин рӯ, забон “барои дарки услуби шахсият ва дар баробари он, барои фаҳмидани воқеаҳои ҳаёти наслҳои гузашта роҳ мекушояд” [26, 131]. Бо таҳқиқи забонҳо метавон ба шуури ҷамъиятӣ, ба консептҳои дар шуури инсон таҷассумёфта дастрасӣ пайдо намуд. Имрӯзҳо мафҳуми “консепт” дар як қатор илмҳо, аз қабили забоншиносии шинохтӣ ва фарҳангӣ омӯхта мешавад.

1.2.1. Ҷанбаҳои консептуалии забоншиносии шинохтӣ

Забон низоми мураккабе маҳсуб меёбад, ки аз рамзҳои гуфтугӯ, имову ишорат ва рамзҳои хаттӣ таркиб ёфта, тавассути онҳо одамон бо ҳамдигар муошират менамоянд. Таввасути забон одамон фикру андешаҳои худро баён мекунанд. Инчунин, забон василаи интиқоли донишу таҷрибаи инсонӣ аз

насл ба насл мебошад. Дар забон донишҳо дар бораи муҳити атроф ҳифз мегардад ва он дар инкишофи тафаккур нақши бевосита дорад.

Забон падидаи мураккаби иҷтимоӣ буда, таваҷҷуҳи олимони соҳаҳои илмҳои гуногунро ба худ ҷалб намудааст. Бинобар ақидаи В. фон Ҳумболдт забон зуҳуроти ягонаест, ки хусусиятҳои хостарини рафтор ва рӯҳияи ахлоқро ифода намуда, ҳамчун воситаи асосӣ барои ворид шудан ба ҷаҳони онҳо ба шумор меравад [22, 373].

Забон бо тафаккур робитаи тафриқанопазир дорад. Тафаккур шакли олии инъикоси олам дар шуур ба шумор меравад. Он барои равандҳои инкишофи амалиёти таҳлилӣ дар майнаи сар масъул буда, барои шинохти олами атроф кумак мерасонад. Асоси робитаи забон ва тафаккурро воқеият, фаъолияти меҳнатии одамон ташкил медиҳад, ки бе он мавҷудияти забон ва тафаккур имконнопазир мебошад. Маҳз ба воситаи тафаккур алоқаи забон ва воқеияти объективӣ ба амал меояд. Робитаи забон ва тафаккурро олимон дар он медонанд, ки забон василаи ташаккул, баён ва иртиботи афкор аст. Ин алоқа пеш аз ҳама аз он иборат аст, ки воҳиди тафаккур, яъне мафҳум ва мулоҳизаҳо тавассути воҳидҳои алоҳидаи забонӣ, дар маҷмуъ забон ифода мешаванд: мафҳумҳо бо калима ё ибораҳои алоҳида ва мулоҳизаҳо дар ҷумла ифода меёбанд.

Дар забон калима, ибора ва ҷумлае вуҷуд надорад, ки ифодакунандаи маъно ё инъикоскунандаи фикр, мафҳум ва ё мулоҳизае набошад. Ичнунин, мавҷудияти фикр дар шакли мафҳум ё мулоҳиза бидуни ифодаёбӣ дар забон ғайриимкон мебошад. Омили асосии ташаккули маъноҳои забонӣ, инъикоси воқеияти объективӣ дар раванди фаъолияти маърифат дар тафаккури инсон мебошад, ки хусусияти мантиқӣ дорад [76, 41].

Новобаста аз мавҷудияти алоқа ва равобити зич байни забон ва тафаккур, онҳо падидаҳои нисбатан мустақил мебошанд. Онҳо мувофиқи қонунҳои худ амал мекунанд. Забон ва тафаккур тибқи қонунҳои тамоман дигар фаъолият мекунанд ва инкишоф меёбанд, яъне миёни қонуниятҳои онҳо ягонагӣ мушоҳида намегардад. Дар ҷаҳон забонҳои зиёде мавҷуданд ва

ҳар яке аз онҳо қонунҳо, қоидаҳои махсуси худро доро мебошанд, яъне забон хусусияти инфиродӣ дорад. Қонунҳои тафаккур бошад, баръакс умумӣ буда, хусусияти умумибашарӣ доранд. Ба ақидаи олимон сохтори мантиқии тафаккур барои ҳамаи одамони дунё, новобаста аз забоне, ки онҳо барои ташаккул ва баёни андеша истифода мекунанд, як мебошад. Бе ин равобити зеҳнии халқҳо, тарҷумаи матн аз як забон ба забони дигар ғайриимкон мебошад [40, 104].

Забон моддӣ аст, воҳидҳои он ифодаи моддӣ, қабати овозӣ дошта, тавассути узвҳои эҳсосу сомеа қабул карда мешаванд. Таффаккур бошад идеалӣ аст, фикр таҷассуми моддӣ надорад. Забон ба амалӣ шудани тафаккур, инкишоф ва такмили он мусоидат мекунад. Мақсади асосии он аз ифода намудани баён, муошират кардан ва интиқол додани фикр иборат мебошад. Тафаккур бошад, ҳамчун манбаи ба даст овардани донишҳои нав, такмил ва рушди онҳо ба ҳисоб меравад. Чӣ тавре ки В.И. Кодухов иброз менамояд: “мақсади тафаккур ба даст овардани донишҳои нав, ба низом даровардани онҳост, дар ҳоле ки забон танҳо ба фаъолияти маърифатӣ хизмат карда, барои ташаккули афкор, таҳкими дониш ва интиқоли онҳо мусоидат мекунад” [39, 48].

Ҳамин тариқ, тафаккур ҷузъи асосии шуур буда, мувофиқан ба равандҳои он дохил мешавад. Пас дар баробари бо тафаккур робита зич доштани забон, он бо шуур дар алоқаи ҷудонопазир ва таъсири мутақобила арзи ҳастӣ дорад. Масъалаи робитаи забон ва шуур дар маркази таҳқиқоти олимону забоншиносон қарор дорад, зеро омӯзиши ин масъала имкон медиҳад, ки на танҳо табиати худи шуур ва забон ҳамчун падидаҳои беназир муайян карда шавад, балки таҳқиқи он инчунин имкон медиҳад, ки инкишофи инсон, раванди ташаккули шуур ва худшиносии ӯ натанҳо дар сатҳи таҳаввулию иҷтимоӣ, балки дар сатҳи инфиродӣ муайян карда шавад. Шуур ва забон ду ҷузъи муҳимтарини шахсияти инсон мебошанд, ки танҳо тавассути таҳқиқи якҷояи онҳо, моҳияти шууру забон ба пуррагӣ муқаррар карда мешавад, чунки шуур ба ташаккули забон ва забон ба инкишофи шуур

мусоидат менамояд. Дарки ҷаҳон тавассути қувваҳои ҳиссӣ сурат гирифта, тасвирҳоро дар шуури инсон таҷассум менамояд ва баъдан он фаҳмишҳо тавассути забон ба мафҳумҳо мубаддал гардида, дар тафаккур инъикос меёбанд. Ин раванд шуур, тафаккур ва забонро ба ҳам мепайвандад. Омӯзиши шуур низ бо ин силсила ба роҳ монда мешавад. Инсон дар нутқ фикру ҳиссиёти худро ифода мекунад, аз ин рӯ, барои таҳқиқи шуур бояд забон ва сохторҳои забонӣ мавриди таҳлил қарор гирад. Ҳамин тавр, таъсири мутақобилаи забон ва шуур дар он зоҳир меёбад, ки шуур ба пайдоиши забон замина гузошта, забон дар навбати худ бо меъёрҳои таърихан муқарраршудааш ба рушди шуур мусоидат менамояд.

Масъалаи дарки ҷаҳон аз тарафи инсон ва таҷассумёбии ин фаҳмишҳо дар шуури ӯ дар маркази диққати олимону забоншиносон буд ва то ба имрӯз боқӣ мемонад. То пайдоиши тенхнолигияи навтарин, ки имкони таҳқиқи майнаи сари инсонро ҳаматарафа фароҳам меорад, ҳалли масъалаи мазкур имконнопазир буд. Аммо бо ташакулли илму технолгияи муосиру замонавӣ барои олимону забоншиносон имкон пайдо гашт, ки майнаи сари инсон, фаъолияти он, равандҳои дар он амалаишавандаро пурра таҳқиқ намоянд.

Ҳангоми омӯзиши раванди маърифатии инсон олимону забонишносон кушиш менамоянд, ки василаи роҳёбӣ ба шуури ӯро пайдо намоянд. Забоншиносон забонро воситаи асосии дастрасӣ ба шуури инсон медонанд. Забоншиноси амрикоӣ А.Н.Хомский қайд менамояд, ки “Таҳқиқи махсуси сохтори забон метавонад ба дарки шуури инсон мусоидат намояд” [110, 6]. Дар ин раванд забон мақоми “равзана”-и шуури инсониро гирифт [117, 96] ва сохторҳои забонӣ бошанд, маводи моддӣ дар таҳқиқи тасвири ҷаҳон гардидаанд. Ин аст, ки дар нимаи дуюми асри 20 – ибтидои асри 21 самтҳои нав дар илми забоншиносӣ, аз қабили забоншиносии тавлидӣ, забоншиносии ҷамъиятӣ, забоншиносии равонӣ, забоншиносии шинохтӣ ва забоншиносии фарҳангӣ пайдо шуданд, ки ба ташаккули онҳо тамоми ҳаёти инсоният ва рушди илми ин давра таъсири бевосита расонидаанд. Дар маркази диққати самтҳои навтаъсис инсон ва нақши ӯ дар ташаккулу рушди забон истода, ҳар

яке аз онҳо ба омӯзиш ва таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти инсонӣ равона гардидаанд. Аз ҷумла, забоншиносии шинохтӣ, ки яке аз маъруфтарин соҳаҳои муосири забоншиносӣ ба ҳисоб меравад, ба омӯзиш ва таҳқиқи масоили таносуби забон ва шуур, нақши забон дар дарк ва гурӯҳбандии донишҳо дар бораи муҳити атроф, робитаи қобилиятҳои маърифатии инсон бо забон ва шаклҳои ташаккули онҳо машғул мебошад.

Асоси ташаккули забоншиносии шинохтиро илмҳои равоншиносӣ, нейрофизиология, фалсафа, этнография, назарияи зеҳни сунъӣ, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ, забоншиносии муқоисавӣ, этнография, забоншиносии қавмӣ ва амсоли инҳо ташкил медиҳанд.

Дар рушди забоншиносии шинохтӣ нақши забоншиносии муқоисавӣ ва забоншиносии қавмӣ муҳим арзёбӣ мегардад, чун онҳо вижагиҳои умумӣ ва хоси миллии забонҳои гуногуни ҷаҳонро таҳқиқу баррасӣ менамоянд. Дар рушди забоншиносии шинохтӣ саҳми забоншиносони англис Ҷ. Лакофф [121, 120, 122], Р. Лангакер [123], Э. Рош [125], Л. Талми [126], Ч. Филлмор [118], М. Ҷонсон [119] беназир мебошад. Корҳои таҳқиқотии онҳо ба ташаккул ва рушди забоншиносии шинохтӣ замина гузоштаанд. Дар солҳои охир забоншиносони тоҷик низ ба самти мазкур таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, як қатор корҳои илмиву таҳқиқотиро ба анҷом расонидаанд. Аз ҷумла, забоншиносону муҳаққиқони тоҷик Ф.М. Турсунов [102], С.Қ. Матробиён [55], М.М. Имомзода [33], Х.Х.Мирзоев [62], Ш.К. Фозилова [105], М.А. Маҳмудзода [59], С.С. Раҳимӣ [85], Д.Х. Ахмедова [9] ва дигарон ба таҳқиқи ҷанбаҳои шинохтии консептҳои гуногун машғул шудаанд.

Мавзуи баҳси забоншиносии шинохтӣ сохтор ва фаъолияти шуур ва робитаву таъсири он ба забони инсон мебошад. Барои таҳқиқи масъалаи муносибати забон ва шуур забоншиносии шинохтӣ дар назди худ вазифаҳои зеринро мегузорад:

1) Муайян кардани нақши забон дар раванди шинохт ва дарки ҷаҳон;

2) Таносуби сохторҳои маърифатии шуур бо воҳидҳои забонӣ;

3) Иштироки забон дар равандҳои ба даст овардан, коркард кардан ва интиқол додани маълумот дар бораи олами атроф;

4) Фаҳмидани равандҳои дарк ва гурӯҳбандии донишҳо, тавсифи воситаҳо ва усулҳои консепткунонӣ ва категориякунонии падидаҳои фарҳангӣ;

5) Тавсифи низоми консептҳои умумие, ки маҷмуи консептҳоро ташкил карда, таснифгарии асосии он мебошанд;

6) Муайян намудани таносуб миёни ҷаҳонбинии илмӣ ва рӯзмарра бо ҷаҳонбинии забонӣ [53, 34].

Аз вазифаҳои забоншиносии шинохтӣ маълум мегардад, ки он ба омӯзишу баррасии равандҳои равонӣ ва дарки воҳидҳои маъноӣ равона гашта, мафҳум ва объекти асосии таҳқиқи он “консепт” ҳисоб меёбад.

С.А. Асколдов-Алексеев консептро ҳамчун “эҷоди тахаюлие, ки дар раванди фикрронӣ маҷмуи номуайяни ашёи якхеларо дар тафаккури мо ҷой медиҳад” маънидод кардааст [8, 269].

Ақидаи С.А. Асколдов-Алексеев аз тарафи забоншинос Д.С. Лихачев дастгирӣ ёфта, дар асоси ақидаи ӯ Д.С. Лихачев консептро ҳамчун “эҷоди зеҳнӣ, ки дар раванди андешаронӣ як қатор предметҳои якхеларо дар шуури мо ҷой менамояд” шарҳ додаст [48, 4].

Консепт воҳиди асосии забоншиносии шинохтӣ ба шумор рафта, он яке аз шакли таҷассуми дониши касбкарда дар шуури инсон мебошад. Донишҳои касбгардида дар тули қарнҳо ҷамъоварӣ гашта, дар як шакл ва тартиби муайян дар шуур ҳифз мегарданд. Истилоҳи “консепт” дар илмҳои гуногун, аз қабили мантиқ, матниқи математикӣ, фарҳангшиносӣ, забоншиносӣ, забоншиносии шинохтӣ ва фарҳангӣ истифода мегардад, ки ҳар яке аз ин илмҳо истилоҳи мазкурро бо таври хос шарҳ медиҳанд. Дар забоншиносии шинохтӣ истилоҳи “консепт” ҳамчун истилоҳи хизматрасоне шарҳ дода шудааст, ки “барои эзоҳи воҳиди сарчашмаҳои равонии манбаи фаҳмиши мо ва сохтори иттилоотие, ки дониш ва таҷрибаи инсонро инъикос менамояд, равона шудааст; он воҳиди фаврии нигоҳдорандаи хотира, захираи

луғавии зеҳнӣ, низоми консептуалӣ ва забони ақли (lingua mentalis) ҳамагуна тасвири ҷаҳон ва равони инсоният мебошад” [132, 90].

Ҳамин тавр, барои намояндагони самти забоншиносии шинохтӣ, аз ҷумла забоншиносон Е.С. Кубрякова [44], Н.Н. Болдирев [15], И.А. Стернин [83], Д.З. Попова [83], А.П. Бабушкин [11] консепт падидаи зеҳнӣ буда, он ҳамчун “кванти дониш” [132, 90] шарҳ ёфтааст.

Зери мафҳуми “кванти дониш” дар забоншиносӣ ҳаҷми ақалии он донишҳову малумотҳое фаҳмида мешавад, ки субъект дар раванди дарки ҷаҳон азхуд менамояд. Истилоҳи “квант” хоси илми физика буда, дар забоншиносии шинохтӣ он барои ифодаи воҳиди ченаки дониш истифода мегардад.

Забоншинос В.Н. Телия таърифи консептро ба таври зайл меоварад: “Консепт дониш аст, ки дар як чорчӯба тарҳрезӣ шудааст, яъне консепт на танҳо аломатҳои воқеии ашёро, балки ҳамаи он аломатҳое, ки дар як гурӯҳи забонӣ бо дониш доир ба воқеият пур мешавад, инъикос менамояд” [98, 6].

Забоншиносон З.Д. Попова ва И.А. Стернин консептро бо тарзи тамоман дигар шарҳ додаанд. Аз нуктаи назари онҳо консепт натиҷаи номуттасили зеҳниест, ки воҳиди асосии рамзи фикр ба шумор рафта, дорои таркиби нисбатан ба низом даровардашуда мебошад [83, 24].

Консепт ифодакунандаи фаъолияти маърифатии фард ё ҷомеа буда, он маълумоти пурра ва энсиклопедии падидаю ашёҳои инъикосшавандаро дар бар дорад. Консепт маълумотро аз тарафи шуури ҷамъиятӣ шарҳ дода, муносибати шуури ҷамъиятиро нисбати ин падида ё ашё нишон медиҳад. Консептҳо дониши муҳимро доир ба ҷаҳон дар бар гирифта, онро дар шуури инсон таҷассум менамояд. Чӣ тавре ки забоншинос М.В. Пименова қайд менамояд: “Консепт хусусиятҳои дараҷабандӣ ва муҳими дониш доир ба як қисмати ҷаҳон бударо инъикос менамояд. Дар таркиби консепт аломатҳое, ки барои фарҳанги муносиб аз нигоҳи вазифа муҳиманд, таҷассум меёбанд” [79, 10].

Бинобар ақидаи забоншинос Н.Н. Болдирев консептҳо таҷассумгари он воҳидҳои хаёлӣ, тадриҷгардидае мебошанд, ки дар раванди фикрронӣ инсон аз маъноҳои онҳо истифода мебарад. Онҳо инъикосгари донишҳо, таҷрибаҳои бадастоварда ва натиҷаи фаъолияти инсон, натиҷаи дарки муҳити атроф аз тарафи ӯ ҳамчун воҳидҳои муайян, “квантҳои дониш” мебошанд. Инсон бо консептҳо меандешаду тасаввур мекунад [15, 23-24].

Забоншинсон В.А. Маслова истилоҳи консептро чунин шарҳ додааст: “Консепт ин истилоҳест, ки воҳидҳои зеҳнӣ ва равонии шуури инсон ва таркиби маълумотеро, ки таҷассумгари дониш ва таҷрибаи инсон аст, мефаҳмонад” [53, 45].

Ҳамин тавр, ақидаи Н.Н. Болдирев ва В.А. Масловаро доир ба он ки консепт воҳиди зеҳнӣ ва равонии инсон буда, таҷассумгари донишҳо ва таҷрибаҳои бадастоварда ва натиҷаи фаъолияти инсон, натиҷаи дарки муҳити атроф аз тарафи ӯ мебошад, метавон пурра дастгирӣ кард. Воқеан, консепт маҷмуи маълумот, донишҳо, тасаввурот ва таҷрибаҳоест, ки инсон дар тӯли ҳаёти маънавӣ ва моддии худ ба даст овардааст.

М.В. Пименова истилоҳи “консепт”-ро ҳамчун “маҷмуи аломатҳое, ки як қисмати ҷаҳон ва ё як ҷузъи ин қисматро дар воҳидҳои забонӣ ифода менамояд” [79, 161] шарҳ додаст. Бояд тазаккур дод, ки консепт на воҳиди забонӣ, балки воҳиди зеҳнӣ буда, он аломатҳои ҷаҳонро дар шуур, на дар забон таҷассум менамояд. Шарҳи пешниҳоднамудаи М.В. Пименова пурра набуда, он моҳияти конесптро қисман ифода менамояд, зеро дар он консепт ҳамчун воҳиди забонӣ тасвир гардидааст.

Ба ақидаи забоншиносон Стивенс Лоренс ва Эрик Марголис консепт шарҳи асоситарин дар назарияи тафаккур мебошад [124, 67].

Бинобар ақидаи Бабушкин А.П. “консепт воҳиди номутассили шуури ҷамъиятист, ки ашёи дунёи воқеӣ ё хаёлиро таҷассум менамояд ва дар хотираи миллии соҳибзабонон ҳамчун мабдаи забонӣ ифодаёфта ҳифз мегардад” [11, 95]. Қайд кардан ҷоиз аст, ки ба ҷузъ он консептҳое, ки ифодаи забонии худро ёфтаанд, дар шуури инсон, инчунин консептҳое

мавҷуд ҳастанд, ки ифодаи забонӣ наёфтаанд, яъне на ҳама консептҳо дар забон ифода меёбанд ва хулосаи А.П. Бабушкин дар ин маврид ба назарияи пешниҳодгардида мувофиқат намекунад.

Дар забоншиносии тоҷик низ диққати бештари муҳаққиқон ба омӯзиши консептҳои гуногун ҳам дар самти забоншиносии шинохтӣ ва ҳам дар самти забоншиносии фарҳангӣ равона гардидааст. Аз ҷумла, муҳаққиқи тоҷик Бойматова Н.Г. ҷанбаҳои когнитивии консепти “зебоӣ”-ро таҳқиқ карда, консептро ҳамчун “эҷодӣ номуттасили зеҳнӣ” [14, 6] муайян карда, онро воҳиди асосии рамзи тафаккури инсон [14, 6] медонад. Бинобар ақидаи ӯ, консепт дорои сохтори дохилии нисбатан ба тартиб овардашуда буда, натиҷаи фаъолияти маърифатии шахсият ва ҷомеа мебошад [14, 6].

Бинобар ақидаи забоншиноси тоҷик М.Б. Давлатмирова консепт натиҷаи шинохти фардӣ, ҳувияти фардӣ ва ҳувияти миллӣ мебошад, ки тавсифи пурраи он комилан ғайриимкон аст, чун сабти пурра ва ҳаматарафаи ҷанбаҳои консепт дар забон ғайриимкон аст [23, 64]. Ҳақиқатан, консепт натиҷаи маърифатӣ фардӣ ва гурӯҳии олам аз ҷониби намояндагони фарҳанг ва забони алоҳида буда, дар забон пурра ифода намеёбад.

Баъд аз таҳлил ва муқоисаи фикру ақидаҳо маълум гашт, ки консепт маҷмуи ҳамон дониш ва тасаввуротро доир ба муҳити атроф ифода менамояд, ки инсон дар тӯли ҳаёти худ ба даст овардааст ва онҳо дар шуури ӯ дар як шакли муайян таҷассум ёфта, сабт гардидаанд. Инъикоси воқеият дар шуури одамон мухталиф сурат мегирад. Ҳангоми дарки муҳити атроф забон нақши бевосита дорад, ки он боиси гуногунрангии таҷассуми олам дар шуури соҳибзабонон ва намояндагони фарҳангҳои гуногун мегардад. Тасаввуроти зеҳнии мардум дар тӯли асрҳо ва ҳазорсолаҳо сайқал ёфта, дар шуури ҷамъиятӣ ҳифз мегардад. Аз ин рӯ, барои дарки вижагиҳои шинохти олам аз тарафи мардумони гуногунзабону гуногунфарҳанг зарурати таҳқиқи консептҳои дар шуури онҳо таҷассумёфта ба миён меояд. Таҳлили консептуалӣ аз амсиласозии консепт ва муқаррар намудани алоқаи он бо консептҳои дигар иборат мебошад, ки он имкони дастрасӣ пайдо намудан ба

шуури ҷамъиятиро фароҳам меорад. Е.Г. Беляевская моҳияти таҳлили консептуалиро муайян намуда, таъкид мекунад, ки вазифаи муҳаққиқ дар ин раванд аз “муайян кардани асоси сохтори консептуалӣ иборат аст, ки истифодаи воҳидҳои маъноиро муайян карда, онҳоро аз дигар воҳидҳои дар забон вуҷуддошта фарқ мекунонад” [12, 144]. Рябтсева Н.К. бар он ақидааст, ки таҳлили консептуалӣ ва таҳлили маъной ба ҳам монанд буда, ҳангоми таҳлили консептуалӣ муҳаққиқ вазифадор аст, ки “ҷаҳони ботинӣ ва фарҳанги соҳибзабонон”-ро муайян созад [89, 63]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки таҳлили консептуалӣ тартиботи хоси таҳлили маъноиро дар бар гирифта, раванди он аз таҳлили маъноии калима мураккабтар аст. Ҳангоми таҳлили консептуалӣ на танҳо маънои луғавии воҳиди муайяни забон ба назар гирифта мешавад, балки аз доираи он берун рафта, консепт ҳамчун порчаи таҷрибаи ҳаёт, ақидаҳо дар бораи ҷаҳон таҳлил мегардад. Таҳлили консепт ҳамчун маҷмуи донишҳо ва таҷрибаҳои инсонӣ имкони муқаррар кардани маъноҳои номуайянеро фароҳам меорад, ки дар калима ва маъноҳои он зоҳир наёфтаанд. Таҳлили консептуалӣ ба муайян кардани хусусиятҳои “тамоми ҳавзаҳои консептуалӣ ва муносибатҳои мантиқии байни унсурҳои таркибӣ” [4, 61] равона гаштааст. Агар ҳангоми таҳлили маъной сохти маъноии калима муайян карда шавад, пас ҳангоми таҳлили консептуалӣ он консептҳои умумие таҳлил мегарданд, ки зери як аломат таҳрезӣ шудаанд. Таҳлили маъной маъноҳои денотативӣ, аломатӣ ва коннотативиеро муқаррар мекунад, ки калима доро мебошад. Дар таҳлили концептуалӣ бошад, мавҷудияти аломат ҳамчун сохтори маърифатие, ки донишро дар бораи ҷаҳон таъмин менамояд, муайян карда мешавад. Ҳамин тавр, ҳадафи таҳлили маъной аз муайян кардани маънои калима ва мақсади таҳлили консептуалӣ аз шарҳи донишҳо дар бораи ҷаҳон иборат мебошад.

Таҳлили консептуалӣ ба муайян кардани роҳҳои дарки маънои консепт ва дарҷи натиҷаи фаҳмишҳо дар забон равона гардидааст. Як қатор забоншиносон, аз қабили Н.Д. Арутюнова, [4], В.И. Карасик, [37], Е.С. Кубрякова [44], М.В. Пименова [77], В.И. Агиенко [1] ба омӯзиши таҳлили

консептуалӣ машғул шудаанд. Таҳлили осори онҳо нишон медиҳад, ки барои омӯзиши консепт усули муайян вуҷуд надорад, яъне таҳлили консептуалӣ дорои мақсади муайян буда, роҳҳои расидан ба ин мақсад гуногун мебошад. Барои таҳлили консептҳо дар айни замон ҳамон усулҳое истифода мешаванд, ки барои омӯзиши тасвири забонии ҷаҳон дар маҷмуъ дар забоншиносии муосир мавриди истифода мебошанд, зеро консепт худ воҳиди амалии тасвири ҷаҳон, хусусан, тасвири забонии ҷаҳон ба шумор меравад.

Як қатор забоншиносон усулҳои таҳқиқи худро дар омӯзиши консептҳо пешниҳод намудаанд. Аз ҷумла, забоншинос М.В. Пименова зинаҳои зерини таҳлили консептро пешниҳод намудааст:

1. Таҳлили маъноӣ-луғавӣ ва шакли дохилии калимаи ифодакунандаи консепт;

2. Муайян кардани силсилаи синонимии калимаи ифодакунандаи консепт;

3. Тавсифи роҳҳои ба категорияҳо ҷудошавии консепт дар тасвири забонии ҷаҳон;

4. Муайян кардани усулҳои консептуалӣ ҳамчун такрори дуюмдараҷаи лексемаи мувофиқ, омӯзиши маҷозҳои консептуалӣ ва киноя.;

5. Таҳқиқи сенария. Сенария ҳодисаест, ки дар вақт ва/ё фазо ба вуҷуд омада, мавҷудияти предмет, объект, мақсад, шартҳои пайдоиш, вақт ва ҷои амалро дар назар дорад [78, 18.].

Забоншинсон М.А. Агиенко бошад бар он ақидааст, ки усули тавсифи консептҳо тавассути нишон додани хусусиятҳои консептуалии онҳо бояд сурат гирад. Тибқи методологияи пешниҳоднамудаи В.И. Агиенко, омӯзиш ва таҳқиқи консепт дар якчанд марҳила сурат мегирад:

1. Дар марҳилаи аввал этимологияи вожа-консепти мавриди омӯзиш таҳқиқ гардида, таърихи пайдоиши калима ва маъноҳои он таҳлил мегардад. Инчунин, шакли дохилии консепт ва маъноҳои бо он алоқаманд ошкор карда мешавад.

2. Дар марҳилаи дуюм бо истифода аз усули таҳлили ҷузъӣ шарҳи луғавии вожа-консепт ва таърифи вожаҳои калимаҳои ҳаммаънои калидвожа омӯхта мешавад, ки дар натиҷа хусусиятҳои консептуалие ошкор мегарданд, ки ҳамчун ҷузъи семантикӣ дар таърифҳои луғавӣ муҳим арзёбӣ гаштаанд. Яъне дар ин марҳила таҳлили фарҳангҳои тафсирӣ гузаронида мешавад. Маънои калимае, ки бевосита консепти мавриди омӯзиш қароргирифтаро ифода менамояд ва маънои калимаҳои муродифи он дар асоси фарҳангҳо шарҳ дода мешаванд.

3. Мутобиқати маҷозӣ таҳқиқ карда мешавад, ки дар натиҷа хусусиятҳои тахаюлии консепт ошкор карда мешаванд [1, 8].

Дар ҳама марҳилаҳои омӯзиш, хусусиятҳои муайяншудаи консепт ба гурӯҳҳо тасниф карда мешаванд. Ин гурӯҳҳо аз маҷмуи хусусиятҳое иборатанд, ки дар асоси тавсифи умумӣ ё хос муттаҳид шуда, тарзи дарки консепти мавриди таҳқиқро ифода мекунанд. Дар асоси гурӯҳҳои муайяншудаи хусусиятҳои консепт аҳаммияти консепти таҳқиқшаванда дар тасвири забонии ҷаҳони соҳибзабонон нишон дода мешавад.

Баррасии усулҳои таҳқиқи консепт нишон медиҳад, ки бештари олимону забоншиносон бар он ақидаанд, ки асоси усули таҳлили консептро бояд таҳлили воситаҳои ифодаи он ташкил диҳад, яъне, ҳангоми омӯзиши консепт фарҳангҳои тафсирӣ, этимологӣ, воҳидҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақолҳо ва инчунин, матнҳои бадеӣ мавриди таҳлил қарор гиранд, то тасаввуроти натанҳо фардӣ, балки ҷамъиятӣ роҷеъ ба консепти таҳқиқшаванда муайян карда шавад. Чӣ тавре ки Забоншинос С.Э. Никитина қайд менамояд: “Ҳангоми омӯзиши консепт бояд таърифҳои вожаи ифодакунандаи консепт дар асоси фарҳангҳои тафсирӣ муайян гардида, хусусиятҳои консептро муайянкунанда дар асоси воҳидҳои фразеологӣ ва матнҳои асарҳои бадеӣ муқаррар гардад [75, 20.].

Таҳлили методологияи пешниҳоднамудаи забоншиносон нишон дод, ки таҳлили консептуалӣ марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

1. Ёфтани калидвожа. Дар ин марҳила муаллиф он калимаеро муайян мекунад, ки консепти мавриди омӯзиш қароргирифтаро пурра ифода менамояд.

2. Таҳлили фарҳангҳои тафсирию этимологӣ. Таҳлили фарҳангҳои этимологӣ пайдоиши калидвожа, таҳаввулоти он, моҳияти консепт ва вазъи тасвири ҷаҳони имрӯзаро муайян месозад. Таҳлили фарҳангҳои тафсирӣ бошад, ҷузъи мафҳумии консептро муқаррар менамояд.

3. Хусусиятҳои консепт муайян карда мешавад, яъне дар ин марҳила ҳаста ва воҳидҳои луғавии канории таркиби консепт дар асоси зарбулмасалу мақолҳо, афоризмҳо, воҳидҳои фразеологӣ, осори бадеӣ таҳлил мегардад, ки он ба муайян намудани хусусиятҳои консепт мусоидат менамояд.

4. Муайян намудани мавқеи консепт дар тасвири ҷаҳони соҳибзабонон. Дар муқоиса бо дигар забонҳо мавқеи консепти мавриди таҳқиқ дар тасвири ҷаҳони намояндагони забони алоҳида муайян мегардад.

5. Натиҷагирӣ кардан. Дар марҳилаи мазкур муҳаққиқ ташаккули консептро дар шуури соҳибзабонон, хусусиятҳои ташаккули он, тасвири ҳозираи ҷаҳон ва басомади калидвожаро дар забон муайян карда, пурра ва ботартиб шарҳ медиҳад.

Ҳамин тавр, таҳқиқи консепт истифодаи самамранок ва дурусти маҷмуи усулҳо ва риояи марҳилаҳои омӯзишро талаб менамояд.

1.2.2. Ҷанбаҳои консептуалии забоншиносии фарҳангӣ

Низоми тасаввуроту ақидаҳо дар бораи олам, ки дар шуури инсон пайдо шуда, дар тули ҳаёти ӯ инкишоф меёбад, тадричан бо донишҳои нав ғанӣ мегардад, ки онҳо дар якҷоягӣ маҷмуи консептҳоро ташаккул медиҳанд. Ин маҷмуи консептҳо барои амалӣ гардонидани раванди фикронӣ ва муошираты инсон хизмат менамоянд. Инсон тавассути консептҳои дар шуури мавҷудаи худ раванди андешарониро ба роҳ мемонад ва бо истифода аз забон ва воҳидҳои забонӣ онҳоро ифода карда, бо ин васила муошират менамояд. Бояд тазаккур дод, ки забон дар ташаккули равандҳои зеҳнӣ саҳми беназир

дорад, чун забон дар дарки олам ва тавзеҳи воқеият таъсири бевосита мерасонад. Ҳамин тавр, категорияҳои забонӣ то андозае равандҳои зеҳнии дар шуури инсон ба амаломадаро идора мекунанд [178].

Консепт объекти омӯзиши як қатор илмҳо, аз қабили забоншиносии шинохтӣ, фарҳангшиносӣ, забоншиносии фарҳангӣ, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ ва амсоли инҳо гаштааст, зеро солҳои охир дар маркази пажуҳишҳои илмии муосир инсон ва фаъолияти ӯ меистад ва заминаи асосии таҳқиқи шуур, тафаккур, забон ва фарҳанги инсоният консепт ба шумор меравад.

Ҳар як илм ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти инсонро таҳқиқ мекунад. Аз ҷумла, забоншиносии фарҳангӣ ба таҳқиқи масоили муносибат ва таъсири мутақобилаи шуур, забон ва фарҳанг машғул мебошад.

Забон бо фарҳанг алоқамандии зич дорад. Забон воситаи асосии ташаккул, рушд ва нигоҳдории фарҳанг (дар шакли матнҳо) ва дар ин радиф ҷузъи он мебошад. Забон на танҳо ҷаҳон ва фарҳанги инсонро инъикос мекунад. Муҳимтарин вазифаи забон аз ҳифз ва интиқоли фарҳанг аз насл ба насл иборат мебошад. Аз ин рӯ, забон дар ташаккули шахсият, хислатҳои миллӣ, ҷомеаи этникӣ, мардум, миллат нақши муҳим ва ҳалталабро дорад [100, 79-80]. Забон берун аз фарҳанг вуҷуд дошта наметавонд, ба мисли фарҳанг, ки бидуни забон мавҷудияти он ғайриимкон аст. Забоншинос Б.Л. Уорф қайд менамояд, ки “Забон ва фарҳанг якҷоя инкишоф ёфта, тадриҷан ба ҳамдигар таъсир мерасонанд. Таҳаввулот дар фарҳанг назар ба забон нисбатан зудтар сурат мегирад, зеро забон на маҷмуи меъёрҳо, балки як низоми мукаммал мебошад. Забон тафаккури оммаро инъикос мекунад, он ба ҳама тағйироту навоварӣ эътино мекунад, аммо таҳаввулот дар забон нисбатан суст амалӣ мегардад, ҳол он ки дар шуури инсон донишу тасаввуроти нав дарҳол таҷассум меёбад [127, 213]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки донишу тасаввуроти инсонӣ, хусусан, донишҳои фарҳангии ӯ дар забон сабт ёфта, муддати тулонӣ ҳифз мегарданд. Ҳаёти инсон ва ба ин васила донишҳои инсон дар бораи олам моил ба таҳаввулу тағйирот аст, ингуна

таҳаввулот дар шуур ва фарҳанг ҳамзамон сурат мегиранд, дар ҳоле ки дар забон амалишавии онҳо бо таъхири вақт ба назар мерасад, зеро раванди дарки донишҳо, коркард ва ба консептҳо ва категорияҳо тақсимшавии онҳо вақти муайянро тақозо менамоянд. Инчунин, бо таҷассумёбии донишҳои нав дар забон, он маълумоти куҳнашуда муддате дар он ҳифз мегардад. Забоншинос В.И. Постовалова забонро ҳамчун "воситаи аввалиндараҷаи дарки ҷаҳон ва такмили таҷрибаи инсон, ифодакунанда ва ҳифзкунандаи донишҳои ғайримуташакилу беихтиёрона дар бораи олам, хотираи таърихии ҳодисаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳими ҳаёти инсон" [84, 30] муайян кардааст. Бояд тазаккур дод, ки ба ақидаи забоншинос В.Л. Поставалова, ки забон воситаи аввалиндараҷаи дарки муҳити атроф мебошад, розӣ шуда наметавон, зеро муҳити атроф аз тарафи инсон таввассути муҳимтарин ҳавосси панҷгонаи инсон, аз қабили бӯёӣ, чашоӣ, ломиса, шунавоӣ ва биноӣ дарк гардида, он фаҳмишу тасаввуроти даркгардида ба мисли тасвирҳо дар шуури ӯ таҷассум меёбанд, яъне аввалин консептҳо дар шуури инсон тавассути ҳисси панҷгона пайдо мешаванд. Забон бошад, дар раванди фаъолияти маърифатии инсон ҳамчун воситаи такмили донишу таҷрибаҳо амал менамояд. Дар ин радиф, забон бо шууру тафаккур дар алоқамандии зич қарор мегирад, чун "маълумоти забонӣ дар муайян кардани шаклҳои асосии тафаккури гурӯҳҳои алоҳидаи одамон" [17, 291] нақши бориз дорад. Инчунин, забон воситаи беназири баёни таҷрибаи инсонӣ ба ҳисоб меравад, ки он "беҳтарин далели воқеияти фарҳанг"-ро ифода мекунад [17, 289]. Инсон фикру ақида ва донишҳои худро танҳо тавассути забон метавонад пурра баён намояд. Ҳиссиёт ва маълумоти гуногун дар тасвирҳо, расмҳо, рамзҳо ва амсоли инҳо низ тасвир меёбанд, аммо онҳо наметавонанд, дар як сатҳ бо забон қарор гиранд, зеро забон ягонаи воситаест, ки пурра ва ҳамаҷониба фикрро баён менамояд.

Ҳамин тавр, гуфтаҳои боло далели мавҷудияти робитаи мустақим байни забон, фарҳанг ва тафаккур мебошад. Ба омӯзиши алоқамандии тафаккур, забон ва фарҳанг дар раванди амалкарди онҳо самти нави

забоншиносӣ, забоншиносии фарҳангӣ машғул аст. Бинобар ақидаи муҳақиқи тоҷик Д.М. Азиззода, “Забоншиносии фарҳангӣ илмест, ки асоси онро забон, фарҳанг ва шахсияти инсон ташкил дода, он ба омӯзиши шахсияти моддӣ ва маънавии ҳар як халқият, расму оинҳо, урфу одат, анъана, фарҳанг ва ҳувияи миллии онҳо мусоидат менамояд” [2, 15].

Забоншиносии фарҳангӣ дар заминаи забоншиносӣ ва фарҳангшиносӣ ба вуҷуд омада, равобит ва таъсири мутақобилаи забон ва фарҳангро меомӯзад. Забоншиносии фарҳангӣ ин равандро ҳамчун сохтори муттаҳиди воҳидҳо дар ягонагии мундариҷаи забонӣ ва ғайризабонӣ ба воситаи усулҳои гуногун ва ба афзалиятҳои муосир таҳқиқ менамояд, ки инъикоскунандаи арзишҳои низоми нав ба шумор меравад [19, 4]. Забоншиносии фарҳангӣ маҷмуи мафҳумҳои асосиро баррасӣ мекунад, ки дар якҷоягӣ зуҳуроти фарҳангро дар забон тавсиф мекунанд ва имкон медиҳанд, ки робитаи забон ва фарҳанг таҳлил карда шавад.

Забоншиносии фарҳангӣ ба мисли дигар илмҳо ва равияҳо дорои мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои худ мебошад. Мақсади таҳқиқи забоншиносии фарҳангӣ аз муайян намудани дараҷаҳои таъсири мутақобилаи забон ва фарҳанг иборат мебошад, ки дар натиҷа фаъолияти равонии инсон ва маҷмуи донишҳои фарҳангии дар шуури ӯ таҷассумёфта, муайян карда мешавад. Забоншиноси рус В.А. Маслова ҳадафи забоншиносии фарҳангиро ҳамчун “омӯзиши падидаҳои забонӣ ва фарҳангӣ дар робита ва таъсири мутақобилаи онҳо” [54, 5-14] муайян кардааст, яъне забоншиносии фарҳангӣ ба таҳқиқу омӯзиши воситаҳое равона гардидааст, ки дар онҳо фарҳанг таҷассум ёфта, ҳифз мегардад ва аз насл ба насл интиқол меёбад. Вазифаи асосии забоншиносии фарҳангӣ, аз инъикоси худшиносии миллӣ дар забон, ифоданамоии объектҳои фарҳангӣ тавассути забон ва инчунин, интиқоли арзишҳои фарҳангӣ дар маънои луғавии калимаҳо иборат мебошад. Забоншинос В.А. Маслова вазифаҳои зерини забоншиносии фарҳангиро муайян намудааст:

- омӯзиши нақши фарҳанг дар пайдоиши консептҳои забонӣ;

- аниқ кардани роҳҳои устуворгардии “мафҳумҳои фарҳангӣ” дар аломатҳои забонӣ;

- омӯзиши дараҷаҳои дарк ва таъсири “мафҳумҳои фарҳангӣ” ба “стратегияҳои нутқ”;

- омӯзиши салоҳдиди фарҳангӣ ва забонии соҳибзабонон, ки дар асоси он “мафҳумҳои фарҳангӣ” дар матнҳо таҷассум ёфта, аз ҷониби соҳибзабонон фаҳмида мешаванд;

- омӯзиши “консептосфера”, яъне маҷмуи консептҳои асосии фарҳанги муайян;

- омӯзиши семантикаи фарҳангии аломатҳои забонии таҷассумкунандаи консептҳои фарҳангӣ дар забони муайян;

- ба низом даровардани “мафҳумҳои асосии забоншиносии фарҳангӣ, яъне эҷоди чунин як дастгоҳи консептуалӣ, ки на танҳо барои таҳлили мушкилоти таъсири мутақобилаи забон ва фарҳанг дар ҷараёни инкишофи мутақобила мусоидат менамояд, балки ҳамдигарфаҳмиро дар доираи парадигмаи инсонмарказӣ таъмин намояд [54, 30-31].

Консепт яке аз мафҳумҳои асосии забоншиносии фарҳангӣ ба шумор меравад. Новобаста аз оне ки истилоҳи “консепт” дар илми забоншиносӣ истилоҳи нав нест, он аз тарафи олимону забоншиносон бо таври гуногун шарҳ дода шудааст. Дар забоншиносии муосир даҳҳо таснифоти мухталифи консепт мавҷуд аст. Мухталифии шарҳи истилоҳи “консепт” аз самти онро таҳқиққунанда вобастагӣ дорад. Дар замони муосир ду самти нави забоншиносӣ: забоншиносии шиноҳтӣ ва забоншиносии фарҳангӣ ба таҳқиқи “консепт” машғул мебошанд. Барои намояндагони забоншиносии шиноҳтӣ [132, 82, 97, 18, 15, 53] консепт воҳиди асосии шуур ба шумор рафта, он таҷассумгари дониши инсонӣ оид ба муҳити атроф мебошад.

Барои намояндагони забоншиносии фарҳангӣ бошад, консепт воҳиди аз ҷиҳати фарҳангӣ муҳиммест, ки маълумоти мушаххаси миллиро таҷассум менамояд. Консепт – ин мисли печидагиҳои фарҳангӣ дар ақли инсон аст; дар он шакле, ки фарҳанг ба ҷаҳони равонии инсонӣ дохил мешавад. Аз

ҷониби дигар, консепт – ин воситаест, ки тариқи он шахс мустақилона ба фарҳанг дохил мешавад ва дар баъзе ҳолатҳо ба он таъсир ҳам мерасонад [96, 40], яъне барои намояндагони забоншиноии фаҳангӣ, консепт маҷмуи донишҳои инсон дар бораи фараҳнгу таммаддуни ӯ мебошад. Барои намояндагони забоншиносии шинохтӣ консепт воҳидҳои мураккаби номуттасили шуур ба ҳисоб мераванд, ки бо ёрии онҳо раванди тафаккури инсон ба роҳ монда мешавад. Консептҳо ҳамчун воҳиди нигаҳдорандаи дониши инсон амал мекунанд [83].

Аввалин тасаввурот дар бораи олам дар шуури инсон тавассути қувваҳои ҳиссии панҷгона ташаккул ёфта, баъдан дар натиҷаи таъсири омилҳои гуногун, аз қабили забон, фарҳангу тамаддун, урфу одат, анъана, дин ва амсоли инҳо инкишофу таҳаввул меёбад. Агар дар забоншиносии шинохтӣ зери мафҳуми “консепт” ҳам шакли навташкил ва ҳам таҳаввулёфтаи донишу тасаввурот фаҳмида шавад, пас дар забоншиносии фарҳангӣ мафҳуми “консепт” шакли таҳаввулёфтаи донишу тасаввуроти инсонро роҷеъ ба муҳити атроф ифода менамояд. Чӣ тавре ки забоншинос Н.Д. Арутюнова қайд менамояд, “консепт дар натиҷаи таъсири мутақобилаи анъанаи миллӣ ва фолклор, дин ва идеология, таҷрибаи ҳаётӣ ва санъати тасвирӣ, ҳиссиёт ва низоми арзишҳо ба миён меояд” [5, 5]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки дар забоншиносӣ тамоюли ҷудо намудани консепти шинохтӣ аз консепти лингвофарҳангӣ ва ё фарҳангӣ ба назар мерасад.

Дар забоншиносии фарҳангӣ консептҳо мафҳумҳои аз ҷиҳати фарҳангӣ муҳим ва арзишманди шуур фаҳмида мешаванд, яъне ҷавҳари консепти лингвофарҳангиро арзишҳо ташкил медиҳанд. Намояндаи забоншиносии фарҳангӣ Е.В. Бабаева қайд менамояд, ки консепти лингвофарҳангӣ ҳамон таркиби шуурест, ки дар он арзишҳои халқ устуворанд. Дар маркази консепти лингвофарҳангӣ арзишҳо мавқеи муҳим доранд, аммо дар забоншиносии шинохтӣ бошад, диққати асосӣ ба намудҳои консепт, таъсиси низом ва робитаи мутақобилаи онҳо равона карда мешавад. Забоншиносии фарҳангӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад, то арзишҳои ҷамъиятро барқарор намояд

[10, 110-111], яъне агар диққати намояндагони самти забоншиносии шинохтӣ ба таҳқиқи ташаккулёбӣ ва алоқаи байниҳамдигарии консептҳо равона гардида бошад, пас намояндагони самти забоншиносии фарҳангӣ кӯшиш менамоянд, ки дар таркиби консептҳо арзишҳои миллиро муайян намуда, ҷудо созанд. Маҳз мавҷудияти ҷузъи арзишии консепт, консепти лингвофарҳангиро аз консепти шинохтӣ фарқ мекунонад. Забоншиноси тоҷик Давлатмирова М.Б. зери мафҳуми “арзишҳо” дастури олии рафтор, нишондиҳандаи фарҳанг ва маънавиёти як халқи муайянро [24, 29] мефаҳмад. Арзишҳо тасаввурот ва ақидаҳои инсон дар бораи намудҳои рафтори ӯ мебошад, ки дар асоси фарҳанг ва маънавиёти ӯ ба вуҷуд омада, таърихан ташаккул ёфтааст ва шуури намояндагони халқияти фарҳанги муайян таҷассум ёфтааст.

Намояндагони забоншиносии фаҳангӣ дар баробари омӯзиш ва таҳқиқи консептҳои гуногун кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то арзишҳои миллии ҳар як халқиятро дар таркиби консепт муайян намуда, муносибати мутақобилаи забон, фарҳанг ва шуури ҷамъиятиро муқаррар намоянд ва раванди ворид гаштани фарҳангро дар шуури инсон нишон диҳанд. Намояндагони забоншиносии шинохтӣ бошанд, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то дар шуури инсон раванди аз худ намудани донишу маълумотҳо ва ташаккули консептҳоро таҳқиқ намуда, муносибати мутақобилаи забон ва шуурро муайян намоянд.

Забоншинос З.Х.Бижева консептро ҳамчун тасаввуроти мураттабшудаи мафҳуми олӣ шарҳ медиҳад, ки нигоҳи соҳибзабононро нисбат ба муҳити атроф инъикос намуда, бо анъанаҳои фарҳанги халқиятҳои алоҳида муайян карда мешавад [13, 14], яъне консепт донишҳои мураттабшудаест, ки асли онро фарҳанг ташкил медиҳад. Забоншиноси мазкур низ ақидаи ҷавҳари консепт будани фарҳангро ҷонибдорӣ менамояд.

Г.Г. Слишкин тафовут миёни консепти шинохтӣ ва консепти лингвофарҳангӣ бо таври зайл муайян намудааст:

–дар забоншиносии шинохтӣ барои як консепт як воҳиди забонӣ

мувофиқ аст, аммо дар забоншиносии фарҳангӣ як консепт бояд бо як қатор воҳидҳои забонӣ ифода ёбад;

– дар забоншиносии шинохтӣ ба ҳар як калима консепти худ мувофиқ аст, аммо дар забоншиносии фарҳангӣ шумораи маҳдуди воҳидҳои пурмаънии забонӣ ба ҳайси номҳои консепт амал мекунанд [94, 22].

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки консепти шинохтӣ навъи консепте мебошад, ки дар таркиби он арзишҳо ба назар намерасанд ва он дар нутқ бо як воҳиди забонӣ ифода меёбад. Дар забоншиносии фарҳангӣ бошад, консептҳо метавонанд бо воҳидҳои гуногуни забонӣ ифода ёбанд. Бо назардошти нуктаи мазкур метавон гуфт, ки бештари консептҳои дар шуури инсон мавҷуда ба қатори консептҳои лингвофарҳангӣ дохил мешаванд. Чӣ тавре ки забоншинос В.И. Карасик қайд менамояд, ба маънои васеъ, ҳама консептҳо фарҳангӣ мебошанд. Ба маънои маҳдуд бошад, зери мафҳуми “консепти фарҳангӣ” эҷоди зеҳнии якҷоя фаҳмида мешавад, ки хусусиятҳои хоси фарҳанги халқиятҳои гуногунро муайян мекунанд” [36, 14].

Ҳамин тавр, маҳз ҷиҳати арзишии консепти лингвофарҳангӣ онро аз консепти шинохтӣ ҷудо менамояд. Забоншиносии шинохтӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад, то намудҳои консепт – тарҳ, ҳудуд, нақша ва ғайраро ошкор намояд. Натиҷаи таҳқиқоти лингвофарҳангӣ на луғатҳои калимавӣ, балки консептҳо мебошанд, ки асоси арзиши фарҳангӣ мегарданд.

Маврид ба ёдоварист, ки тафоввут миёни консепти лингвофарҳангӣ ва шинохтӣ на танҳо дар шарҳи онҳо, балки дар таркиби онҳо низ мушоҳида мегардад. Дар таҳқиқоти шинохтӣ намунаи сатҳии консептҳо маъмул аст, ки мувофиқи он консепт аз қисмати марказӣ – қабатҳои протитипӣ, тасвирҳои маъмултари асосӣ ва қисмати ғайримарказӣ – аломатҳои абстрактӣ ва сатҳи тафсирӣ – хулосаҳо аз аломатҳои шинохтии гуногун иборат мебошад [82, 53]. В.И. Карасик консепти лингвофарҳангиро ҳамчун таъсиси бисёрченаи маъноӣ пешниҳод намудааст, ки дар он ҷиҳатҳои мафҳумӣ, тасвирӣ ва арзишӣ дида мешавад. Ҷиҳати мафҳумии консепт – ин муайянкунии шакли забонии консепт, ифодаи он, тасвир, таркиби аломат, таснифоти он, тавсифи

муқоисавии консепти мазкур нисбат ба ин ё он қатори консептҳо мебошад. Ҷиҳати тасвирӣ – ин тавсифи биноӣ, шунавоӣ, ламсӣ, таъмии ашё, ҳодисаҳо, воқеаҳо, ки бо шаклҳои гуногун дар шуури инсон акс ёфтаанд, мебошад.Ҷиҳати арзишии консепт дар муҳиммияти ин таъсис ҳам барои инсон ва ҳам барои ҷамъият ифода меёбад [35, 154].

Дар консепти лингвофарҳангӣ ҳам таҷрибаи гурӯҳии мардум ва ҳам таҷрибаи фардии намояндаи фарҳанги муайян таҷассум меёбад. Дар консепти лингвофарҳангӣ тафаккури объективию субъективӣ, ҳувияти этникӣ, аломатҳои дорои аҳаммияти умумӣ ва фардӣ инъикос меёбад. Консепт дар шуур ҳамчун як тасвири одӣ пайдо шуда, дар натиҷаи таъсири бевоситаи забон ва фарҳанг он мураккабу бисёрсатҳа мегардад. Чӣ тавре ки Н.Н. Болдирев қайд менамояд, “дар ибтидо таркиби ҳар як консепт барои инсон намуди гешталтро дорад, ки он ба хусусиятҳои хоси идроки инсон вобаста мебошад” [15, 29]. Хусусиятҳои муҳимтарини консепти фарҳангӣ аз табиати равонии консепт, мураккабии мавҷудияти он, арзиш, сеҷузъагӣ (сегонаи мафҳум – тасвир - рамз), бисёрҷанбавӣ, шартӣ ва норавшанӣ, тағйирпазирӣ, ошкорбаёнии методологӣ, мавҷудияти таснифоти гуногун [36, 15] иборат мебошад.

Ҳамин тавр, метавон хулоса баровард, ки консепт на танҳо ҷузъи асосии шуури забонии фард ба ҳисоб меравад, балки он ифодакунандаи хусусиятҳои фарҳангии халқ низ мебошад, ки пеш аз ҳама, дар тасвири забонии ҷаҳон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Таҳлили консептуалӣ дар забоншиносии фарҳангӣ пас аз нашри силсилаи асарҳои мактаби таҳлили мантиқии забон [49; 50] ва китоби Ю.С. Степанов [96, 1997.] босуръат инкишоф ёфтааст. Нақши таҳқиқоти А.Вежбитская [17; 16] дар рушди таҳлили консептуалӣ дар самти забоншиносии фарҳангӣ низ хеле назаррас мебошад, ки дар он хусусиятҳои асосии ҷаҳони семантикӣ-фарҳангии русзабонон дар асоси адабиёт ва афкори фалсафӣ муайян гардидааст. Азбаски ҷавҳари консепти лингвофарҳангӣ арзишҳо ба ҳисоб меравад, ин аст, ки бештари муҳаққиқон

таҳлили консептуалиро ба муайян кардани арзишҳо дар таркиби консепт равона намудаанд. Таҳлили консептуалӣ дар доираи забоншиносии линвофарҳангӣ дорои марҳилаҳои муайян мебошад, риояи онҳо аз тарафи муҳаққиқ ба дуруст ва аниқ муайян кардани таркиби консепти линвофарҳангӣ мусоидат менамояд.

Тибқи усули пешниҳоднамудаи А.Вежбитская ҷузъҳои асосии фарҳанг бо истифода аз усули ёфтани “калидвожаҳо” муайян карда мешавад, яъне таҳқиқи консепт бо интихоби “калидвожа” оғоз меёбад, ки ифодагари консепти муайян дар забон мебошад. Ҳангоми муайян намудани консепти лингвофарҳангӣ миқдори зиёди контекстҳои нутқ, аз қабили зарбулмасалу маколҳо, иқтибосҳо, матнҳои бадеӣ, номгӯи филмҳо, матнҳои сурудҳои маъмул мавриди омӯзиш қарор мегиранд, ки онҳо маҳсули фарҳанги забони соҳибзабонон ба ҳисоб мераванд [16, 275-284].

Забоншинос Ю.С. Степанов консептро эҷоди бисёрқабата медонад, аз ин рӯ, пешниҳод менамояд, ки ҳангоми таҳқиқи консепти лингвофарҳангӣ пеш аз ҳама “маънои аслии калима” бояд муайян карда шавад, ки “дар шакли этимология” оварда шудааст ва он консепти муайянро ифода менамояд. Шакли дохилии консептро маънои аслии калима ташкил медиҳад, ки барои ифодаи консепти мазкур дар тасвири забонии ҷаҳони соҳибазабонон истифода мегардад. Дар марҳилаи дуюм қабати “таърихӣ”, консепт ошкор мегардад. Ва танҳо дар марҳилаи охир қабати воқеии он омӯхта мешавад, ки дар забоншиносии фарҳангӣ ҳамчун қабати “навин” номида мешавад [96, 55].

Ҳамин тавр, таҳлилҳо нишон доданд, ки миёни консептҳои шинохтӣ ва лингвофарҳагӣ тафовут ба назар мерасад, ки боиси мухталиф будани усулҳои таҳлили онҳо мегардад.

1.3. Омӯзиши консепти “гул” дар забоншиносии муосир

Масъалаи омӯзиши консепт дар забоншиносии шинохтӣ ва забоншиносии фарҳангӣ дар замони муосир хеле мубрам арзёбӣ мегардад,

чун он ба дарки ҳамаҷонибаи забонҳои алоҳида ва тасвири ҷаҳони соҳибзабонон мусоидат менамояд.

Аён аст, ки дар шуури инсон консептҳои зиёде вуҷуд доранд, ки дар баробари умумӣ буданашон, барои забонҳои алоҳида беназир мебошад. Консептҳое, ки падидаҳои асосии воқеият ва категорияҳои муҳими ахлоқиро инъикос мекунанд, аз ибтидои пайдоиши забоншиносии шинохтӣ ва фарҳангӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Консептҳои рӯҳ, озодӣ, манзил, нафс, ишқ, ҳаёт, вақт ва ғайраро олимон аз нигоҳи илмҳои гуногуни забоншиносӣ баррасӣ кардаанд. Бо вуҷуди пажуҳишҳои зиёди ба омӯзиши консептҳо равона гардида, то ба имрӯз консептҳое, ки мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд, зиёд вуҷуд доранд. Аз ҷумла, консепти “гул”, ки дар фазои лингвофарҳангии забонҳо ҷойи махсусро ишғол менамояд, амиқ ва пурра омӯхта нашудааст. Гул дар байни растаниҳо мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Он бо худи пайдоиш ва инкишофи тамаддуни инсоният зич алоқаманд аст. Гулҳо дар ҳаёти ҳаррӯзаи мо мавҷуданд ва ин дар нутқ фаъолона ифода меёбад, ки таҳқиқи ҳамаҷонибаи он имкони дарки раванди фаъолияти шуури одамон ва ҳаёти маънавию фарҳангии онҳоро фароҳам меорад.

Ба омӯзишу таҳқиқи консепти “гул” як қатор кори таҳқиқотӣ бахшида шудаанд. Аз ҷумла, Молоткова А.И. рисолаи номзадии худро ба таҳқиқи консепти “гул” дар забон ва нутқи бадеӣ бахшида, дар рисолаи худ таҳти унвони “Консепти “гул” дар забон ва нутқи бадеӣ” [66] хусусиятҳои низомӣ ва забонии консепти “гул”-ро дар забони русӣ дар асоси луғатҳои тафсирӣ ва этимологӣ нишон додааст. Инчунин, дар кори таҳқиқотии мазкур таркиби забонӣ ва фарҳангии консепти “гул” тафсир ёфта, хусусиятҳои хоси дарки консепти “гул” аз тарафи шоирон-намояндагони равияҳои гуногуни бадеӣ ва эстетикии охири асри 19 ва аввали 20 ва мардумони русзабони он давра нишон дода шудааст. Баъд аз таҳлили хусусиятҳои хоси консепти “гул” дар забони русӣ забоншинос Молоткова А.И. ба хулосае омадааст, ки таркиби консети “гул” бисёрқабата буда, дорои хусусиятҳои консептуалӣ, фарҳангӣ ва заминавӣ мебошад. Дар шеърҳои русӣ таҳаввул ва гуногунрангии

маъноҳои забонии вожаи “гул” мушоҳида мегардад, яъне ба ҷузъ он маъноҳои муқаррарие, ки калимаи “гул” дар забони русӣ дорад, дар шеърҳо маъноҳои окказионалии “гул” ба назар мерасанд. Хусусиятҳои муҳими консепти гул ба мисли “зебоӣ”, “ноустуворӣ”, “бебақоӣ”, “нопойдорӣ”, “кутоҳумрӣ” дар осори шоирони рус зоҳир ёфтааст. Консепти “гул” дар шуури русзабонон тасаввуротеро таҷассум менамояд, ки бо зиндагӣ, ишқ ва марг алоқаманданд.

Таҳқиқоте, ки дар ҷанбаи муқоисавӣ-таҳлилӣ гузаронида шудаанд, муҳимтарин сарчашмаи таҳқиқи диссертатсияи мо маҳсуб меёбад. Қайд кардан ҷоиз аст, ки консепти “гул” дар асоси муқоиса дар забонҳои англисӣ, русӣ, хитойӣ, кабардинӣ, осетинӣ, португалӣ, испанӣ ва полякӣ таҳқиқ гардидааст.

Консепти “гул” дар шуури одамон як қатори консептҳоеро муттаҳид месозад, ки бо навъҳои гулҳо алоқаманд буда, консептасфераи гулҳоро ташкил менамояд. Таҳлили лингвофарҳангии консептасфераи мазкур барои беҳтар донистан ва фаҳмидани хусусиятҳои луғавӣ ва миллии консепти “гул” дар забонҳои муқоисашаванда мусоидат менамояд. Ҳангоми омӯхтани консепти “гул” дар муқоиса бо забонҳои гуногун имкон фароҳам меорад, ки хусусиятҳои умумӣ ва хоси тасвири забонии ҷаҳони соҳибзабонон муайян карда шавад, ки он омӯзиши забонҳои хориҷиро барои забономӯзон осон мегардонад. Забоншиноси рус Котова Н.С. консепти “гул”-ро дар асоси муқоиса дар забонҳои русӣ ва англисӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, дар рисолаи худ “Таҳлили забонӣ ва фарҳангии консептасфераи “гулҳо” [43] хусусиятҳои умумӣ ва миллию фарҳангии консепти гулҳоро дар тасвири забонии ҷаҳони русзабонон ва англисзабонон муайян кардааст. Котова Н.С. бар он ақидааст, ки таркиби консепти “гул” дорои хусусиятҳои миллию фарҳангӣ буда, онро метавон ба қатори консептҳои лингвофарҳангӣ ворид намуд. Консепти “гул” ифодакунандаи ашёи моддӣ мебошад, аз ин рӯ, он дар шуури халқиятҳои гуногунзабон тасаввуроти умумиро инъикос менамояд. Азбаски консепти “гул” дорои заминаи бойи фарҳангӣ буда, фарҳанги

миллатҳо беназир мебошад, аз ин рӯ, дар таркиби консепти “гул” хусусиятҳои хоси миллию фарҳангӣ ба назар мерасад. Консепти “гул” мафҳуми кул буда, он калимаҳоеро дар бар мегирад, ки ифодакунандаи навъҳои гуногуни гулҳо мебошанд. Таҳлили хусусиятҳои забонӣ ва фарҳангии фазои консептии “гулҳо” барои муайян намудани воситаи инъикоси тасвири забонии миллии ҷаҳон ва хусусиятҳои менталитети миллии соҳибони забонашон муқоисашаванда мусоидат менамояд.

Мавриди зикр аст, ки консепти “гул” дар забонҳои гуногуннизому гуногунсохт аз тарафи як қатор муҳаққиқон то андозае омӯхта шудааст.

Консепти “гул” дар забонҳои русӣ ва хитойӣ аз тарафи муҳаққиқон Архипова Н.Г. ва Куроедова М.А. дар доираи мақола таҳти унвони “Образи “гул” ҳамчун ҷузъи тасвири забонии ҷаҳон (дар маводи забонҳои русӣ ва хитойӣ)” [7] таҳқиқ гардидааст. Новобаста аз оне, ки дар доираи мақола таҳқиқи пурраи консепти “гул” имконнопазир аст, мақолаи мазкур заминаи таҳқиқоти минбаъда дар самти омӯзиши консепти “гул” хизмат карда метавонад. Забоншиносон ба хулосае омадаанд, ки зарбулмасалу мақолҳои бо ҷузъи “гул” дар забонҳои русӣ ва хитойӣ дорои вижагиҳои назарраси лингвофарҳангӣ мебошанд. Хусусияти умумӣ барои забонҳои русӣ ва хитойӣ ин инсонмарказии чунин ибораҳо мебошад, зеро ҳам дар забони русӣ ва ҳам хитойӣ пеш аз ҳама шахсро, намуди зоҳирӣ, синну сол, хислат, рафтори ӯро тавсиф мекунанд. Дар забони хитойӣ бартарии миқдории зарбулмасалу мақолҳо бо ҷузъи “гул” ва навъҳои он нисбат ба забони русӣ ба назар мерасад. Дар забони хитойӣ чунин зарбулмасалҳо дорои тобишҳои васеъи маҷозӣ, рамзӣ, баҳодиҳӣ мебошанд ва барои тавсифи шахс бештар истифода мешаванд. Барои хитоизабонон гул рамзи зебоӣ, далерӣ, шуҷоат, назокату латофат мебошад. Тафоввути тасвири забонии ҷаҳони соҳибони забонҳои русӣ ва хитойӣ дар он зоҳир меёбад, дар забони русӣ гулҳои саҳроӣ бештар дорои маъноҳои маҷозӣ буда дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳои забони русӣ бештар ба назар мерасанд, ки ҳолати мазкур дар забони хитойӣ ҳариб ба назар намерасад. Дар забони хитойӣ

бошад, зарбулмасалу мақолҳо бештар бо ҷузъҳои гулҳои нок, олу, саҳлаб, нилуфар ва ғайра ба назар мерасанд. Дар тасвири забонии ҷаҳони хитоизабонон зебогии зан бештар ба гули нилуфар шабеҳ дода мешавад, ки ин ҳолат дар забони русӣ ба назар намерасад. Таҳлили забоншиносон нишон дод, ки консепти “гул” дар шуури русзабонон тасаввуроти манфӣ ва дар шуури хитоизабонон тасаввуроти мусбиро таҷассум менамояд.

Консепти “гул” дар забонҳои русӣ, маҷорӣ (венгерӣ) ва полякӣ аз тарафи Хамшовски Ю. таҳқиқ гардидааст. Хамшовски Ю. дар мақолаи худ таҳти унвони “Роҷеъ ба масъалаи консепти “гул” дар тасвири забонии ҷаҳон дар забонҳои русӣ, маҷорӣ ва полякӣ” [107] консепти “гул”-ро дар тасвири забонии ҷаҳони он халқиятҳо таҳқиқ намуда, моҳияту таркиби консепти мазкурро муайян намудааст. Дар асоси таҳлили фарҳангҳои тафсирӣ, этимологӣ, зарбулмасалу мақолҳо ва воҳидҳои фразеологӣ Хамшовски Ю. он тасавуроти бо консепти “гул” алоқамандро дар шуури русзабонон, маҷоризабонон ва полякизабонон таҳлили намуда, хусусиятҳои умумӣ ва хоси онҳоро нишон додааст.

Аз таҳлилҳо бар омадааст, ки хусусияти умумӣ дар тасвири забонии ҷаҳони ин халқиятҳо дар он зоҳир меёбад, ки давраи пайдоиш ва рушду нумуи гул бо давраи ҳаёти инсон қиёс карда шудааст. Дар шуури халқиятҳои номбарушда консепти “гул” бештар тасаввуроти мусбатро инъикос намуда, он бо зебоӣ ва камолот алоқаманд аст. Дар забонҳои мавриди назар гул рамзи ишқ, ҳасад, рашк, бегуноҳӣ ва беайбӣ мебошад.

Бо вуҷуди мавҷудияти хусусиятҳои умумӣ, дар дарки консепти “гул” вижагиҳои хос низ ба назар мерасад, ки аз тарафи муҳаққиқ нишон дода шудаанд. Аз ҷумла, дар забони русӣ, вожаи “гул” танҳо ифодагари мафҳуми “гул” буда, дорои дигар маъноҳо намебошад. Аммо дар забонҳои маҷорӣ ва полякӣ вожаи “гул” ба ҷузъ гул, инчунин, ороиш ва ҷузъи муҳими ягон чизро ифода менамояд. Бояд қайд кард, ки консепти “гул” натанҳо бо ҳиссиёту тасаввуроти мусбат алоқаманд, балки консепти “гул” дар шуури мардумони ин халқиятҳо тасаввуроти манфиро низ таҷассум менамояд. Масалан, дар

забони полякӣ зарбулмасалу мақоҳои бо ҷузъи “гул” мавҷуданд, ки бо марг алоқаманд мебошанд.

Баъд аз таҳили консепти “гул” дар тасвири забонии ҷаҳони халқиятҳои забонашон таҳқиқшаванда Хамшовски Ю. ба хулосае омадааст, ки дар раванди ташаккули малакаҳои муоширати байнифарҳангӣ бояд диққати махсус ба таҳқиқи воҳидҳои фразеологӣ равона карда шавад, зеро маънои бештари воҳидҳои фразеологӣ ба маънои калимаҳои алоҳидаи дар таркиби онҳо мавҷуда мувофиқат намекунад ва калимаҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ба худ маънҳои маҷозӣ касб менамоянд.

Бояд ёдовар шуд, ки дар забоншиносии тоҷик низ пажуҳишҳо дар самти забоншиносии шинохтӣ ва фарҳангӣ мушоҳида мегарданд. Дар забоншиносии шинохтӣ ва фарҳангии тоҷик равияи нави консептшиносӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд, ки омили асосии ингуна ҷойгоҳро ишғол кардан дар он аст, ки забоншиносии шинохтӣ ва фарҳангӣ дар доираи консептҳо он масъалаҳоеро таҳқиқи менамоянд, ки ба инсон ва мавқеи он дар рушди забон, алоқаи забон бо тафаккур, забон бо фарҳанг, ва тафаккур бо фарҳанг, нақши забон дар ташаккули тафаккур ва фарҳанги инсон ва амсоли он вобаста аст.

Дар робита ба пажуҳишҳои фавқ, ки ба омӯзиши консептҳо, аз ҷумла консепти “гул” равона гардидааст, метавон ба чунин хулоса омад:

- консепти “гул” объекти мушаххасро ифода менамояд;
- консепти “гул” дар шуури одамон маҷмуи консептҳоеро мутаҳҳид месозад, ки бо қисмҳо ва навъҳои гуногуни гул алоқаманд мебошанд;
- маҷмуи консептҳои бо навъҳои “гул” алоқаманд дар шуури инсон консептасфераи “гулҳо”-ро ташкил медиҳад;
- консепти “гул” бо мавҷудияти тамаддун ва инкишофи он зич алоқаманд аст;
- консепти “гул” дар шуури инсон ҳам тасаввуроти мусбат ва ҳам манфиро инъикос менамояд;

- дарки консепти “гул” дорои вижагиҳои умумӣ ва хосро мебошад;
- алоқамандии устувори консепти “гул” бо дигар консептҳо нишон дода шудааст;
- мавзуи консепти “гул” таҳқиқталаб буда, он танҳо дар забонҳои русӣ, англисӣ, маҷорӣ ва полякӣ то ҳадде омӯхта шудааст, дар муқоиса бо забони тоҷикӣ ин масъала бори аввал дар диссертатсияи мазкур мавриди таҳқиқ қарор мегирад.

Хулосаи боби якум

Дар натиҷаи таҳлилу баррасии ҷанбаи назариявии мавзуъ чунин хулоса кардан мумкин аст:

1. Забоншиносии шинохтӣ ва забоншиносии фарҳангӣ самтҳои нави забоншиносӣ буда, дар муҳлати кӯтоҳ нуфузи хоссаеро касб намудаанд. Забоншиносии шинохтӣ ба омӯзиши равандҳои фикрронӣ, тарзи сохтор ва фаъолияти дониши инсон дар бораи олам ва нақши забон дар ин раванд нигаронида шудааст. Яъне чӣ тавр инсон муҳити атрофро дарк менамояд ва он маълумот чӣ тавр дар шуури ӯ ҳамчун як низоми муайян ба тартиб даромада, дар забон ифода меёбад. Дар маркази диққати забоншиносии шинохтӣ, забон ҳамчун механизми умумии зеҳнӣ меистад, чунки маҳз забон воситаи асосии бадастоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва интиқоли маълумот, воситаи асосии ифодаи фикри инсон мебошад.

2. Забоншиносии фарҳангӣ муносибати забон ва шуурро муайян месозад. Мақсади асосии намояндагони забоншиносии фарҳангӣ аз муайян ва муқаррар кардани арзишҳо дар таркиби консептҳо иборат мебошад.

3. Раванди фаъолияти маърифатии инсон ба ташаккул ва таҷассуми консептҳо дар шуури инсон мусоидат мекунад, ки маҷмуи онҳо тасвири консептуалии ҷаҳонро ташкил медиҳанд. Донишу таҷрибаҳои касбгардида тавассути забон ифода ёфта, ҳифз мегарданд, ки маҷмуи донишҳои тавассути забон ифодаёфта тасвири забониии ҷаҳонро ташкил медиҳанд.

4. Тасвири консептуалии ҷаҳон нисбат ба тасвири забонии ҷаҳон падидаи мураккабтару васеътар мебошад, яъне тасвири забонии ҷаҳон ҷузъи тасвири консептуалии ҷаҳон буда, дар асоси он ташаккул меёбад. Барои таҳқиқи тасвири консептуалии ҷаҳони соҳибзабонон муҳаққиқ сараввал тасвири забонии ҷаҳони онҳоро таввасути таҳлили калимаҳо муайян менамояд, зеро калима воҳиди асосии тасвири забонии ҷаҳон буда, консепт воҳиди тасвири консептуалии ҷаҳон мебошад.

5. Тавассути таҳлили калима муҳаққиқ ба тасвири забонии ҷаҳони соҳибзабонон дастарсӣ пайдо намуда, бо ин васила ӯ ба консепте дастрасӣ пайдо мекунад, ки онро калима ва қатори калимаҳои ҳаммаънои он ифода мекунанд. Билохира муҳаққиқ ба тасвири консептуалии ҷаҳони соҳибзабонон роҳ меёбад, зеро консептҳо дар фазои консептуалӣ (консептасфера) муттаҳид шуда, тасвири консептуалии ҷаҳонро ташкил медиҳанд.

6. Консепт яке аз мафҳумҳои асосии ҳам забоншиносии шинохтӣ ва ҳам забоншиносии фарҳангӣ ба ҳисоб меравад. Ин ду самти забоншиносӣ консептро бо тарзи худ шарҳ дода, усулҳои таҳқиқи онро пешниҳод менамоянд.

7. Консепт маҷмуи тасаввуроту ақидаҳоеро ифода менамояд, ки дар шуури шахси алоҳида ё шуури ҷамъиятӣ таҷассум ёфтааст. Бояд қайд кард, ки дар такриби консептҳо тасаввуроти сирф фардиро мушоҳида метавон кард, зеро дарки муҳити атроф аз тарафи инсон дар алоҳидагӣ сурат гирифта, доншиҳои ҷамъиятӣ боиси инкишофу таҳаввули онҳо мегардад.

8. Намояндагони забоншиносии фаҳангӣ дар баробари омӯзиш ва таҳқиқи консептҳои гуногун кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то арзишҳои миллии ҳар як халқиятро дар таркиби консепт муайян намуда, муносибати мутақобилаи забон, фарҳанг ва шуури ҷамъиятиро муқаррар намоянд ва раванди ворид гаштани фарҳангро дар шуури инсон нишон диҳанд. Намояндагони забоншиносии шинохтӣ бошанд, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то дар шуури инсон раванди аз худ намудани донишу маълумотҳо ва ташаккули консептҳо таҳқиқ шуда, муносибати мутақобилаи забон ва шуурро муайян

намоянд.

9. Дар забоншиносии шинохтӣ ва фарҳангӣ усулҳои мухталифи таҳлили консептуалӣ нишон дода шудааст, ки риояи марҳилаҳои он ба омӯзиши амиқи консептҳои гногун мусоидат менамояд.

10. Консепти “гул” дар як қатор забонҳо, аз қабили англисӣ, русӣ, хитойӣ, кабардинӣ, осетинӣ, португалӣ, испанӣ ва полякӣ таҳқиқ гардида, дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ то ба имрӯз таҳқиқ нагардидааст.

БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ВИЖАГИҲОИ ЗАБОНИИ КОНСЕПТИ “ГУЛ/FLOWER” ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

2.1. Таҳлили тафсирҳои энсиклопедӣ ва фарҳангномаҳо дар робита ба вожагони “гул/flower”

Таҳлили тафсирҳои луғавӣ ва этимологӣ имкони муқаррар намудани таркиби консептҳоро, ҳаста ва қисман воҳидҳои луғавии канории онҳоро фароҳам меорад. Инчунин, ин усули таҳлил имкон медиҳад, ки таркиби маъноии консептҳо ба таври амиқ шарҳ дода шавад. Аз ин рӯ, барои муайян намудани таркиби консепт таҳқиқот аввалан бояд аз таҳлили шарҳи маъноии вожаҳои “гул” ва “flower” дар луғатҳои тафсирӣ ва этимологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ оғоз гардад, зеро “ҳастаи консептро беш аз ҳама маънии калидвожа таҷассум менамояд” [83, 58-64]. Натиҷаи таҳлили шарҳи маъноҳои луғавии вожагони “гул/flower” дар асоси фарҳангҳои тафсирӣ ва этимологӣ заминаи асосии таҳқиқи минбаъдаи таркиби консепти “гул” дар забонҳои мавриди назар мегардад. Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” 6 маънои асосии лексемаи “гул” нишон дода шудааст: 1. ғунча ва ё муғчаи вошудаи гиёҳон ва дарахтон, баргҳои рангини ба ҳам пайваста, ки баъзе гиёҳон ва дарахтон дар шохаҳои худ ҳосил мекунанд ва аз он тадриҷан тухм ё мева пайдо мешавад, шукуфаи гиёҳон ва дарахтон. 2. гиёҳҳое, ки барои гулҳои рангоранг ва хушбӯяшон мекоранд; 3. маҷ. беҳтарин чиз, зубдаи ҳар чиз. 4. маҷ. ҳар чизи нозук ва латиф ё ҳар шахси азиз ва маҳбуб; ба таври истиора: гули орзу, гули рухсор, гули боғи умед. 5. нақшу нигоре, ки ба шакли гул дар деворҳо кашида ё ба матоъҳо бофта мешавад; 6. маҷ. сурхакон (бемории хавфнок) [140, 335-336].

Инчунин, дар фарҳанги мазкур шарҳи маъноии ибораҳои аз вожаи “гул” таркибёфта нишон дода шудааст, ки маъноии луғавии онҳо низ ба таркиби консепти “гул” дохил мешаванд: ***гули*** *хандон* – маҷ. ҷавони шоду хандон; ***гули*** *ҳамешабаҳор* – маҷ. рӯйи маҳбуба; *айёми* ***гул*** // *мавсими* ***гул***

вақти шукуфтани гул; мавсими баҳор; *иди* ***гул*** – иди баҳор; фасли гул – киноя аз баҳор; ***гул*** *баровардан;* ***гул*** *кардан* – 1. маҷ. боло рафтан, авҷ гирифтани чизе ё коре; 2. маҷ. масрур гаштан, шоду хандон шудан; завқу шавқ пайдо кардан; ***гул*** *партофтан;* ***гул*** *пошидан //* ***гул*** *фишондан (афшондан)* – ба роҳи касе ё ба рӯйи чизе гул партофта, муҳаббату самимият изҳор кардан; ***гули*** *сари сабад* – чизи беҳтарин, писандидатарин, одами азизтар ва бақадртар дар байни як гурӯҳ, зинатбахши маҳфилҳо; ***гули*** *чашм* – як навъ доғи сафеде, ки дар чашми одам пайдо мешавад; г*ули шамъ (чароғ)* – сари нимсӯхтаи пилтаи чароғу фатилаи шамъ; ***гул*** *буридан* – дар коре маҳорати аз андоза берун нишон додан; ***гул-гул*** *шукуфтан* – 1. аз ҳад зиёд хурсанд шудан; болидан; 2. нашвунамо кардан, ривоҷу равнақ ёфтан, тараққӣ кардан; ***гули*** *мақсуд чидан* – ба мақсад расидан; ***гули*** *умеди касе шукуфтан* ба орзу расидан; *аз* ***гул*** *нозук будан* – бисёр нозук будан; *аз сад* ***гул*** *якаш нашукуфтан* – ҳоло ҳама чиз дар пеш будан; акнун зоҳир шудани қувваю равнақ, ҳанӯз ҷавон будан [140, 335-336].

Таҳлили “Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ” нишон дод, ки лексемаи “гул” дар забони тоҷикӣ ифодакунандаи маъноҳои *ғунча, муғча, гиёҳ, ҳар чизи нозук, нақшу нигор* ва *бемории сурхакон* мебошад ва дар таркиби ибораҳо он маъноҳои *ҷавон, ҷавонӣ, маҳбуба, баҳор, рушд, нумуъ, чизи беҳтарин, доғи сафеди дар чашм пайдошаванда* ва *сари нимсӯхтаи пилтаи чароғу фатилаи шамъ-ро* ифода менамояд.

Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” маъноҳои зерини калимаи “гул” дарҷ гардидаанд: 1. ғунча ва ё муғчаи вошудаи гиёҳон ва дарахтон, шукуфаи кушода, баргҳои рангини ба ҳам пайваста, ки баъзе дарахтон ва гиёҳон дар шохҳои худ ҳосил мекунад ва баъд аз муддате ба ҷойи он тухм ё мева ба вуҷуд меояд; 2. киноя аз рухсор, рӯй, чеҳра; 3. киноя аз лаб; 4. киноя аз маҳбуба; 5. доғи сафедии чашм, як навъ сафедие, ки дар чашм пайдо мешавад; 6. сари фатилаи чароғ, сари нимсухтаи пилтаи шамъ [138, 281-283].

Дар он, ҳамчунин, ибораҳо бо ҷузъи “гул” нишон дода шудаанд, ки дар онҳо вожаи “гул” бо маънои аслӣ ва маҷозӣ корбаст шудааст, ки он маъноҳо таркиби консепти “гул”-ро дар забони тоҷикӣ ташкил медиҳанд:

гули *бехор* – а) гуле, ки хор надорад. б) киноя аз чизи беайб, бенуқсон ва ё бехалал. в) киноя аз шароб; ***гули*** *раъно* – а) як навъ гуле, ки дарунаш зарду берунаш сурх аст; киноя аз маҳбуба. *б)* гули зебо; ***гули*** *сурх* – а) гуле, ки рангаш сурх бошад; б) киноя аз офтоб; ***гул*** *чидан* – гул ҷамъ кардан; маҷ. баҳра бурдан, баҳравар шудан аз чизе; ***гули*** *пажмурда* – а) гули афсурда, гули лавшуда; б) киноя аз рӯйи зард; ***гули*** *рангин* – киноя аз рӯйи гулгун, рӯйи зебо; ***гули*** *навруста* а) гули тозаруида, гули навшукуфта; б) киноя аз маҳбуба; ***гули*** *садбарг* а) гули сурх; б) **киноя аз** маҳбуба; ***гули*** *сурӣ* а) гули сурх; б) киноя аз маҳбуба; ***гули*** *шукуфта* а) гули ниҳоят вошуда; б) киноя аз маҳбуба; ***гул*** *ба чашм афтод* – ба чашм сафедӣ (доғ) афтод, чашм лаккадор шуд; ***гули*** *рӯйи (ё сари) сабад* – киноя аз чизи аъло, чизи беҳтарин, мавриди иззату икром буда; ***гули*** *хандон* а) киноя аз гули шукуфта; б) киноя аз маҳбуба; ***гул*** *кардан* а) зоҳир шудан, намоён шудан; рӯй додан; б) ошкор ва аён гардидан; фош шудан; *аз барги* ***гул*** *қанду шакар рехтан* – киноя аз гуфта шудани лафзи ширин аз лаби маъшуқа [138, 281-283].

Дар фарҳанги мазкур маъноиҳои вожаи “гул” ҳамчун *рӯй, рухсора, лаб, чизи беайб, офтоб, баҳра* нишон дода шудааст, ки ингуна маъноҳо дар “Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ” дарҷ нагардидаанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки барои муайян намудани таркиби консепт дар забони муайян таҳлили ҳамагуна фарҳангҳои тафсирӣ ва этимологӣ, инчунин, маводди назмию насрии соҳибзабонон зарур аст.

Дар “Ғиёс-ул-луғот” лексемаи “гул” чунин шарҳ дода шудааст:

Гул – маъруф аст; ҳар ҷо ки лафзи гул билоизофат ба исми дарахте мазкур шавад, хоси гули сурх мурод бошад ба сӯйи дарахте, дар он сурат ом аст, чунончи гули савсан ва гули наргис; ва лафзи гул ба маънии ахтари оташ низ аст; ва лафзи гул маҷозан ба маънии натиҷа низ омада; ва низ ба маънии беҳтар ва хуб [137, 195]. Дар таркиби ибораҳо бошад, он ба маънои

гули *сари сабад* **–** киноя аз сармои равнақ; ва чизе ки аз амсоли худ беҳтар ва муаззаз ва мумтоз бошад; чи маъмули гулфурушон ва боғбонон аст, ҳар гуле, ки аз ҷумлаи гулҳо калон ва беҳтар бошад, онро бар сари сабаде, ки аз гулҳо пур бошад, мениҳанд; ***гули*** *чашм* – сифедии кучак, ки бар сиёҳии чашм пайдо ояд; ***гул*** *шудан* – зоҳир шудан; гул фиристодан – касеро барои муқобалаи худ талбидан; ***гули*** *гулоб* – ба истилоҳи баъзе майнушон киноя аз шароб, ***гули*** *абр* – қитъаи абр, ***гули*** *нишот* – киноя аз шароб, ***гули*** *замин* – ба маънии қитъаи замин [137, 195-196] омадааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар “Ғиёс-ул-луғот” *гул* ба маънии *қитъа* нишон дода шудааст, ки дар фарҳангҳои дар боло таҳлил гардида, ин маънои гул ба назар намерасид.

Ҳамин тавр, таҳлили фарҳангҳои тафсирии забони тоҷикӣ нишон доданд, ки вожаи “гул” ба маънои аслӣ ифодакунандаи *ғунча, муғчаи вошудаи гиёҳон ва дарахтон, баргҳои рангини ба ҳам пайваста, ки баъзе гиёҳон ва дарахтон дар шохаҳои худ ҳосил мекунанд ва аз он тадричан тухм ё мева пайдо мешавад, шукуфаи гиёҳон ва дарахтон; гиёҳҳое, ки барои гулҳои рангоранг ва хушбӯяшон мекоранд* буда, ба маънои маҷозӣ он *беҳтарин чиз, зубдаи ҳар чиз, чизи нозук ва латиф, чизи беайб, шахси азиз ва маҳбуб, нақшу нигоре, ки ба шакли гул кашида ё бофта мешавад, сурхакон (бемории хавфнок), ҷавон, рӯйи маҳбуба, баҳор, одами азизтар ва бақадртар дар байни як гурӯҳ, зинатбахши маҳфилҳо, як навъ доғи сафеде, ки дар чашми одам пайдо мешавад, сари нимсӯхтаи пилтаи чароғу фатилаи шамъ, ҷавонӣ, шароб, офтоб, рӯйи зард*-ро ифода мекунад.

Дар таркиби ибораҳо калимаи “гул” маъноҳои *боло рафтан, авҷ гирифтани чизе ё коре*, *масрур гаштан, шоду хандон шудан,* завқу *шавқ пайдо кардан, ба роҳи касе ё ба рӯйи чизе гул партофта, муҳаббату самимият изҳор кардан, аз ҳад зиёд хурсанд шудан, болидан, нашъунамо кардан, ривоҷу равнақ ёфтан, тараққӣ кардан, ба мақсад расидан, ба орзу расидан, зоҳир шудан, намоён шудан, аён гардидан, фош шудан*-ро ифода менамояд.

Аз ин ҷо бармеояд, ки дар забони тоҷикӣ ҳастаи таркиби консепти “гул”-ро калимаҳои *ғунча, муғча, шукуфа, гиёҳе, ки барои гулҳои рангоранг ва хушбӯ мекронанд* ташкил медиҳанд ва воҳидҳои луғавии канории он бошад, аз *беҳтарин чиз, зубдаи ҳар чиз, чизи нозук, чизи латиф, чизи беайб, шахси азиз, шахси маҳбуб ва бақадр, зинатбахши маҳфилҳо, сурхакон (бемории хавфнок), ҷавон, рӯйи маҳбуба, баҳор, як навъ доғи сафеде, ки дар чашми одам пайдо мешавад; нақшу нигоре, ки ба шакли гул кашида ё бофта мешавад, сари нимсӯхтаи пилтаи чароғу фатилаи шамъ, шароб, офтоб, рӯйи зард* таркиб ёфтааст.

Дар фарҳанги “Collins English Dictionary” маънохои зерини вожаи “flower” нишон дода шудаанд:

a bloom – 1. ранг, шукуфа, гул, ғунча, маҷмуи гулҳои як гиёҳ; 2) қисми шукуфтаи растанӣ; 3) дар айни инкишоф/ гул-гулшукуфӣ/ нашъунамо [136, 105], blossom or a plant – шукуфаи як гул, мавсими шукуфа, мавсими гулкунӣ [136, 105] ё 1) растанӣ, гиёҳ, набот; 2) ниҳол, ҷавона, қалама; 3) алаф, сабзӣ; [136, 612]; a plant that bears blooms or blossoms – растание, ки гул мекунад ё мешукуфад; the reproductive structure of angiosperm plants, consisting of stamens and carpels surrounded by petals and sepals all borne on the receptacle – узви репродуктивӣ дар растаниҳои пӯшидатухме, ки аз гардбарга ва гулҳо иборат буда, бо гулбаргҳо ва гулчаҳо иҳота карда шудаанд, ки дар гулбанд ҷойгиранд;

1) any similar reproductive structure in other plants – ҳама гуна узвҳои репродуктивӣ дар дигар растаниҳо;

2) the prime, peak – гулкунӣ, вақти гул, авҷ, камол, беҳтарин айём, баландтарин нуқта. Дар ин фарҳанг, инчунин, миқдори зиёди калимаҳои сохташуда аз исми *flower* нишон дода шудааст [149, 593].

Дар фарҳанги “Longman Dictionary of English Language and Culture” якчанд шарҳи калимаи “flower” нишон дода шудааст:

1) the part of a plant, often beautiful and coloured, that produces seeds or fruit – **тарҷ. муҳақ.** қисми зебо ва рангини растанӣ, ки тухм ё мева медиҳад;

2) a plant that is grown for the beauty of this part – **тарҷ. муҳақ**. растаниҳое, ки барои зебоӣ парвариш карда мешаванд / He grows flowers in the front garden, and vegetables in the back – **тарҷ. муҳақ**. Ӯ дар боғи пеши хона гул ва дар боғи паси хона бошад, сабзавот меруёнад.

3) the best part; the most perfect (of a group) – **тарҷ. муҳақ**. қисми беҳтарин ва комил (дар як гурӯҳи монанд) [150, 493].

Дар “Dictionary of American English with Thesaurus” лексемаи “flower” бо таври зайл маънидод шудааст:

1. The colored part of a plant or tree that produces seeds or fruit – **тарҷ. муҳақ.** қисми рангини растанӣ тухм ё дарахт, ки ё мева медиҳад; a small plant that produces flowers – **тарҷ. муҳақ.** растанӣ ё гиёҳи хурде,. ки гулҳо истеҳсол мекунад.

Дар фарҳанги “The American Heritage Dictionary” вожаи “flower” (гул) чунин тафсир шудааст:

The reproductive structure of some seed-bearing plants, characteristically having either specialized male or female organs or both male and female organs, enclosed in an outer envelope of petals and sepals. b. Such a structure having showy or colorful parts; a blossom. – **тарҷ.муҳақ.** Сохтори репродуктивии баъзе растаниҳои тухмӣ, ки ба онҳо мавҷудияти узвҳои махсуси нарина ё модина ва ё ҳам узвҳои нарина ва ҳам модина хос аст, ки дар ғилофҳои берунии гулбаргҳо ҷойгиранд. б. Чунин сохтор дорои қисмҳои аҷиб ё рангоранг мебошад; гул. 2. A plant that is cultivated or appreciated for its blossoms. – **тарҷ. муҳақ**. Растание, ки онро парвариш мекунанд ё барои гулҳояш қадр мекунанд 3. The condition or a time of having developed flowers. – **тарҷ. муҳақ.** Ҳолат ё вақти гулҳои инкишофёфта. 4. Something, such as an ornament or a figure of speech, that resembles flower in shape, fineness, or attractiveness. – **тарҷ. муҳақ**. Чизе, аз қабили ороиш ё тасвири сухан, ки аз рӯйи шакл, нафосат ё ҷолибият ба гул шабоҳат дорад. 5. The period of highest development; the peak. – **тарҷ. муҳақ**. Давраи баландтарини рушд; қулла. 6. The highest example or best representative. – **тарҷ. муҳақ**. Намунаи олӣ ё

беҳтарин намоянда. 7. A natural development or outgrowth. – **тарҷ. муҳақ**. Инкишоф ё афзоиши табиӣ [155, 818].

Таҳлили маъноии лексемаи “flower” дар асоси фарҳангҳои тафсирии забони англисӣ нишон дод, ки лексемаи мазкур дар забони англисӣ дорои маъноҳои зерин мебошад: *ғунча, шукуфа, қисми шукуфтаи гул, нашъунамо, мавсими шукуфа, ниҳол, узви репродуктивии растанӣ*, ки ба ҳастаи консепти “гул” ва *гулкунӣ, вақти гул, авҷ, камол, беҳтарин айём, баландтарин нуқта, нақшу нигор, қулла, давраи баландтарини рушд, намунаи олӣ ё беҳтарин намоянда, инкишоф ё афзоиши табиӣ*, ки ба воҳидҳои луғавии канории консепти “гул” дар забони англисӣ дохил мешавад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки таҳлили фарҳангҳои тафсирӣ барои муайян намудани таркиби консепт кофӣ нест, аз ин рӯ, ҳангоми таҳқиқи консептҳо таҳлили фарҳангҳои этимологӣ низ зарур ва ҳатмӣ арзёбӣ мегардад. Забоншинос Ю.С. Степанов қайд менамояд, ки: “Барои муайян кардани шакли дохилии консепт бояд ҳолати фарҳанг дар замони пайдоиши консепти муайян таҳқиқ карда шавад, яъне ҳамон расму оинҳои халқӣ, эътиқод, тамаддун, урфу одат, ҷаҳонбиние, ки консепти муайян ҳамчун ҷузъи онҳо ба вуҷуд омадааст” [96, 81].

Гул аз забонии паҳлавии gul ба забони тоҷикӣ ворид шудааст, ки дар забони форсии миёна gwl, аз забони форсии бостон varddha, авестоии “варто” – “vartaʌ” ва “вард” – “vard” иқтибос гирифта шудааст. Аз истифодаи ин вожа дар “Бурҳони қотеъ” ба шакли “вард” шарҳе мавҷуд аст. “Варда” дар аввалҳои даврони “Ашкониён” таҳаввули шаклӣ ёфта, ҳарфҳои (rd) ва (l) тағйир ёфтанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки вожаи “warda” барои ифода намудани яке аз анвъҳои гули садбарг истифода мешуд, ки аз он гули садбарг “rose” дар забони англисӣ сарчашма гирифтааст. “Varda – vala” хонда шуд ва тадриҷан садоноки а-и охири калима афтода *гул* ба шакли vel хонда мешуд. Бо мурури замон вел ба гул табдил ёфт ва дар давраҳои минбаъда дар забон ва адабиёти форс-тоҷик маъмул гардид.

Вожаи “flower” аз забони фаронсавии қадими “flor”, яъне гул, шукуфа, оғоз, даврони аввалияи ҳар чиз, мавсими шукуфа, авҷи тараққиёт, даврони гул-гулшукофӣ, ки аз забони лотинии florem, дар падежи номӣ ҳамчун flos иқтибос гирифта шудааст, ки он аз забонҳои ҳинду аврупоии bhel сарчашма гирифтааст [189].

Хулоса, таҳлилҳо нишон доданд, ки консепти “гул” дар шуури тоҷикзабонон тасаввуроти гуногунр таҷассум менамояд, ки дар ҷадвали зерин нишон дода шудааст:



Ҷадвали 1. Силсилаи тасаввурот дар шуури тоҷикзабонон роҷеъ ба консепти “гул”

Бояд қайд кард, ки консепти “гул” дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон таҷассумгари маҳбуба. шахси маҳбуб, лаб, ҷеҳра, офтоб, ҷавон, беморӣ ва чизи беайб мебошад, ки ҳолати мазкур дар забони англисӣ ба назар намерасад. Консепти “гул” дар шуури англисзабонон силсилаи тасаввуротро, аз қабили ғунча, шукуфа, ниҳол ва амсоли инҳо таҷассум менамояд, ки дар ҷадвали зер нишон дода шудааст:



Ҷадвали 2. Силсилаи тасаввурот дар шуури англисзабонон роҷеъ ба консепти “гул”

2.2. Таҳлили робитаҳои лексикӣ-семантикии калидвожаҳои “гул” дар забони тоҷикӣ ва “flower” дар забони англисӣ

Дар таҳқиқоти таҳлили консептуалӣ пеш аз ҳама таҳлили маълумоти лексикографӣ гузаронида мешавад, ки он замина барои имкони муайян намудани ҳаста ва воҳидҳои луғавии канории консептро фароҳам меорад. Қайд кардан ба маврид аст, ки тавассути таҳлили таърифҳои калидвожа дар асоси луғатҳои тафсирӣ пурра муайян кардани таркиби консепт ғайримикон мебошад. Аз ин рӯ, барои муайян намудани он дар баробари таҳлили фарҳангҳои тафсирӣ, зарурати муайян намудани робитаҳои парадигматикӣ дар таркиби консепт, аз қабили муносибатҳои синонимӣ, антонимӣ ва гипонимӣ ба миён меояд. Дар зербоби мазкур мо тасмим гирифтем, ки барои муайян кардани таркиби консепти “гул” робитаҳои синонимӣ, антонимӣ ва гипонимии лексемаҳои ифодакунандаи онро мавриди омӯзиш қарор диҳем.

2.2.1. Таҳлили робитаҳои синонимӣ ва антонимӣ

Калимаҳои ҳар як забон бо ҳам алоқаманданд. Маъноҳои луғавии калимаҳо бо маъноҳои луғавии калимаҳои дигар алоқаи муайян доранд. Дар забон гурӯҳҳои гуногуни луғавӣ-маъноӣ мавҷуд мебошанд, ки дар онҳо калимаҳои як ҳиссаи нутқ ва ё ҳиссаҳои гуногуни нутқ муттаҳид шудаанд, ки онҳо як маъно ва ё маъноҳои ба ҳам наздикро ифода менамоянд. Дар ин асос, дар забон гурӯҳҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст: ҳавзаи маъноӣ, гуруҳҳои истилоҳотӣ, силсилаи синонимӣ ва ҷуфтҳои антонимӣ.

Ҳавзаҳои маъноӣ дар хотираи шахс нигоҳ дошта мешаванд ва ҳар лаҳзае, ки инсон фикр мекунад ва онҳо лозим меоянд, ҳавзаҳои маъноӣ дар хотира ва баъдан дар нутқи ӯ пайдо мешаванд. Ҳавзаҳои маъноӣ силсилаи тасаввурот мебошанд, ки бештар хусусияти универсалӣ доранд. Бояд таъкид кард, ки ҳангоми омӯзиши консептҳо бояд ҳавзаҳои маъноии бо консептҳо алоқаманд таҳлил карда шаванд, зеро таҳқиқи моҳияти консептҳо тавассути омӯзиши ҳавзаҳои маъноӣ имконпазир мегардад.

Ҳастаи консептро маънои асосии калима ташкил медиҳад, ки он тавассути таърифҳои дар луғатҳои тафсирӣ овардашуда ошкор мегардад. Қабати асосии он бо маънои калима мувофиқат мекунад, аммо таркиби консептро натанҳо маънои калидвожа ташкил медиҳад, балки инчунин, маъноҳои синонимҳое, ки барои тавсифи як консепт истифода мешаванд, ба тарикби он ворид мегарданд. Аз ин рӯ, барои таҳқиқи таркиби консепти “гул” омӯзиши силсилаи синоними лексемаҳои ифодакунандаи он мувофиқи матлаб аст.

Дар “Oxford Dictionary of Synonyms and Antonyms” синонимҳои зерини калимаи “flower” нишон дода шудаанд: bloom (гул, гулкунӣ, нашъунамо, авҷ, мавсими шукуфа), blossom (гул, шукуфа), bud (муғча, ғунча, ҷанин), floret (гулча), petal (гулбарг) [153, 157]. Дар ин луғат миқдори маҳдуди синонимҳо – панҷ калима оварда шудааст, ки дутои онҳо мустақиман ба худи гул дахл доранд ва сетоаш номи қисмҳои алоҳидаи он мебошанд.

Дар “Webster's Dictionary of Synonyms and Antonyms” синонимҳои исми “flower” дода нашудааст, балки синонимҳои сифатҳои якрешаи “flowery” оварда шудаанд: aureate, grandiloquent (дабдабанок, пуртумтароқ, мутаккабир), magniloquent, ritorical, euphuistic, bombastic (дабдабанок, пуртумтароқ, бодабдаба, боҳашамат).

Инчунин, дар фарҳанги мазкур калимаҳои аз ҷиҳати маъно ба сифати “flowery” (гулдор, рангин) монанд ба маънои бошукӯҳ, гулзор нишон дода шудаанд. Масалан, florid (шукуфон, гулдор), ornate (зинатдор), flamboyant (гулшукуфта, рангоранг); inflated (саршор), tumid (дабдабанок), turgid (дабдабанок); wordy (пургап, сергап) [159, 351]. Калимаҳои боло ҳангоми ба маънои маҷозӣ ба сифати хусусияти гуфтори хаттӣ ё шифоҳӣ, услуб, тарз корбаст шудан бо лексемаи “flowery” муродиф мешаванд. Барои пурратар муаррифии силсилаи синонимҳои баррасишуда, маълумоти якчанд луғатҳо пешниҳод карда мешаванд.

Дар “The New Oxford Thesaurus of English” якчанд гурӯҳи синонимҳое пешниҳод шудаанд, ки бо исм, сифатҳои олӣ ва ибораҳо ифода шудаанд:

1) ба маънои аслӣ “рангин, ранга, на қисмати сабзи растанӣ, ки ба гулчанбари хурди аз гулбаргҳо монанд буда, зебоӣ ва бӯйи муайян дорад.” – bloom (гул, гулкунӣ, нашъунамо, авҷ, мавсими шукуфа), blossom (гул, шукуфа), floweret (гулча), floret (гулча)

1) ба маънои маҷозии “вақти гул, беҳтарин айём” heyday - prime (гул-гул шукуфӣ, авҷ, беҳтарин айём), peak (нуқтаи баландтарин), pinnacle (қула), zenith (авҷ, камол), acme (нуқтаи баландтарин рушд) , height (баландӣ , боло), ascendancy, climax (болоравӣ, авҷи боло), culmination (ҷамъшавӣ), crowning point (нуқтаи ниҳоӣ), perfection (камолот), heyday (авҷ, беҳтарин давр), springtime (ибтидо, аввал) , bloom (гулшукуфоӣ), flowering (гулкунӣ);

2) ба маънои маҷозӣ “беҳтарин намоянда” - best (беҳтарин), finest (олитарин), top (ҳадди камол), pick (авҷ), choice (интихоб), choicest (баргузида), prime (айёми беҳтарин), cream (қисмати беҳтарин, ранг), prize (инъом), treasure (ганҷ), pearl (гавҳар), gem (гавҳар, дурдона), jewel (гавҳар),

the jewel in the crown (азизтарин дар байни баробарон), first class (синфи якум/олӣ), elite (баргузида), elect (баргузида), the tops (волотаринон) [151, 345].

Дар фарҳанги “Roget's International Thesaurus” калима ва ибораҳое нишон дода шудаанд, ки ҳам муродифи исми “гул” мебошанд ва ҳам ба ҳавзаи маъноии гулҳо дохил мешаванд: posy (дастаи гул), blossom, blow (old) (ранг, шукуфонӣ), floweret (гулча), floret (гулча), floscule (гулча, гули алоҳида), wild flower (гули худрӯй), gardening (боғдорӣ), horticulture (боғдорӣ), floriculture (гулпарварӣ), hortorum (боғ) [154, 241].

Дар забони тоҷикӣ калимаи “гул” сермаъно буда, он аз рӯйи маънои аслӣ ва маҷозиаш дорои синонимҳои гуногун мебошад. Дар “Луғати мухтассари синонимҳои забони тоҷикӣ” ду синоними калимаи “гул” нишон дода шудааст: ғунча, шукуфа [134, 61]. Инчунин, дар луғати мазкур тафоввут миёни калимаи “гул” ва синонимҳои он нишон дода шудааст. Калимаи “шукуфа” аз калимаи “гул” фарқи зиёди маъноӣ надорад, вале аз ҷиҳати мавқеи истеъмолӣ ва хусусиятҳои услубиаш аз калимаҳои дигар фарқ дорад. Шукуфа бештар нисбат ба гули дарахтон ба кор бурда мешавад [134, 61]. Аз ин ҷо, бар меояд, ки на ҳама калимаҳои қатори синонимии вожаи “гул” дорои як маънои аслӣ ва маҷозӣ буда, баробармаъно ва баробарарзиш мебошанд ва дар ҳама ҳолат калимаи “гул”-ро иваз карда метавонанд.

Ғунча раванди то шукуфагӣ, то гулкунӣ мебошад. Аммо дар забони адабии ҳозираи тоҷик ин калима баъзан ба маънои гул ва шукуфа омада, онҳоро иваз мекунад [134, 61].

Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” синонимҳои зерини калимаи “гул” нишон дода шудааст:

Ба маънои аслӣ ҳамчун узви дарахт, растанӣ ва гиёҳ: ғунча, муғча, шукуфа (ушкуфа) [140, 282].

Ғунча – пунбаки гул, гули ношукуфта, гуле, ки ҳанӯз кушода нашудааст [140, 657].

Шукуфа – гули дарахтони мевадор [140, 603].

Ба маънои маҷозӣ ҳамчун чеҳра: рӯй, рухсора, афт, симо, башара, лиқо, талъат, сурат, намуд.

Ба маънои маҷозӣ ҳамчун маҳбуба: маъшуқа, маҳбуба, ҷонона, санам, дилором, гулғунча, ёр, дилбар, бут, дилрабо, нозанин, нигор, моҳрӯ, дӯстдошта.

Ба маънои маҷозӣ ҳамчун “беҳтарин чиз, зубдаи ҳар чиз”: беҳтарин, волотарин, зубда, баргузида, яккачин, сара, мақбул, писандида; интихобшуда, мунтахаб интихобшуда, писандида, афзал дониташуда, хуб, нағз, олитарин.

Ҳамин тавр, таҳлилҳо нишон медиҳад, ки силсилаи синонимии лексемаи сермаънои “гул” дар забони тоҷикӣ ва “flower” дар забони англисӣ ва калимаҳои аз он сохташуда гуногун ва рангоранг мебошад, ки аз мураккабии таркиби консепти “гул” дар ин забонҳо шаҳодат медиҳад.

Ба силсилаи синонимии вожаи “flower” дар забони англисӣ калимаҳои bloom (гул, гулкунӣ, мавсими шукуфа), blossom (гул, мавсими шукуфа), floweret (гулча), flowering (гулкунӣ), blossoming (гулкунӣ), florescence, efflorescence, inflorescence (мавсими гул), heyday (инкишоф, авҷи тараққиёт, нашъунамо, авҷ), prime (оғоз, мавсими шукуфа), best days (беҳтарин рӯзҳо), youth (ҷавонӣ), peak (ҳадди камол, авҷ), best, finest (беҳтарин), treasure (ганҷ), pearl, gem, jewel (гавҳар) дохил мешаванд.

Ба қатори муродифҳои калимаи “гул” дар забони тоҷикӣ вожаҳои ғунча, муғча, шукуфа, маъшуқа, маҳбуба, ҷонона, санам, дилором, гулғунча, ёр, дилбар, бут, дилрабо, нозанин, нигор, моҳрӯ, дӯстдошта, беҳтарин, волотарин, зубда, баргузида, яккачин, сара, мақбул, писандида; интихобшуда, мунтахаб интихобшуда, писандида, афзал дониташуда, хуб, нағз, олитарин дохил мешаванд.

Инкишофи робитаҳои антонимӣ дар низоми луғавии забон инъикосгари тасаввуроти инсон дар бораи воқеият бо тамоми мураккабии зиддиҳамдигарӣ ва вобастагии ҳамдигар мебошад. Аз ин рӯ, калимаҳои муқобил, инчунин, мафҳумҳое, ки онҳо ифода мекунанд, на танҳо ба

ҳамдигар мухолифанд, балки бо ҳам зич алоқаманданд. Омӯзиши антонимҳо натиҷаи омӯзиш ва тавсифи муносибатҳои семантикии калимаҳост, ки маънои калимаро то андозае бо ҳамбастагии он бо калимаҳои дигар муайян мекунад. Ҳар як воҳиди забон дар робита бо воҳидҳои дигар маънои хоси худро пайдо мекунад. Дараҷаи вобастагӣ ва хусуссияти маънoҳои луғавӣ на танҳо ба таркиби мазмунии ҳар як калимаи алоҳида, балки ба хусусиятҳои сохти хоси парадигмаи лексикӣ-семантикӣ, ки калима ҷузъи он мебошад, вобаста аст. Антонимҳо калимаҳое мебошанд, ки аз рӯйи семантика ба ҳам муқобиланд. Муайян намудани робитаҳои антонимӣ ҳангоми омӯзиши консептҳои гуногун имкони амиқтар ва васеътар омӯхтани тасаввуроти соҳибзабононро фароҳам меорад, ки бо консепти омӯхташванда алоқаманд аст. Таҳлили робитаҳои антонимии вожаҳои ифодакунандаи консепти “гул” ва маънoҳои калидвожаи “гул” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ имкони ба пуррагӣ омӯхтани он тасаввуротеро фароҳам меорад, ки консепти “гул” дар шуури тоҷикзабонон ва англисзабонон таҷассум менамояд.

Чун дар зербобҳои боло қайд гардидааст, консепти “гул” дар забони тоҷикӣ бо калидвожаи *гул* ифодаи забонӣ ёфтааст, ки антоними он *хор* мебошад. Хор – шохчаи нугдори халандаи наботот, хасак [139, 493] мебошад. Антоними феъли *гул кардан*, ки бо ҷузъи *гул* таркиб ёфтааст, *пажмурда шудан, хушк шудан, хушкидан, хазон гаштан, заиф шудан, хароб шудан, харобу лоғар шудан* мебошад. Чӣ тавре ки дида мешавад, дар таркиби антоними феъли *гул кардан*, ҷузъи *хор* тамоман ба назар намерасад.

Гул ба маънои маҷозӣ ифодакунандаи *шахси дӯстошта*, хусусан, *маҳбуба, маъшуқа, нозанин* ва *моҳрӯ* мебошад, ки зидмаънoҳои калидвожаи гул ба ин маъно *карех, манфур, номаҳбуб, дилнокаш, мудҳиш, девсират, зиштрӯй, бадафт, бенамуд, беҳусн, ситорахунук* мебошанд.

Инчунин, калидвожаи гул дар забони тоҷикӣ ифодакунандаи *беҳтарин чиз, зубдаи ҳар чиз* мебошад, ки ба ин маъно дар низоми луғавии забони тоҷикӣ вожаҳои *бад, бадтарин, гандатарин, ҳақир, паст, залил, разил, манфур, номукамал, заиф, бадшакл, ганда, хира, ғамгин, беэътимод,*

дилпурнашаванда, шубҳаовар, ноустувор, суст, заиф, бемадор; пажмурда антонимҳои онҳо ба шумор мераванд.

Дар забони англисӣ антонимҳои калидвожаи *flower* ба маънои растанӣ *thorn* – хор, тез, сартез, жаш [136, 837], *prickle* – хор, хас, теғ, харошанда [634], *spine* – теғ, хор, сӯзан (растаниҳо) [136, 774], *spike* – нуг, сар, сарнайза; мехи баланд ва тез, гулмех; хор, милл [136, 774] мебошанд. *Thorn* – қисми чӯбину сахт ва тези поя ё қисми дигари растанӣ [190], *prickle* – шохчаи кӯтоҳ дар пӯсти растанӣ; хори хурд [190], *spine* – ҳама гуна чизе ки берун задааст ё таркиби дифоии сахт, аз қабили хори хорпушт, чизе хӯшамонанд дар чӯби баҳр, шуои тез дар сутуни моҳӣ ё хуша дар пояи растанӣ [190] мебошад.

Бояд қайд кард,ки калидвожаи *flower* дар забони англисӣ ҳамчун феъл *to flower – рушд кардан, тараққӣ кардан* истифода мешавад, ки ба ин маъно қатори антонимии вожаи *flower* аз калимаҳо *decline* – рӯ ба таназзул ниҳодан, завол ёфтан [136, 227], *decay* – рӯ ба завол ниҳодан, рӯ ба нестӣ гузоштан, хароб гаштан [136, 225], *downfall* – завол, сарнагунӣ, нобудӣ [136, 265] таркиб ёфтааст. Ба маънии *нашъунамо кардан, авҷ гирифтан* антонимҳои *to flower* калимаҳои *to die* – 1) ҷон додан, мурдан, вафот кардан, даргузаштан, реҳлат кардан *(for sth/sb - барои_чизе/касе; of sth - аз чизе;* 2) сахт хостан *(for sth ё to do sth - барои чизе ё чизеро кардан*) [136, 243], *to fade* – 1) пажмурда шудан *(гул);* 2) па- ридан *(ранг),* камранг шудан, беранг шудан; 3) заиф шудан; 4) аз байн рафтан, нопадид шудан, аз миён рафтан [136, 309], *to wither* – 1) пажмурдан, пажмурда шудан, хушк шудан, палосидан, пажмурда кардан, хушк кардан; 2) ба ёс мубаддал шудан, аз миён рафтан, табоҳ шудан/ кардан; 3) *маҷ.* беқувват шудан, суст ва беҳол шудан, фарсудан [136, 925], *to dry up* – хушк (қоқ) кардан, хушкондан, хушкидан [136, 272], *to drop* – 1) афтодан, рехтан, чакидан, қатра-қатра рехтан; 2) ғалтондан; 3) ғалтидан; 4) партофтан; 5) паст фуромадан, паст шудан *(нарх, ҳарорат);* 6) фуру рафтан; 7) партофтан, андохтан *(аз матн);* 9) бохтан *(мусобиқа , пул ва г)* [136, 270], *to shrivel* – чиндор шудан, бурма шудан, пажмурдан, ба худ печида шудан, хушк шуда тоб партофтан [136, 740], *to wilt* – 1) пажмурдан, пажмурда/ бетароват

шудан, палосидан *(гиёҳ);* 2) аз ҳол рафтан, ворафтан, ба зону задан, ғалтидан, поин афтодан, хам/қад шудан, аз по даромадан; 3) суст шудан, аз шиддат афтодан, заиф шудан [136, 921], *to expire* – боз дамидан, нафас баровардан, дам баровардан; нафаси охир кашидан, мурдан; ба поён расидан, сипарӣ шудан, тамом шудан, хотима ёфтан [136, 304], *to perish* – мурдан, ба ҳалокат расидан, ҳалок шудан, талаф шудан, кушта шудан, дони худро аз даст додан*;* нобуд шудан, аз миён рафтан [136, 601] мебошанд.

Ҳамин тавр, таҳлили робитаҳои антонимии ҳавзаҳои маъноии консепти “гул” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон дод, ки ба ҷузъ тасаввуроти мусбат *гул* дар шуури тоҷикзабонон ва англисзабонон тасаввуроти манфиро низ таҷассум менамояд, ки ба сохт, таркиб, ранг ва даврони ҳаёти гулҳо вобастагӣ дорад.

2.2.2. Таҳлили робитаҳои гипонимӣ

Консепти “гул” дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон ва англисзабонон натанҳо бо калидвожаи “гул/flower” ифода меёбад, балки он метавонад, инчунин, дар гипонимҳо, яъне номҳои навъҳои гуногуни гулҳо, аз қабили *садбарг, лола, савсан, наргис, бунафша, марворид, гули момо, бойчечак* ва ғайра дар забони тоҷикӣ ва *rose, tulip, lily, narcissus, violet, bellis perennis, bluebell, snowdrop* ва амсоли инҳо дар забони англисӣ таҷассум ёбад, ки гипонимҳои мазкур ба таркиби консепти “гул”дохил мешаванд.



Ҷадвали 3. Гипонимҳои консепти “гул” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ

Барои аниқтар муайян намудани таркиби консепти “гул” дар забонҳои мавриди назар зарурати таҳлили як қатор гипонимҳои маъмули забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба миён меояд. Азбаски доираи диссертатсияи номзадӣ маҳдуд мебошад, аз ин рӯ, тасмим гирифта шуд, ки дар диссертатсияи мазкур гипонимҳои маъмули забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баррасӣ шаванд. Гипонимҳои маъмули таҷассумкунандаи консепти “гул” дар тасвири ҷаҳони тоҷикзабонон ва англисзабонон, *садбарг/rose, лола/tulip, савсан/lily, наргис/narcissus, бунафша/*violet*, марворид/daisy, гули момо/ bluebell***,** *бойчечак/ snowdrop* мебошанд, ки дар зербоби мазкур таҳқиқ мегарданд.

Гипоними *гули садбарг*, ки ифодагари консепти “гул” дар алоҳидагӣ мебошад, дар забони тоҷикӣ бо вожаи “садбарг” ва дар забони англисӣ бо калимаи **“**rose**”** ифодаи забонии худро ёфтааст.

Калимаи ***rose*** тавассути забони лотинӣ аз забони юнонии rhodon – “садбарг” ба забони англисӣ иқтибос гирифта шудааст. Сарчашмаи аслии он, вожаи маъмули ҳиндуаврупоӣ wrdho – ба маънии хор мебошад**.** Маънои асосии ин лексема яке аз гулҳои гуногуни худрӯй ё киштшудае мебошад, ки дар буттаҳо меруяд, пояш бо хор пушонида шудааст [157, 773; 152, 1113; 148, 743]

Маънои аслии калимаи ***садбарг*** дар забони тоҷикӣ, гули сербарги хушбӯй мебошад [141, 195].

Ба маънои маҷозӣ, ***гули садбарг*** асосан ифодагари *маҳбуба* мебошад. Асоси шабеҳ додани гули садбаргро бо маҳбуба тасаввурот оид ба гули садбарг ҳамчун “гули сурхи зебои хушбӯй” ташкил медиҳад:

Чу он гулбаргрӯён бар сари хок

Гули садбаргро диданд ғамнок..[177].

Дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон ва англисзабонон калимаи “***rose/садбарг***” ҳамчун номи занона инъикос ёфтааст. Бояд қайд кард, ки дар забони англисӣ шаклҳои гуногуни номи занона бо ҷузъи “***rose***”, аз қабили

Rose, Rosa, Ros, Rosy, Rosie вуҷуд дошта, дар забони тоҷикӣ бошад, он танҳо дар як шакл, *Садбарг* дида мешавад.

Сарчашмаи паҳншавии флороними ***садбарг*** дар тасвири забони миллии ҷаҳони тоҷикзабонон ва англисзабонон аз тарзи зиндагӣ ва муносибат ба гулҳо иборат мебошад. Дар натиҷа, дар низоми луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ миқдори зиёди калимаҳо ва ибораҳое мавҷуданд, ки қисмҳои садбарг, раванди нигоҳубини онро тавсиф мекунанд: ***rose-bud*** *– ғунчаи гули садбарг*, *шукуфаи садбарг [136, 698]*, ***rose petal, rose-leaf*** *– барги садбарг [136, 698]*, ***rose bush*** *– бутаи садбарг [180]*, ***rose plant*** *– буттазори садбарг [180]*, ***rose-tree*** *– дарахти садбарг [136, 698]*, ***rose garden*** *– боғи гулҳои садбарг [180]*, ***a bunch of roses*** *– дастаи гули садбарг [180]*, ***a bouquet of roses*** *– гулдаста аз гули садбарг [180]*, ***rose fancier*** *– дӯстдори гули садбарг [180]*.

Қайд кардан ба маврид аст, ки гипоними **"*садбарг*"** дар ҳаёти англисзабонон назар ба ҳаёти тоҷикзабонон мавқеи бештарро ишғол менамояд, аз ин рӯ, дар низоми луғавии забони англисӣ шумораи зиёди калимаҳо бо ҷузъи **"*rose*"** ба назар мерасанд: ***rose*** *– ранги сурх, қирмиз* [136, 698], ***rosy*** *- гулгун, сурх, қирмизӣ; хушбу, шукуфта* [136, 698], ***roseate*** *- қирмизӣ, сурх* [136, 698], ***rosary*** *– тасбеҳ, гулзор, гулбоғ, гулчин* [136, 698], ***rosewater*** *– гулоб* [136, 698], ***rosewood*** *– сурхчуб, навъи чуби қиматбаҳо* [136, 698], ки дар бештари калимаҳои сохташуда, маънои калимаи решагӣ тамоман гум шудааст. Аз тарҷумаи калимаҳои англисӣ ба забони тоҷикӣ бармеояд, ки дар забони тоҷикӣ бештар вожаи "гул" дар ифодаи мафҳумҳое истифода мегардад, ки калимаҳои англисӣ бо ҷузъи "***rose***" баён менамоянд. Инчунин, дар забони англисӣ агар лексемаи "***rose"*** ифодакунандаи *гул* ва *ранг* бошад, пас дар забони тоҷикӣ барои ифода намудани *гули сербарги хушбӯй* лексемаи "*садбарг*" ва *ранг* вожаҳои "*сурх*" ва "*қирмизӣ*" истифода мешаванд.

Калимаи ***rose*** ва калимаҳои аз он сохташуда, инчунин, ибораҳои аз калимаи ***rose*** таркибёфта бештар дар истилоҳоти соҳаи биология, ботаника,

атриёт, меъморӣ ва сохтмон, муҳандисӣ, энтомология, тиб ва лексикаи тарабхона вомехӯранд.

Дар истилоҳоти ботаникӣ дар забони англисӣ, истилоҳоти зиёдеро мушоҳида намудан мумкин аст, ки бо ҷузъи “***rose”*** ташкил ёфтаанд. Дар истилоҳоти ботаникӣ асоси таҳвили маҷозиро инҳо ташкил медиҳанд:

– хорҳои гул: ***hedge rose [180]*** – **таҳтул**. садбарги деворӣ – *хуч, насрин*, ***dog rose [180]*** **– таҳтул** – садбарги сагӣ – *хоргул, хуч*, ***erectprickle rose [180]*** **– таҳтул**. садбарги рости хордор – *хучи гулҳои кундгуш дошта*, ***wild rose [180]*** **– таҳтул**. садбарги даштӣ – *хуч,* ***eglantine rose [180]*** **– таҳтул.** садбарги эглантерия – *настаран;*

– шумора ва сохтори гулбаргҳо: ***cabbage rose [180]*** **– таҳтул**. садбарги карамӣ, ***moss rose [180]*** **– таҳтул**. садбарги торфӣ, ***seven-sisters rose [180]*** **– таҳтул.** садбарги ҳафтхоҳарон – *садбарги гуногунранг, садбарги паҳнбарг.*

– ранг ва бӯйи гул: ***musk rose [180]*** – **таҳтул**. садбарги мушкин, ***tea rose [180]*** – **таҳтул**. чойи садбарг – *атргул*, ***red rose [180]*** **– таҳтул.** садбарги сурх – *гули саврӣ.*

Бояд қайд кард, ки ҳолати мазкур хоси забони англисӣ буда, он дар забони тоҷикӣ ба назар намерасад. Дар забони тоҷикӣ бештари истилоҳоти ифодакунандаи навъҳои гули садбарг бо ҷузъи “гул” таркиб ёфтаанд.

Дар истилоҳоти ҳашаротшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ флороними ***rose/садбарг*** дар ифодаи номгӯйи ҳашароти зараррасони гули садбарг, ҳашароте, ки дар гули садбарг зиндагӣ мекунанд ё аз он ғизо мегиранд, истифода мешавад: ***rose hip fly*** – *шапалаки алоқанотаки гули садбарг,* ***lesser rose aphid*** – *ширинчаи майдаҳаки гули садбарг*, ***common rose pigmy*** – *куяи майдаҳаки гули садбарг*.

Дар истилоҳоти тиббӣ дар забони англисӣ ибораҳои зерин бо флороними ***rose*** ба назар мерасанд, ки дар таркиби муодилҳои онҳо дар забони тоҷикӣ ҷузъи “садбарг” дида намешавад: ***rose bengal*** – *маводди рангкунандаи бенгалии гулобӣ*, ***rose cold*** – *зукоми аллергӣ ҳангоми варақа*,

rose-drop *– гармичаи сурх ё гулобӣ,* ***rose-rash*** *– сурхча,* ***rose spot*** *– сурхча ҳангоми доманаи шикам,* ***rose water*** *– гулоб,* ***St. Rose's disease*** *– пеллагра (беморие, ки дар натиҷаи нарасидани витамини PP ва аминокислотаи триптофан ба амал меояд).*

Дар забони англисӣ истилоҳоти техникӣ бо флороними ***rose*** тавассути таҳвили маҷозӣ бо муқоиса намудани гули садбарг, шакли хорҳои он бо асбобҳои ченаки самт ва вусъати шамол, мавҷ, ҷараён, ифлосшавӣ, доираҳои гуногнуи гулгач ва моеъпошакҳо ташаккул меёбанд. Асоси шабоҳатро аломати “нобаробарӣ, сохтори бисёрсатҳа” ташкил медиҳад: ***rose*** *– гулбарги бодҳо (хатти ҳаракати шамол (номи ҷадвале, ки такроршавии ҳаракати бодро дар муддатҳои муайян нишон медиҳад)***,** *мулҳақаи сӯрохияш гирдашакл, мулҳақаи сӯрохидор, моеъпошак; тӯри бахудкашанда; васлаки барқӣ***, ceiling rose [130, 324]** *– доираи гулгаҷи шифт*, **compass rose [130, 324]** *– доираи майлони қутбнамо*, **current rose [130, 324]** *– гулбарги ҷоришҳо***, pollution rose [130, 324]** *– гулбарги ифлосшавии ҳаво (диаграммаи тақсимоти ифлосшавии атмосфера, ки ба гулбарги бодҳо мувофиқ аст);* ***wave rose [130, 324]*** *– гулбарги мавҷҳо,* ***wind rose [130, 324]*** *– гулбарги бодҳо,* ***spraying rose [130, 324]*** *– моеъпошак*.

Дар истилоҳоти меъморӣ ва сохтмонӣ низ як қатор истилоҳоти бо ҷузъи *“****rose/садбарг”*** мавҷуданд, ки асоси таҳвили маҷозиро шумораи баргҳои гул ва шакли гул ташкил медиҳад. Ин ороиш асосан барои ороиши расм ё нақши шифтҳо ва рӯйи шишаҳои рангин истифода мешуд, ки рӯшноӣ мегузаронад. Масалан, ***rose window*** *– равзанаи мудаввари садбаргмонанд***,** ***rose molding*** *– кандакорӣ дар шакли гули садбарг*.

Инчунин, дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон як қатор номгӯйи нӯшокиҳо, аз қабили май, шароб ва амсоли инҳо бо флориними ***rose*** ба назар мерасанд, ки ҳолати мазкур дар тасвири забони ҷаҳони тоҷикзабонон мушоҳида намешавад: ***Five Roses*** *– номгӯйи май*, ***English Rose Cocktail, French Rose Cocktail, Jack Rose Cocktail, Pink Rose Cocktail, Western Rose***

Cocktail, White Rose Cocktail, Windsor Rose Cocktail *– номгӯйи нӯшокии ширини омехта ба машрубот ё шир,* ***Four Roses, Rosebank*** *– номгӯйи шароб.*

Дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон гули садбарг рамзи асрор, хомӯшӣ мебошад: ***under the rose*** – **таҳтул**. зери гули садбарг, яъне *махфиёна* [136, 698].

Дар тасвири забонии ҷаҳонии англисзабонон як қатор воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасал мақолҳо бо ҷузъи "***rose"*** ба назар мерасад, ки асоси онҳоро зебогии гули садбарг ва ҳамзамон доштани хорҳо ташкил медиҳад. Духурагӣ дар дарки консепти "гул", за ҷумла "гули садбарг" боиси пайдо гаштани тобишҳои маъноии мусбат ва манфии он гаштаанд. Гули садбарг таҷассумгари *назокат, нафосат, шодӣ, хиромонӣ, зебоӣ, меҳрубонӣ, ҳалимӣ, нозукӣ, ишқу муҳаббат, гулкунӣ, шукуфоӣ* ва *саломатӣ* мебошад. Чунин тасаввурот бо ибораҳои устувор ва воҳидҳои фразеологии зерин дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон ифода ёфтааст: ***a bed of roses*** – **таҳтул**. бистари аз гулҳои садбарг, яъне *зиндагии осон, рому беташвиш, кори осон, чизи сабук, сода, фаҳмо, пур аз лаззат; мавқеи бароҳат ва ором; кори майда-чуйда*, ***to come up roses [133, 643]*** – **таҳтул**. боло рафтани садбаргҳо, яъне *хеле мувофиқ омадан, чизе хуб анҷом ёфтан, чизе бомуваффақ рух додан (оид ба вазъият, шароит, ҳолат ва ғ.)*, ***to gather life's roses [133, 643]*** – **таҳтул**. садбргҳои зиндагиро ҷамъоварӣ намудан, яъне *айшу ишрат кардан*, ***milk and roses*** – *анор барин сурх, тару тоза*, ҳангоми муроҷиат ба шахси солим муроҷиат карда мешавад, ки дар рухсорааш сурхӣ дида мешавад, ***path strewn with roses*** – **таҳтул.** роҳи бо гули садбарг пошондашуда**,** яъне *роҳи осони зиндагӣ, зиндагии осон, орому беташвиш, кори осон.*

Хорҳои *гули садбарг* инъикосгари *мушкилӣ, душворӣ ва ҳама гуна монеаҳо* мебошанд. Хорҳои гул маъноҳои манфиро, ба мисли *дард, ғам, талафот, мушкилот, душворӣ* ифода менамоянд. Масалан, ***If you lie upon roses when young, you'll lie upon thorns when old*** – **таҳтул**. Агар дар ҷавонӣ рӯйи садбаргҳо хобӣ, дар пирӣ рӯйи хорҳо мехобӣ, яъне *агар шумо дар ҷавонӣ кор накунед, балки пулатонро исроф кунед, дар пирӣ азоб мекашед*,

***There's no rose without a thorn* – таҳтул.** Гули садбарги бехор вуҷуд надорад, яъне *гул бе хор намешавад*. Бояд ёдовар шуд, ки дар забони тоҷикӣ бештари воҳидҳои фразеологӣ ва ибораҳои рехта бо ҷузъи “гул” ташкил ёфтаанд. Навъҳои гул дар таркиби воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ хеле кам ба назар мерасад.

Дар забони англисӣ ҳама ибораҳои рехтаро бо флороними ***rose*** ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда метавон:

- Ифодакунандаи сифати зиндагӣ: дар ин ибораҳо лексемаи ***rose*** *комёбӣ ё нокомӣ, шикаст ё пирузӣ, душворӣ ва ё осонии зиндагӣ*-ро ифода мекунад: ***Life is not a bed of roses*** – **таҳтул.** зиндагӣ бистари гулҳои садбарг нест, яъне *зиндагӣ пастиву баландӣ дорад;* ***Revolutions are not made with rosewater*** – **таҳтул.** инқилобҳо бо гулоб ба даст наомадаанд, яъне *коре ба осонӣ ба даст наомадааст;* ***Not all roses*** – **таҳтул.** на ҳама гулҳои садбарг, яъне *ҳама чиз осону форам нест;* ***Come out smelling like roses* – таҳтул.** ба мисли гулҳои садбарг бӯй намуда, баромадан, яъне *аз об хушк баромадан;* ***It was roses, roses all the way*** – **таҳтул**. Гулҳои садбарг буданд, тамоми роҳ гулҳои садбарг буданд, яъне *муваффақияти комил бе душворӣ ва лаҳзаҳои ногувор;*

- Тавсифи намуди зоҳирӣ: гули садбарг таҷассумгари *сурхии рӯй, солим ё носолимии ранги рӯй, зебоии занона* мебошад: ***to blush like a rose*** – **таҳтул**. ба мисли садбарг сурх шудан, ки дар забони тоҷикӣ муодили он *лола барин сурх шудан* мебошад. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ин ҳолат дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикон флороними *лола* истифода мегардад; ***bring back the roses to one’s cheeks* – таҳтул**. ба рухсораҳои ӯ гулҳои садбаргро баргардонидан, яъне *сурхиро ба рухсораи касе овардан, боиси солим ва шод гаштани касе шудан*; ***have roses in one's cheeks* – таҳтул**. дар рухсораҳои касе садбаргҳо доштан, яъне *солим будан, бардам будан* (махсусан, дар бораи занон); ***lose one's roses*** – **таҳтул**. садбаргҳои касеро гум кардан, яъне *пажмурда шудан, заиф шудан*; ***the English rose*** – **таҳтул**. садбарги англисӣ, яъне *зебо*; ***a rose by any other name*** – **таҳтул**. садбарг бо ҳама гуна номи

дигар, ки нусхаи ихтисоршудаи иқтибос аз “Ромео ва Ҷулетта”-и Шекспир буда, маънои *на номи шахс, балки сифатҳои зотии ӯ муҳиманд*-ро дорад.

- Маъноҳои иловагиро ифода менамояд: махфӣ будан: ***under the rose*** – **таҳтул.** зери садбар, яъне *ниҳонӣ, пинҳонӣ, махфӣ*; берун аз никоҳ таваллудшуда: ***born under the rose*** – **таҳтул**. зери садбарг таваллудшуда, яъне *ҳаромӣ, ғайримашруъ (берун аз никоҳ) зоидашуда*; беайбӣ: ***the white rose*** – **таҳтул**. садбарги сафед, яъне *бегуноҳ ва пок*; мамлакат: ***the land of the Rose*** **– таҳтул**. замини садбарҳо, яъне *Англия*.

Аксари ибора, зарбулмасалу мақолҳо ва воҳидҳои фразеологӣ, ки бо лексемаи ***rose/садбарг*** ташкил шудаанд, бар зиддияти байни зебоии гул ва хорҳои он асос ёфтаанд. Духурагӣ дар дарки гули садбарг дар амалӣ гардидани ҳам тобишҳои мусбат ва ҳам манфии маъно зоҳир мегардад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон гипоними ***гули садбарг*** назар ба тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон бештар ба назар мерасад. Дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон консепти гул назар ба гипонимҳо бештар ифода ёфтааст.

Гули ***савсан*** низ яке аз навъҳои гул буда, гипоними ***савсан/lily*** ба таркиби консепти “гул” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дохил мешавад. Калимаи ***lily*** (аз калимаи қадимаи англисии lilie) аз калимаи лотинии lilium гирифта шудааст, ки ҳамчун шакли юнониаш ин калима аз решаи мисрии қадим таркиб ёфтааст [157, 528].

Дар забони англисӣ маънои аслии ин исм чунин аст: гиёҳҳои ҷинси Lilium, гиёҳҳои гунбазшакли пояи баланду борик, гулҳои сафед, сурх, нофармонранг дошта, ки аксаран дар даруни онҳо доғи тира мавҷуд мебошад. Ба маънои маҷозӣ, онҳо ифодагари одамон ва ё ашёҳои ниҳоят сафед, ростқавлӣ, бошарафӣ, бовиҷдонӣ ва покию назофат мебошанд [156, 975].

Дар забони тоҷикӣ калимаи ***савсан*** дар маънои аслиаш ифодагари гули пиёзбехи рангоранг аз ҷинси занбақ [140, 192] мебошад. Лексемаи ***савсан*** дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон дар шакли сусан низ ифода

ёфтааст, яъне гулест пиёзбех, ки баргҳояш борику баланд буда, гулҳои рангоранги зебо дорад [139, 172]. *Савсан* номи зани ҷодугар ва созанда дар Турони Қадим мебошад:

Чу ***Савсан*** *зи Афросиёб ин шукид,*

Ба кирдори дарё дилаш бардамид [139, 172].

Аксари навъҳои ин гул дар боғҳои минтақаҳои муътадил ва субтропикӣ парвариш карда мешаванд. Баъзе навъҳои савсанҳо растаниҳои хонагӣ мебошанд. Пайвандҳои гуногуни гули савсан мавҷуданд, ки аз талаботи зиёди он дар бозор шаҳодат медиҳад. Баъзе навъҳои савсанҳоро ҳамчун гулҳои махсуси идона истифода бурдан мумкин аст, ба монанди ***Eastr lily – савсани сафед,*** ки онро дар мавсими баҳор дар колисоҳо ва ҷамъомадҳо бахшида ба Иди писҳо зиёд мушоҳида намудан мумкин аст. Он рамзи покиву поквиҷдонӣ мебошад. Миёни насрониҳо чунин ақида вуҷуд дорад, ки савсани сафед аз ашки тавбаи Ҳавво, ки ҳамроҳи Одам аз биҳишт ронда шуда буд, пайдо шудааст. Пас аз рондан шудан аз биҳишт модари инсоният зор-зор мегирист ва ҳар ҷое, ки ашкаш мерехт, савсанҳои сафед мешукуфтанд.

Дарки гули савсан ҳамчун чизи олиҷаноб, пок ва бегуноҳ ба офаридани симои сирф мусбати гул мусоидат кардааст. Асосан гули савсан ҳамчун рамзи покию поквиҷдонӣ миёни мардумони католик маъмул аст. То замони муайян мазҳаби асосӣ дар Англия мазҳаби католикӣ буд, аз ин рӯ, дар бештари номгузории онҳо гули савсан ба назар мерасад. Дар антропонимикаи забони англисӣ номҳои занона ба мисли ***Lily, Lillie, Lillah*** ба назар мерасанд, ки онҳо аз калимаи ***савсан*** асос ёфтаанд**.** Инчунин, ин флороним дар номгӯйи пивахонаҳо дар Англия, ба мисли “***Pink and Lily”, “Lily”*** дида мешаванд**.** Аммо пас аз зуҳури дини протестантҳо, яъне номи умумии мазҳабҳои насронӣ, ки дар асри 16 пас аз ислоҳот чун маҳсули эътироз аз мазҳаби католикӣ ба вуҷуд омадаанд, корбурди ин рамз дар номҳои мухталифи реалияҳои фарҳангии кишвар коҳиш ёфт.

Дар забони тоҷикӣ низ лексемаи ***савсан*** ба ҳайси номи занона *Савсан* истифода мегардад.

Дараҷаи баланди корбурди флороними *савсан* дар истилоҳот мушоҳида намегардад. Он асосан дар истилоҳоти кишоварзӣ, ботаникӣ, атриётӣ, ҳашаротшиносӣ ва биологӣ ифода ёфтааст.

Истилоҳоти соҳаи биологияи забони англисӣ як қатор номҳои ***савсан/lily***, инчунин номҳои дигар растаниҳоеро дар бар мегирад, ки аз флороними мазкур таркиб ёфтаанд. Дар байни номҳои навъҳои *савсан* гурӯҳҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст: номҳо бо антропонимҳо, ***Clinton's lily*** **– таҳтул**. савсани Клинтон (*савсани шимолӣ*), ***Madonna lily*** – **таҳтул**. савсани Мадонна (*савсани сафед*); этнонимҳо, масалан, туркӣ: ***Turk's cap lily*** – **таҳтул**. савсани кулоҳи турк, яъне *савсани баланд*, ***Turk's tiger lily*** **– таҳтул.** савсани паланги турк, яъне *савсани маґрур*; бо размри ранг, ***blue water lily*** **– таҳтул**. савсани кабуди обӣ; бо зоонимҳо ***cow lily*** – **таҳтул**. савсани говӣ, ***lamb lily*** **– таҳтул.** савсани барра, бо топонимҳо ***Caucasian lily*** – **таҳтул**. савсани қафқозӣ, бо номгӯйи ашёҳои беҷон ***spear lily*** **– таҳтул**. савсани найзашакл, ***sword lily*** **– таҳтул**. савсани шамшермонанд, яъне *гули ёқут***;** бо номгӯйи маҳсулоти ғизоӣ: ***banana water lily*** **– таҳтул**. савсани обии банан, яъне *савсани зарди обӣ*; бо номгӯйи моҳҳо: ***May lily*** **– таҳтул**. савсани саврӣ, яъне *гули барфаки саврӣ*.

Дар истилоҳоти ботаникии англисӣ ва тоҷикӣ байни истилоҳҳои ин ду забони муқоисашаванда мувофиқат вуҷуд дорад. Дар истилоҳоти ботаникии тоҷикӣ ба мисли забони англисӣ флороними *савсан* низ барои номи навъҳои гуногуни ин гул истифода мешавад, ҳарчанд он камтар маъмул аст.

Масалан, дар забони англисӣ: ***Madonna lily*** – **таҳтул**. савсани Мадонна (*савсани сафед*), ***water lily*** **– таҳтул**. савсани обӣ (нилуфар), ***lily of the valley*** **–** гули барфак; дар забони тоҷикӣ: ***савсани азрак, савсани кабуд, бунафшаранг; савсани озод(а), савсани сафед*** ва амсоли инҳо.

Дар ҳашаротшиносӣ флороними ***lily/савсан*** ҳангоми номгузории ҳашарот, асосан ҳашароти зараррасоне, ки дар навъҳои гуногуни гули савсан

зиндагӣ мекунанд, истифода мешавад, ба монанди ***lily aphid*** – *ширинчаи холдори гули савсан*, ***lily midge*** – *пашшаи гули савсани зард, хомӯшаки гули савсани зард.*

Гули ***савсан*** барои англисзабонон рамзи *покӣ, бегуноҳӣ* ва *сафедӣ* мебошад. Масалан, ***lily-white*** – **таҳтул**. савсан-сафед, яъне *бегуноҳ, беайб, беилат*, ***fair as a lily*** – мисли савсан зебо, ***pure as a lily*** – **таҳтул**. ба мисли савсан беолоиш, яъне *хушсифат, покиза, покдоман, боисмат, бенуқсон*, ***lilies and roses*** – **таҳтул**. савсанҳо ва садбарҳо, яъне *рӯйи солим, тоза ва зебо*, ***lily-livered*** – **таҳтул.** савсан-ҷигар, яъне *тарсончак*, ***lily white*** – **таҳтул.** савсан сафед, яъне *сафедпуст*, ***lily on a dustbin*** – **таҳтул.** савсан дар болои сатили хокрӯба, яъне *шахс ё ашёи радшуда*.

Дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон гули савсан рамзи *бахту иқбол* буда, гули хайрӣ рамзи бадбахтӣ мебошад: ***аз савсан хирӣ (ё хайрӣ) (бар)дамидан,*** яъне *бадҳол ва баргаштабахт гардидан*.

Хира гашта ба хомтадбирн,

Бардамида зи савсанаш хирӣ [139, 172]

Ҳамин тавр, гули ***савсан*** дар забони англисӣ ифодакунандаи маъноҳои мусбат ва манфӣ мебошад. Он рамзи покӣ, бегуноҳӣ, покдоманӣ, осебпазирӣ, назокатӣ, сафедӣ мебошад. Истифодаи гули ***савсан*** дар мавриди табъиз аз рӯйи нажод тобиши манфӣ мегирад. Дар забони тоҷикӣ бошад, истифодаи гули ***савсан*** дар таркиби ибора ва воҳидҳои фразеологӣ кам ба назар расида, он бештар ба маънои асллиаш ба кор бурда мешавад. Гули ***савсан*** дар забони тоҷикӣ ифодакунандаи бахту иқбол мебошад.

Флороними ***наргис*** ба таркиби консепти “гул” дар забонҳои мавриди назар дохил шуда, дар забони тоҷикӣ он бо лексемаи ***наргис*** ва дар забони англисӣ бо калимаҳои ***daffodil, narcissus, jonquil*** ифода ёфтааст. Дар забони англисӣ духурагӣ дар дарки флороними ***наргис*** аз асотири классикии англис асос ёфтааст. Исми мардонаи ***Narcissus*** аз забони юнонӣ ба забони лотинӣ ва баъдан ба забони англисӣ иқтибос шудааст. Дар асоси асотири Юнон ***Narcissus*** *(Наргис)* – номи ҷавони худписанде мебошад, ки пас аз дидани

аксаш дар об чунон мафтуни худ шудааст, ки муддати дароз ба аксаш нигоҳ карда, фавтидаст ва ба гул табдил ёфтааст [186]. Аз ин рӯ, гули ***наргис***, аз як тараф, *худписандӣ, худпарастӣ, марг* ва аз тарафи дигар, *баҳор, умед, навсозӣ*-ро ифода менамояд. Дар айни замон миёни англисзабонон номи мардона бо флороними ***наргис*** дар ду шакл вуҷуд дорад**: *Narciss, Narcissus***. Қайд кардан ба маврид аст, ки миёни тоҷикзабонон ***Наргис*** ҳамчун номи занона маъмул аст.

Барои англисзабонон ***гули наргис*** рамзи *умед* аст, аз ин рӯ, он нишони ҷамъиятҳои бар зидди саратон муборизабаранда дар Иёлоти Муттаҳида - ***American Cancer Society Daffodil Day,*** Зеляндияи Нав - ***New Zealand Cancer Society Daffodil Day*** ва Австралия - ***The Cancer Council Australia Daffodil Day*** мебошад.

Дар Иёлоти Муттаҳида, дар иёлоти Вашингтон ҳамасола дар моҳи апрел ҷашнвораи наргис миёни мактаббачагон баргузор мешавад, ки дар он маликаи баҳор интихоб мешавад. Он соли 1926 ҳамчун фестивали боғ таъсис ёфтааст [192].

Аз ибтидои асри 20 ***наргис*** нишони давлатии Уэлс ба ҳисоб меравад (дар рӯзи Дэвиди муқаддас (1 март) ҳама сокинон ба либоси худ наргис, ба ҷойи пиёзи даштии анъанавӣ мечаспонанд.

Дар забони англисӣ ба доираи пурраи маъноии рамзии ин лексема *ишқ, баҳор* ва *издивоҷи хушбахт, худписандӣ, худбинӣ, марг* низ дохил мешаванд.

Дар забони англисӣ се шакли номгузории ин гул вуҷуд дорад, ки онҳо дар даврони гуногун аз забонҳои ҳолландӣ, лотинӣ ва фаронсавӣ иқтибос гирифта шудаанд: ***daffodil, narcissus, jonquil.*** Лексемаи ***narcissus*** маъмул ва серистеъмол мебошад, лексемаи ***jonquil*** хоси Амрикои Шимолӣ буда, барои муайян намудани навъи ***Narcissus jonquilla*** истифода мешавад, ки баргҳои он ноҳамвор мебошанд. Дар низоми воҳидҳои луғавии забони англисӣ ибораи ***Lent lily*** – **таҳтул**. савсани рӯзаи калон ба назар мерасад, ки он ифодакунандаи *яке аз навъи гули наргис, наргиси зард* мебошад. Лексемаи ***daffodil*** ҳангоми эҷоди шеъру таронаҳо зиёд истифода мешаванд.

Калимаи ***narcissus*** аз калимаи лотинии ***narcissus*** гирифта шудааст [157, 623]**.** Маънои аслии калимаи ***narcissus*** растании бисёрсола аз оилаи амариллис мебошад, ки дар фасли баҳор мешукуфад ва гули ягонаи сафеди хушбӯй дошта, як тоҷ дорад ва тоҷи он ҳошияи зардранг ё тамашк дорад [152, 913]. Ба маънои маҷозӣ флороними ***narcissus*** асосан ифодагари шахсе мебошад, ки танҳо худро дӯст медорад.

Дар низоми луғавии забони англисӣ калимаҳои зерин аз решаи ***narcissus*** сохта шудаанд: ***narcissism –*** *муҳаббат нисбат ба худ, худпарастӣ*, ***narcissist*** *– худпараст, шахсе, ки худписанд ва худпарасат мебошад*, ***narcissistic*** *– тавсифкунандаи муҳаббат нисбат ба худ, худписанд, худпараст*, ***narcissistically*** *– худпарастона, худписандона*.

Дар забони тоҷикӣ маънои аслии калимаи наргис номи гиёҳи пиёзбехи хурду нозуке мебошад, ки гулҳои хушбӯйи сафед ё зард дорад [138, 833]. Он дар маънои маҷозиаш ифодакунандаи чашм, чашми маҳбуба мебошад [138, 833].Дар забони тоҷикӣ як қатор ибораву таъбирҳоеро мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар онҳо лексемаи ***наргис*** ба маънои маҷозиаш истифода гардида, ифодакунандаи *чашм*, хусусан *чашми маҳбуба* мебошад: ***наргиси бемор*** *– чашми хумори маҳбуба*, ***наргиси макҳул*** – киноя аз *чашми сурмасо, чашми сиёҳ,* ***наргиси махмур*** *– чашми хумор*, ***наргиси пурфан*** – киноя аз *чашми фитнаангез, чашми мафтункунанда*, ***наргиси фаттон*** *– чашми шухи фитнаангез,* ***наргиси шаҳло*** *– чашми маъшуқ*, ***наргиси шергир*** – киноя аз *чашми мафтункунандаи маҳбуба*, ***наргиси ҷоду*** *– чашми фаттон, чашми мафтункунанда*, ***аз наргис бар суман симоб рехтан*** – киноя аз *рехтани ашк аз чашм ба руй* [138, 833].

Калимаи ***daffodil*** – ифодакунандаи растанӣ аз оилаи наргисҳо мебошад, ки аз калимаи лотинии *asphodelus* ва калимаи юнонии *asphodelos* иқтибос гирифта шудааст. Чӣ тавре ки ба назар мерасад, дар калимаҳои аслӣ ҳамсадои **d** вуҷуд надорад. Дар аввал лексемаи ***daffodil*** муродифи калимаи ***narcissus*** буд, аммо бо мурури замон он ифодакунандаи яке аз навъҳои гули наргис, хусусан наргиси зард гашт [156, 1146].

Маънои аслии лексемаи ***daffodil*** гули зарди равшанест, ки зангулашакл буда, дар аввали баҳор мешукуфад. Инчуннин ***Daffodil*** барои ифода намудани як навъи гули наргиси худрӯйи ***Narcissus pseudo - Narcissus (Lent lily)*** истифода мешавад, ки дар бештари қисматҳои Англия аввали баҳор мерӯяд. Дар низоми луғавии забони англисӣ вожаҳои ***daffodilly*** ва ***dafadilly*** мушоҳида мешаванд, ки ҳар ду калима ба маънои исми аслӣ истифода мешаванд ва ***daffodilly*** дар нутқи бадеӣ истифода шуда, ***dafadilly*** калимаи шевагӣ мебошад**.** Ба маънои маҷозӣ калимаи ***daffodil*** ранги зарди равшан ва ё зарди тираро ифода менамояд [156, 1146].

Дар истилоҳот калимаи ***daffodil/наргис*** кам ба назар мерасад ва дар бештари ҳолтҳо он барои ифодаи ранг ва шакл истифода мешавад. Масалан, ***daffodil -*** *ранги наргис дар меъморӣ ва рассомӣ*.

Дар истилоҳоти биологӣ вожаи ***daffodil*** ба маънои аслии худ барои номгузории гулҳо истифода мешавад. Масалан, ***daffodil*** **–** Narcissus pseudo-narcissus – *наргиси худрӯй*.

Асоси номгузории навъҳои гули наргисро дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ хусусиятҳо ва аломатҳои зоҳирии он ташкил медиҳад: 1) сохт гулу баргҳо, масалан, ***trumpet daffodil*** **–** *наргиси найчашакл,* ***large-cupped daffodil*** **–** *наргиси тоҷкалон***, *small-cupped daffodil*** *–наргиси тоҷмайда,* ***double daffodil*** **–** **таҳтул**. нагриси дуқабата (*наргиси патдор*), ***cyclamineus daffodil*** **–** *нагриси бунафшашакл* (намудаи зоҳирии ин навъи гул ба бунашфаи чаманӣ монанд аст), ***jonquilla daffodil*** **– таҳтул**. нагриси ҷонкилия; ***tazetta daffodil*** – **таҳтул**. наргиси тазетта [188].

Таркиби консепти гулро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ гули марворид ё марворидгул низ ташкил медиҳад, ки дар забони англисӣ бо вожаи *daisy* ва дар забони тоҷикӣ бо лексемаи *марворид* ифода ёфтааст.

Вожаи ***daisy*** бино ба баъзе сарчашмаҳо аз калимаи англисии қадими ***dceges eage*** ба маънои “day’s eye” (чашми рӯз) ба вуҷуд омадааст, зеро ин гул дар субҳ шукуфта шуда, дар ғуруби офтоб маҳкам мешавад. Аз калимаи ***daisy***

номи ***Daisi*** ба вуҷуд омадааст, ки дар Англия ба занҳои бо номи Margaret ҳангоми навозиш дода мешавад.

Тибқи таърифе, ки дар луғати The Compact Oxford English Dictionary оварда шудааст, маънои аслии ин лексема растании мураккабгулест, ки миёнҷойи сараш зард буда, гулбаргҳои зиёди гулобӣ ё сафед дар шакли нурҳо дар якчанд қатор ҷойгиршуда дорад. Дар талу теппаҳо, маргзорҳо ва канори роҳҳо зиёд меруяд; қариб тамоми сол мешукуфад; дар боғҳо бисёр навъҳои ин гул парвариш карда мешаванд [156, 385].

Ба маънои маҷозӣ, ***daisy*** маънои одам ё ашёи дараҷаи аввалро дорад; ҳамчун истилоҳ барои ифодаи мафтунӣ ва ваҷд истифода мешавад. Дар низоми луғавии забони англисӣ феъли ***to daisy*** ба маънои “бо гули марворид рӯйпуш кардава ва ё ороиш додан” ба назар мерасад.

Дар фарҳанги The Compact Oxford English Dictionary миқдори зиёди ибораҳо бо ҷузъи *daisy* нишон дода шудааст. Қисми ин ибораҳо сохтори гулро тасвир мекунанд**:** ***daisy bud –*** *ғунчаи марворид****, daisy flower*** *– гули марворид,* ***daisy head –*** *сари гули марворид, нӯки гули марворид,* ***daisy lawn*** *– чаманзори марворид****, daisy root –*** *решаи гули марворид.* Қисме аз ин ибораҳо ранг ва ё кашидани нақшу нигорро тасвир мекунад: ***daisy-dappled*** *– бо гули марворид нақшу нигоронидашуда****, daisy diapered*** *– бо гули марворид ороиш додашуда,* ***daisy dotted –*** *нақши хол-хол аз гули марворид****, daisy-flowered*** *– нақшу нигор аз гули марворид****, daisy-frilled*** *– пар-пар аз гули марворид* ***daisy-like –*** *ба гули марворид монанд,* ***daisy-painted –*** *бо гули марворид ранг кардашуда****, daisy-leaved –*** *ба мисли гули марворид барг доштан.*

Ба ташаккули аксари истилоҳоте, ки флороними ***daisy*** – *марворид*-ро доранд, хусусияти нашъунамо ва шукуфтани гул ва хусусиятҳои сифатии он мусоидат кардааст. Асосан, дар забони англисӣ ифодаҳо бо лексемаи ***daisy*** дар истилоҳоти техникӣ, иқтисодӣ, тиббӣ ва биологӣ ба назар мерасанд.

Дар истилоҳоти биологии забони англисӣ лексемаи ***daisy*** дар номи растаниҳои дигаре ба кор бурда мешавад, ки аз ҷиҳати шакл ё аз ҷиҳати шумора ва ҷойгиршавии гулҳо ба гули марворид монанданд. Масалан, ***golden***

daisy [180]* – таҳтул.** марвориди тиллоӣ, яъне *гули довудӣ*, ***oxeye daisy [180] – **таҳтул**. марвориди чашми барзагов, яъне *бобунаи говак* ва амсоли инҳо.

Миёни истилоҳоти техникӣ, лексемаи ***daisy*** дар якчанд самтҳои фаъолияти инсон маъмул аст: технологияи авиатсионӣ, технологияҳои компютерӣ, технологияҳои шабакавӣ, алоқа, полиграфия, космонавтика ва асбобҳои рӯзгор. Ҳама ибораҳои дар соҳаҳои боло истифодашуда бо роҳи интиқоли маҷозӣ сохта шуда, асосан ба се гурӯҳ тақсим мешаванд: 1) асоси ташаккули онҳоро бофтаи гулҳо ташкил медиҳад: ***daisy chain [180]*** *– васли дастгоҳҳо бо занҷира,* ***daisy-chaining*** *– васли дастгоҳҳо тавассути ғелакмола*, ***daisy-chain structure [180] –*** *сохтори мураттаб,* ***daisy chain network [180]*** *– тарҳи васли силсилавӣ*; 2) дар асоси шакли барггулҳо, масалан, ***daisy wheel printer [180]*** – **таҳтул**. датгоҳи чопии ғилдираки гули марворидӣ, дастгоҳи чопӣ бо ғилдираки гулбаргӣ, яъне дар ин навъи дастгоҳи чопӣ ҳарфҳо ва рамзҳо дар доира дар шакли гулбаргҳо васл гардидаанд, ки дар маҷмуъ намуди зоҳирии онҳо ба гули марворид монанд аст, аз ин рӯ, ин навъи дастъгоҳи чопиро ***daisy wheel printer*** номгузорӣ намудаанд***;***

Флороними ***daisy,*** инчунин, дар истилоҳҳоти иқтисодӣ, бонкдорӣ ва ҳарбӣ ба назар мерасад: ***daisy chain*** – *такроран фурӯши нафт ё маҳсулоти нафтӣ (то ба харидори ниҳоӣ расидан), савдои байни даллолон бо мақсади зоҳиран ба вуҷуд овардани фаъолияти бозор; муомилоти миёни тоҷирон дар биржа бо мақсади зоҳиран ба вуҷуд овардани фаъолияти тиҷоратӣ ё корӣ;* ***daisy cutter bomb*** *– бомбаи тиккадор ва ё минаи зидди аскари пиёда бо паридаравии уфуқии пораҳо.*

Дар ибораҳои устувори забони англисӣ ду маънои флороними ***daisy*** ифода меёбад: 1) намуди зоҳирии зан (барои якчанд гулҳо, бахусус, гулҳои марворид, савсанҳо ва садбаргҳо хос аст). Тароват ё тирагии намуди зоҳирии зан бо тару тозагӣ ва пажмурдагии гул шабеҳ дода мешавад: ***as fresh as a daisy*** **– таҳтул**. ба мисли марворид тару тоза будан, яъне *бардам, солим, саломат*, бардам; 2) марг, заифӣ, пажмурдагӣ: ***to be pushing up the daisies***

[183] **– таҳтул.** зиёд кардани гулҳои марворид, наздик шудани гулҳои марворид, яъне *мурда будан, фавтида будан,* ***to turn toes to the daisies [183]*** – **таҳтул**. пойи худро ба тарафи гули марворид дароз намудан, яъне *фавтидан, мурдан*, ***under the daisies*** – **таҳтул**. дар зери гули марворид, яъне *дар қабр*. Бояд қайд кард, ки ин ин гуна воҳидҳо аз урфу одати шинондани гули марворид дар сари қабрҳои мурдагон пайдо шудааст.

Инчунин, дар забони англисӣ ифодаи ***Oops - a - daisy (whoops - a - daisy); up-a-daisy*** **–тарҷ.муҳақ.** Бархез! ба назар мерасад, ки он нисбат ба шахсе истифода мешавад, асосан кӯдаке, ки афтодидааст ё чизеро афтонидааст.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон истифодаи зиёди *гули марворид* ба назар мерасад, ки асоси онро урфу одат ва дини ангисзабонон ташкил медиҳад. Миёни тоҷикзабонон гули марворид он қадар маъмул набуда, таҷассуми он дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон кам мушоҳида мешавад. Лозим ба ёдоварист, ки миёни тоҷикзабонон ***гули бобуна*** назар ба ***гули марворид*** бештар маъмул аст. Бобуна гиёҳи хушбӯе, ки баргҳои канори гулаш сафед ва мобайни он зардранг аст, дар баъзе ғизоҳо ва дар тиб истифода мешавад [177].

Бунафша миёни англисзабонон аз замонҳои қадим як гули маъмул буд. Ин навъи гул низ ҳамчун гипоним ба таркиби консепти “гул” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дохил мешавад. Бисёр афсонаҳои Юнони Қадим, Рим, афсонаҳои Галлҳои қадим бо ин гул алоқаманданд. Бесабаб нест, ки ки шаҳри Афина ба шарофати ин гулҳо номи махсуси худро ***The city of Violets*** **–** шаҳри бунафшҳоро гирифтааст. Дар забони англисӣ номҳои занона, ки аз ин флороним сохта шудаанд, ***Violet, Vi, Vye*** мебошанд. Дар забони тоҷикӣ низ ***Бунафа*** ҳамчун исми занона истифода мегардад ва он танҳо дар як шакл ба назар мерасад.

Миёни англисзабонон *бунафша* гули *ғаму андӯҳ ва марг, таҷаддуд, бегуноҳӣ, хоксорӣ, пушаймонӣ ва тазарруъ* ҳисобида мешавад.

Рангҳои гуногуни бунафшҳо низ рамзи муайян доранд: бунафшаи сафед - рамзи бегуноҳӣ, кабуд - ишқи ҳақиқӣ ва содиқ, бунафш – муҳаббат ба ҳақиқат ва ишқи ҳақиқӣ [158].

Калимаи ***violet*** аз калимаи фаронсавии ***viólete/ violette*** гирифта шудааст. Маънои аслии он – растанӣ ва ё гули оилаи ***Viola*** мебошад - гули бунафша бӯйи хуш дорад, он худрӯй ё боғӣ мешавад; ранги гулҳо одатан арғувонӣ, арғувонии кабуд, сафед ва ё нофармони гулобиранг мебошанд. Лексемаи ***violet*** ба маънои матоъ, курта ё дигар либоси бунафшранг низ кор фармуда мешавад. Ба ҳайси сифат ***violet*** барои ифода намудани ранги кабуди бунафш, моддаи рангдиҳандаи организми ҳайвон ё растанӣ ва ранге истифода мешавад, ки ба ранги бунафш шабеҳ аст. Инчунин, калимаи ***violet*** ба маънои камон низ истифода мешавад.

Дар забони тоҷикӣ ***бунафша*** гиёҳест, ки гулҳои хурду сархами савсанранги хушбӯй дорад ва дар баҳор пеш аз гулҳои дигар мешукуфад [138, 212].

Барои тоҷикзабонон ***бунафша*** таҷассумгари *мӯй* мебошад, аз ин рӯ, дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон як қатор ифодаҳое ба назар мерасад, ки дар онҳо бунафша ифодагари *мӯйи сари одам* мебошад: ***бар бунафша суман киштан*** – **киноя аз** *сафед шудани мӯй,* ***бар сари бунафша ёсаман дамидан –*** *сафед шудани мӯй сар,* ***дар бунафша ёсаман коштан*** – *ба сафедшавӣ сар кардани мӯй* [138, 212].

Дар низоми луғавии забони англисӣ калимаи ***violet*** ба вазифаи хабари ҷумла меояд, яъне ***to violet*** – *бо ранги бунафш ранг кардан; гулҳои бунафшаро ҷамъ намудан*.

Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ лекскемаи ***violet/бунафша*** дар таркиби калима ва ибораҳое ба назар мерасад, ки тавсифкунандаи қисмҳои гул, раванди нигоҳубини гулҳо, гулдастаҳо, зарфҳо, ки дар бунафша онҳо парвариш карда мешаванд. Масалан, ***violet bank*** – *канора аз гулҳои бунафша*, ***violet bed*** –*бунафшазор*, ***violet family*** – *оилаи бунафшҳо*, ***violet flower*** – *гули*

бунафша, ***violet leaves*** *– баргҳои бунафша*, ***violet smell –*** *бӯйи бунафша*, ***violet path –*** *роҳрав аз гули бунафша*.

Истифодаи зиёди калима ***violet*** ҳамчун ороиши либос, биноҳо, хӯрокворӣ, атриёт ва амсоли инҳо дар забон инъикос ёфтааст: ***violet- adorned*** *– бо гули бунафша ороддодашуда*, ***violet-embroidered -*** *бо гули бунафша гулдӯзишуда*, ***violet-garland -*** *бо гулчанбарҳо, гулчанбарҳои бунафш оро дода шудааст,* ***violet-inwoven -*** *аз бунафша бофта шуда*, ***violet- scented*** *– ба бӯйи гули бунафша*, ***violet-hued*** *– бо тобиши ранги бунафш*а, ***violet-like*** *– бунафшмонанд*.

Дар забони англисӣ лексемаи ***violet*** дар ибораҳое низ ба назар мерасад, ки навъҳои алоҳидаи дарахт, махсулоти косметикӣ ва озуқавориро ифода менамоянд: ***violet apple –*** *як навъи себе, ки бӯйи бунафш дорад,* ***violet tree/wood –*** *дарахт (тахта)-и арғувонӣ,* ***violet- pear -*** *як навъи ноке, ки буӯйи бунафша дорад,* ***violet cream –*** *равғани косметикие, ки бӯйи бунафша дорад,* ***violet tea –*** *қиём аз бунафши хушккардашуда,* ***violet tables -*** *доруҳое, ки аз бунафш ва канд тайёр карда шудаанд.*

Мавҷудияти миқдори зиёди ибораҳо бо номи гул бори дигар махсусияти тасвири забони ҷаҳони англисзабононро нишон дода, ҷалби гул дар ҳаёти инсон ва муҳаббат ба боғдории онҳоро инъикос мекунад.

Флороними ***violet*** дар забони англисӣ ифодакунандаи *сабукӣ, хушиқболӣ, зебогӣ* ва *шарму ҳаё* мебошад.

Ибораҳои устувор бо ҷузъи ***"violet"*** дар забони англисӣ ба гурӯҳҳои маънои зерин ҷудо мешаванд: толеъ, некбахтӣ, иқбол, осонӣ, озодӣ, сабукӣ: ***fall into a cart of shit and come out smelling violets*** **– таҳтул.** ба аробаи ахлот афтода, аз он бӯйи бунафша карда баромадан, яъне *бениҳот некбахту хушиқбол будан*; ***fall into a dump of shit and come out smelling violets*** – **таҳтул**. ба тӯдаи ахлот афтида, аз он бо бӯйи бунафша баромадан, яъне *бениҳоят баландахатр будан;* ***fall into a heap of shit and come out smelling violets*** *– хеле хушқадаму хушиқбол будан***;** Гул, хусусан гули бунафша ба инсон шодию фараҳ мебахшад, аз ин рӯ, дар шуури англисзабонон гули ***бунафша*** *бахту*

иқбол ва озодию сабукиро таҷассум менамояд. Он, инчунин, *шармгинӣ, боҳайёӣ, беҷуръатиро* низ ифода менамояд. Гули бунафша аз тарафи англисзабонон ҳамчун *чизи нозук, матин, заиф* ва *суст* фаҳмида мешавад, аз ин рӯ, дар таркиби ибораҳои устувори забони англисӣ ибораҳои бо ҷузъи **"*violet*"** ба назар мерасанд, ки *шармгинӣ* ва *беҳайёиро* ифода менамоянд. Масалан, ***a shrinking violet*** [183] – *инсони бениҳоят шармгине, ки диққати касеро ба худ ҷалб кардан намехоҳад*. Гули ***бунафша*** дар шуури англисзабонон тасаввуроти манфӣ ба мисли *риёкорӣ, бесадоқатӣ, дурӯягӣ*-ро низ таҷассум менамояд: ***play the shrinking violet*** - *хоксории бардурӯғ нишон додан; худро бегуноҳ нишон додан.*

Ҳамин тавр, дар забони англисӣ флороними ***бунафша*** ифодакунандаи *гул, ҳаё, шарм, сабукӣ, бахт, иқбол, зебоӣ, ҷолибият/нафрат* буда, дар тасвири ҷаҳони тоҷикзабонон он таҷассумгари *гул* ва дар баъзе мавридҳо *мӯйи сар* мебошад.

Гули ***лола*** низ ҳамчун гипероним ба таркиби консепти "гул" дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дохил мешавад. Гули ***лола*** дар забони англисӣ бо калимаи ***tulip*** ифодаи забонӣ ёфтааст. ***Tulip*** – растание, ки дар пояаш гули калон, рангоранг ва зангӯлашакл дошта, он аз бехпиёз ё худи гул мерӯяд [Оксфорд]. Вожаи ***tulip*** ба низоми луғавии забони англисӣ охири асри 16 аз забони фаронсавӣ *tulipe* ворид шудааст, ки тавассути забони туркӣ аз забони форсӣ иқтибос гирифта шудааст [190].

Дар забони англисӣ лексемаи ***tulip*** бештар дар таркиби истилоҳоти ботаникӣ ба назар мерасад. Масалан, ***African tulip*** – **таҳтул**. лолаи африкоӣ, яъне *растании африқоӣ бо баргҳои ҳамешасабзи равшан ва хӯшагулҳои бунафшаранг ё кабуд бунафшаранг*, ***blue tulip*** **– таҳтул.** лолаи кабуд, яъне *растании бисёрсолаи кӯтоҳи сербарг бо гулҳои кабуд-бунафша ё ёси бунафш*, ***candlestick tulip*** – **таҳтул**. лолаи шамъдонмонанд, яъне *лолаи авруосиёӣ бо гулбаргҳои хурде, ки дар бегашон доғ доранд*, ***cottage tulip*** – **таҳтул**. лолаи хонагӣ, яъне *яке аз якчанд лолаҳои дарозпоя, ки дар моҳи май мешукуфанд*; *гулҳои гуногунрангаи тухмшакл доранд*, ***Darwin tulip*** – **таҳтул**.

лолаи Дарвин, яъне *лолаҳои хеле баланд ва дершукуфташаванда, ки гулҳои чоркунҷаи калон ва пояҳои мустаҳкам доранд*, ***dwarf tulip* – таҳтул.** лолаи қадпаст, яъне *лолаи хурде, ки барвақт мешукуфад*, ***lady tulip* – таҳтул.** лолаи хонумӣ, *яъне лолаи авруосиёӣ бо гулбаргҳои хурде, ки дар бехашон доғ доранд* [187].

Лексемаи ***лола*** дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" ҳамчун гули асосан сурхранги даштӣ ва куҳӣ, ки дорои анвоъи бисёр мебошад, дар аввали баҳор мешукуфад ва дар миёнаи баргҳо доғи сиёҳ дорад [138, 603] таъриф шудааст. Гули ***лола*** миёни тоҷикзабонон хеле маъмул мебошад, аз ин рӯ, дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон ***лола*** зиёд таҷассум ёфтааст.

Инчунин, гули ***лола*** дар тасвири ҷаҳони тоҷикзабонон таҷассумгари *рӯйи сурхи ҷавонӣ* мебошад:

Ман, ки сарсабзиям намонд чу бед,

Лола *зарду* ***бунафша*** *гашт сафед* [138, 603].

Дар мисраъҳои болозикр ***лола*** ифодагари *рӯйи солими ҷавонӣ* ва *бунафша* инъикосграи *мӯйи сар* мебошад.

Гули ***лола*** дар шуури тоҷикзабонон сурхиро таҷассум менамояд, зеро миёни тоҷикон *лолаи сурх* бештар маъмул аст, аз ин рӯ, дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон як қатор калима ва ибораҳое ба назар мерасад, ки дар онҳо ***лола*** ифодагари *сурхӣ* мебошад ва сурхии рӯй бошад, инъикосграи *солимии рӯй ва бадан* мебошад. Масалан, ***лола гаштан*** *– сурх шудан*:

Мавҷи кариме баромад аз лаби дарё,

Рег ҳама ***лола гашта*** *аз сар то бун* [138, 604].

Дар низоми луғавии забони тоҷикӣ як қатор калимаҳои сохта бо ҷузъи "лола" ба назар мерасанд, ки ифодагари *сурхӣ* ба мисли лола мебошанд: ***лолавор*** *– лоламонанд, ҳамчун лола,* ***лолагун*** *– лоларанг, сурхранг,* ***лоларанг*** *– лолагун, ба ранги лола,* ***шароби лоларанг*** *– шароби сурх.*

Ҳусни ту ҳамеша дар фузун бод,

Рӯят ҳамасола ***лолагун*** *бод* [138, 604].

Барои тоҷикзабонон гули ***лола*** бо *хуштахтӣ* алоқаманд аст, аз ин рӯ, дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон ибораи ***лолазори умр*** – киноя аз *хуштарин лаҳзаҳои умр* ба назар мерасад:

Эй хуррам. аз фурӯғи рухат ***лолазори умр****!*

Боз о, ки рехт бе гули рӯят баҳори умр[138, 604].

Барои ҳама миллату халқиятҳо, хусусан мардуми тоҷикзабон гул ранги зебогист ва зебогӣ худ бо маҳбуба алоқаманд аст. Дар тасвири ҷаҳони тоҷикзабонон *гул*, хусусан ***гули лола*** бо *рӯйи маҳбуба, бо зебогии ӯ* алоқаманд аст. Аз ин рӯ, дар низоми луғавии забони тоҷикӣ як қатор вожаҳое бо ҷузъи “лола” ба назар мерасанд, ки ифодакунандаи *зебоӣ* ва *маъшуқа* мебошанд. Масалан, ***лоларух*** – лоларухсор, он ки рӯяш монанди лола сурх аст, маҷозан хушрӯ, маъшуқа:

Мар-он ***лоларухро*** *зи сар то ба пой,*

Ту гуфтӣ, магар Эрач астӣ ба ҷой [138, 604]

лоларухон – он кӣ рухсорахои лолагун дорад, гулгунрӯй, маҷозан хушрӯ, маъшука:

Сузанӣ заррин шудасту сузанӣ симин,

Лоларухоно*, туро миёну маро тан* [138, 604].

лоларӯй – он кӣ рӯяш монанди лола сурх аст, маҷозан хушрӯй; маъшука:

Ман – волаи мӯйи ***лоларуён****,*

Ман – ошиқи рӯйи гулъизорон.

лолаҷабин – киноя аз хушрӯй.

Ҳам бути занҷирҷаъдӣ, хам бути занҷирзулф,

Ҳам бути ***лолаҷабинӣ****, ҳам бути лоларух* [138, 604].

лолаи тар – киноя аз рӯйи сурхи маҳбуба:

Каманди турраи ӯ бар канори ***лолаи тар****,*

Чу сунбулест, ки аз бод беқарор омад [138, 604].

Дар забони тоҷикӣ ба мисли забони англисӣ вожаи ***лола*** дар таркиби истилоҳҳоти ботаникӣ, хусусан истилоҳҳоте ба назар мерасанд, ки

ифодакунандаи навъҳои гули лола мебошанд. Масалан, ***лолаи аҳмар*** – навъе *аз лолаи сурх, ки онро озаргун ҳам мегӯянд,* ***лолаи ҳамро*** *–лолаи сурх*; ***лолаи духтарӣ*** *– навъе аз лолаи сурх, ба арабӣ шақоиқуннуъмон номида мешавад*, ***лолаи Нуъмон –*** *лолае, ки гуё Нӯъмон ном подшоҳ аз кӯҳ оварада, парварида будааст.*

Инчнунин, калимаи ***лола*** дар забони тоҷикӣ дар таркиби истилоҳҳоти зоологӣ низ ба назар мерасад. Масалан***, лоласор*** *– номи як мурғи хушовоз* [138, 604].

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар раванди таҳқиқот дар забони англисӣ воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи ***лола/tulip*** дарёфт нагардид.

Навъи дигари гуле, ки миёни тоҷикзабонон ва англисзабонон маъмул аст ва ҳамчун гипоним ба таркиби консепти гул дохил мешавад, гули ***момогул/bluebell*** мебошад**.** Гули ***bluebell*** **–** момогул, сунбули худрӯй дар забони англисӣ дар даврони гуногун ҳамчун *Scilla, hyacinthus* or *endymion* номгузорӣ шудааст. Ин гул муҳимтарин гули пиёзбехест, ки дар боғҳо шинонда мешавад. Чунин ақидаест, ки вақте момогул гул мекунад, маънои фаро расидани баҳори ҳақиқиро дорад.

Калимаи ***bluebell/момогул*** дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз рӯйи сохт таркибӣ мебошад.

Флороними *bluebell* дар таркиби реалияҳои фарҳангии Британияи Кабир, ИМА, Австралия мушоҳида мешавад, ки бори дигар аз паҳншавии тасвири гул дар тасвири миллии англисзабони ҷаҳон ва ҷалби он дар ҳаёти соҳибзабонон шаҳодат медиҳад. Масалан, ***The Blue Bell Foundation [182]*** (пеш ҳамчун the Blue Bell Country Club for Cats маъмул буд) – паноҳгоҳ барои гурбаҳои пири бесарпаноҳ; ***Bluebell Group*** [191] – яке аз машҳуртарин ширкати истеҳсолкунандагони лавозимоти махсуси мӯдшуда, косметика, атриёт, маҳсулоти чармӣ, ки соли 1955 таъсис ёфтааст; *Bluebell* ***Fine Cabinetry &*** *Design [185]* **-** ширкати зебосозии мебелӣ, ки ҷевон барои ошхонаро истеҳсол мекунад; ***Bluebell*** - минтақаи шаҳрии Дублин дар Ирландия, воқеъ дар музофоти маъмурии Дублин; ***Bluebell*** – номи харгӯш,

каҳрамони романи Р. Адамс “Watership Down”. ***Blue Bell Creameries [182]*** **–** як навъи яхмос. ***Bluebell Railway [192]*** **–** шохаи роҳи оҳан барои паровозҳо дар ҷануби Англия; ***HMS Bluebell*** **–** номи ду киштии Флоти шоҳии баҳрии Британиё; ***The Bluebells*** **–** номи як гурӯҳи шотландӣ, ки дар солҳои 1980 вуҷуд дошт. ***Bluebell*** – хоҷагии фермер дар штати Юта, США; ***Bluebells*** **–** суруди машҳури Р. Вулф.

Дар Британияи Кабир якчанд намуди ***момогул*** вуҷуд дорад: ***Hyacinthoides non-scripta*** – дар ҷойҳои сояафкан меруянд, ки аз сабаби тағирёбии муҳити зист ва ворид кардани гибридҳо зери хатари нобудшавӣ қарор доранд; Момогули испанӣ, Hyacinthoides hispanica, дар асри 17 ба Британиё ворид карда шуд ва танҳо дар асри 20 ин гулҳо ҳамчун гули худрӯй паҳн шуданд.

Bluebell of Scotland or harebell - момогули шотландӣ, гули оилаи ***Campanula***, гули миллии Шотландия аст. Онро инчунин момогули Англияи шимолӣ меноманд.

Дар истилоҳоти англисӣ флороними ***bluebell*** асосан дар соҳаи биология, ботаника ва кишоварзӣ барои ишора ба навъҳои гуногуни гул истифода мешавад. Масалан, ***royal bluebell*** – момогули шоҳӣ; ***Australian bluebell*** – момогули австралиягӣ; ***bluebell of Scotland*** **–** момогули шотландӣ; ***California bluebell*** – момогули калифорниягӣ.

Момогул ё ***гули момо*** (Campanula), ҷинси гиёҳҳои як-ду ва бисёрсола, баъзан нимбуттаест аз оилаи момогулиҳо. Дар Тоҷикистон 50 намуди момогули худрӯй (C. lehmanniana, C. cvolvulaceae, C. fedt-schenkoana ва ғ.) маълум аст [142, 126-129]. Дар раванди таҳлил воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо бо ҷузъи “момогул” дар забони тоҷикӣ мушоҳида нагардид.

Гули бойчечак яке аз навъҳои гули маъмул миёни тоҷикзабонон ва англисзабонон мебошад, ки ҳамчун гипоним ба таркиби консепти гул дохил шуда, дар забони тоҷикӣ бо вожаи ***бойчечак*** ва дар забони англисӣ ***snowdrop*** ифода меёбад. Дар “Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ” калимаи ***бойчечак***

ҳамчун гиёҳи гули зарду сафедчадор, ки дар кӯҳу саҳро баъди тамом шудани барфҳо меруяд ва муждарасони баҳор шумурда мешавад, гули баҳман, наргис [140, 223]. Вожаи бойчечак маросими ойинии хосси бачагон, ки маъмулан дар охири феврал ва аввали март баргузор мешавад.

Бачаҳои 10-15-сола бо бӯйи баҳор ба кӯҳу пуштаҳо рафта, бунафшаву сияҳгӯшу гули зардак чида, ба деҳа меоранд ва хона ба хона гашта, ба мардум сурудхонон аз омадани баҳор мужда мерасонанд.

Кадбонуҳо гулҳои баҳориро бӯса карда, ба абрӯ мемоланду мегӯянд: “Сабукиҳои шумо аз мо, вазниниҳои мо аз шумо!” Сипас, ба бачаҳо шодиёна, аз қабили биринҷ, гандум, нахӯд, мавиз ё меваҳои дигари хушк, қурут ва ғайра медиҳанд. Бачаҳо пас аз табрики хонаводаҳои деҳа дар хонаи яке аз шарикони худ ҷамъ меоянд ва соҳибхона аз масолеҳи гирдовардаи онҳо таоме мепазад. Бачаҳо пас аз хӯрдани таом туҳфаҳои боқимондаро байни ҳам тақсим мекунанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки барои тоҷикзабонон гули бойчечак бо сабукӣ алоқаманд аст, яъне баъди фасли зимистон мардуми тоҷикзабонон вазниниҳои худро ба гули бойчечак дода, аз он сабукӣ, роҳат талаб менамоянд.

Гулгардонӣ бо сабку қолибҳои гуногун қариб дар байни ҳамаи тоҷикони Осиёи Марказӣ маъмул аст. Дар вилояти Хатлон гули зардак (гули баҳман) ро даста баста ба хонаҳо мегарданд. Дар водии Ҳисор гули баҳманро “гули наврӯзӣ” меноманд. Дар водии Зарафшон (Самарқанду Бухоро), Фарғона, Қашқадарё онро “бойчечак” ва гулгардониро “бойчечакгӯӣ” меноманд. Тоҷикони Сурхондарё дар ин ойин гули сияҳгӯшро интихоб мекунанд.

Гулҳои бунафшаву баҳману сияҳгӯш вобаста ба иқлим дар ҳар макон дар замонҳои мухталиф мешукуфанд. Бинобар ин гулгардонӣ низ дар маҳалҳо пасопеш барпо мегардад. Дар аксарияти мавзеъҳо ин маросим аввали моҳи Ҳут (охири феврал — аввали март) фаро мерасад.

Вожаи ***snowdrop*** дар забони англисӣ ҳамчун растание шаҳр дода шудааст, ки дар аввали баҳор шукуфта, гулҳои хурди сафеди зангӯлашакл

дорад [183]. ***Snowdrop*** ҳамчун сленг ифодакунандаи дуздидани либос аз хатҳои либоси дигарон аст. Маҳбусон баъзан ин корро ҳангоми зарурати зуд тағйир додани намуди зоҳирӣ мекарданд [195]. Қайд кардан ба маврид аст, ки вожаи ***snowdrop*** дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба маъноҳои гуногун кам ифода ёфтааст.

Хулоса, таҳлилҳо нишон доданд, ки консепти гул ҳамчун гипероним аз як қатор гипонимҳо, аз қабили *садбарг/rose, лола/tulip, савсан/lily, наргис/narcissus, бунафша/*violet*, марворид/bluebell, гули момо/snowdrop* ташкил ёфтааст.

Хулосаи боби дуюм

Дар натиҷаи таҳлилу баррасии масъалаҳои боби мазкур метавончунин хулосагирӣ кард:

1. Барои муайян намудани вижагиҳои забонии консепти “гул flower” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлили тафсирҳои энсиклопедӣ ва фарҳангномаҳо дар робита бо вожагони “гул/flower”, таҳлили робитаҳои лексикӣ-семантикии калидвожаҳои “гул” дар забони тоҷикӣ ва “flower” дар забони англисӣ, хусусан муайян намудани робитаҳои синонимӣ, антонимӣ ва гиперонимӣ ҳатмӣ ба шумор меравад. Гузаронидани чунин таҳлилҳо имкон фароҳам меорад, ки ҳаста ва воҳидҳои луғавии канории таркиби консепт ба пуррагӣ омӯхта шуда, ҳастаи он то андозае муайян гардад.

2. Консепти “гул” дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон асосан бо калидвожаи “гул” ва дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон бо лексемаи “flower” ифода ёфтааст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки маъноҳои калидвожа дар асоси фарҳангҳои тафсирӣ ва этимологӣ муайян карда шавад.

3. Таҳлили тафсирҳои энсиклопедӣ ва фарҳангномаҳо дар робита бо вожагони “гул/flower” нишон дод, ки калимаҳои “гул” дар забони тоҷикӣ ва “flower” дар забони англисӣ ифодакунандаи ғунча, муғча, беҳтарин чиз, гулкунӣ, ниҳол, нақшу нигор дар шакли гул, нашъунамо мебошад.

4. Дар забони тоҷикӣ вожаи “гул”, инчунин дорои маъноҳои шахси азиз ва маҳбуб, ҷавон, , баҳор, маҳбуба, чизи беайб, доғи сафеди чашм, бемории сурхакон, офтоб, лаб ва чеҳра мебошад, ки ин маъноҳо дар фарҳангҳои тафсирӣ ва этимологии забони англисӣ ҳангоми таҳлили вожаи “flower” ба назар нарасиданд. Инчунин, лексемаи “flower” дар забони англисӣ баландтарин нуқта, авҷ, қулла, намунаи олӣ, беҳтарин намоянда ва афзоиши табииро ифода менамояд, ки ин маъноҳо дар забони тоҷикӣ мушоҳида намешавад.

5. Таҳлили робитаҳои гиперонимӣ имкони муқаррар кардани гипонимҳои таркиби консептро фароҳам меорад. Консепти “гул” гипероним буда, таркиби он аз гипонимҳо иборат мебошад. Дар ин маврид ба ҳайси гипоними таркиби гипероним навъҳои гул фаҳмида мешаванд, ки бо калимаҳои гуногун ифода ёфтаанд.

6. Консепти “гул” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз гипонимҳои маъмули садбарг/rose, лола/tulip, савсан/lily, наргис/narcissus**,** бунафша/violet, марворид/bluebell, гули момо/snowdrop ва амсоли инҳо таркиб ёфтааст.

БОБИ 3. ТАҲЛИЛИ ВИЖАГИҲОИ ЗАБОНИЮ ФАРҲАНГИИ КОНСЕПТИ “ГУЛ” ДАР ТАСВИРИ ЗАБОНИИ ҶАҲОНИ ТОҶИКЗАБОНОН ВА АНГЛИСЗАБОНОН

3.1. Хусусиятҳои миллию фарҳангии консепти “гул” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ

Омӯзиши консепти “гул” ва гипонимҳои таркиби он солҳои охир таваҷҷуҳи забоншиносон ва адабиётшиносонро ба худ ҷалб намудааст. Гул барои тоҷикзабонон ва англисзабонон рамзи зебоӣ, меҳру муҳаббат, шодию сурур буда, миёни ин халқиятҳо он ҷойгоҳи махсуси худро дорад. Аз ин рӯ, дар эҷодиёти шоирону нависандагони мардуми тоҷик ва англис гул барои тавсифи ҳиссиёту эҳсосот ва образҳои гуногун зиёд ба назар мерасад. Лозим ба ёдоварист, ки шоирони англис ба гулҳо дар даврони ҳукумрони Виктория, маликаи Британияи Кабир ва Ирландия, вақте ки “забони гулҳо” маъруфияти хоса пайдо кард буд, аҳаммияти бештар дода, онҳоро дар эҷодиёти худ зиёд истифода мекарданд.

Консепти “гул” консепти умумифарҳангӣ буда, дар дарки он ва муносибати мардумони гуногунзабону гуногунфарҳанг ба гулҳо умумиятҳои зиёд вуҷуд доранд. Новобаста аз ин, чун фарҳанг ягона ва беназир аст, вижагиҳои хоси рамзӣ ва истифодашавии гулҳо дар ҳаёти рӯзмараи тоҷикзабонон ва англисзабонон низ дида мешавад. Барои мардуми тоҷик ва англис тақдими гулҳо дар рӯзи зодрӯз, базми арусӣ, ба ифтихори хатми донишгоҳ ё ноил гаштан ба дастоварде хос мебошад. Тоҷикзабонон сайри гули лола ва маросими гулгардониро ҷашн мегиранд, ки ингуна ҷашну маросим барои англисзабонон маъмул нест. Маросими гулгардонӣ инъикосгари суннатҳои неки наврӯзӣ мебошад, ки дар гузашта кӯдакону наврасон бо иҷрои гулгардонӣ ба ҳамагон аз омадани Наврӯз хабар мерасонданд. Размі маросими гулгардонӣ бойчечак ё гули сияҳгӯш ҳисоб меёбад. Сайри гули лола як рукни таърихии Ҷашни Наврӯзи оламафрӯз ба шумор меравад. Тайи солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон “Сайри гули

лола” бо як шукӯҳу шаҳомати хос доир мегардад, ки ин нишонаи ба арҷгузорӣ арзишҳои таърихию фарҳангии халқи тоҷик мебошад. Англисзабонон дар маросими дафъ анъанаи тақдим кардани гулро барои видоъ бо марҳум доранд, ки ин анъана миёни тоҷикзабонон тамоман ба назар намерасад. Инчунин, миёни англисзабонон гули садбарг ҳамчун рамзи Англия ва Амрико маъруф аст. Барои англисзабонон садбарг рамзи муҳаббат, зиндагӣ ва зебоӣ мебошад ва он дар эҷодиёти шоирону нависандагони ин мардум бартарӣ дорад. Шоирону нависандагони тоҷик худи вожаи “гул”-ро дар эҷодиёти худ зиёд истифода менамоянд, зеро миёни тоҷикзабонон худи гул, на навъи он ҳамчун рамзи зебоӣ маъмул аст.

Ҳамин тавр, дар дарки консепти “гул” аз тарафи тоҷикзабонон ва англисзабонон дар баробари умумиятҳо, махсусиятҳо низ мушоҳида мегарданд. Хусусиятҳои миллию фарҳангии консепти “гул” бештар дар зарбулмасалу мақолҳо, воҳидҳои фразеологӣ ва шеъру ғазалҳо инъикос ёфтааст, ки таҳлили онҳо барои муайян намудани вижагиҳои миллию фарҳангии консепти “гул” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мусоидат менамояд.

3.1.1. Таҳлили лингвистии зарбулмасалу мақолҳо марбут ба консепти “гул” дар забонҳои муқоисашаванда

Дар зарбулмасалу мақолҳо хусусиятҳои хоси миллии шуури мардум таҷассум меёбад. Маҳз дар гуфтаҳои ҳар як халқ хусусиятҳои миллӣ, фарҳанги он, асолати таърихии тараққиёти халқ зоҳир мегардад. Асоси маълумоти дар зарбулмасалу мақолҳо инъикосёфтаро таҷрибаи ҳаррӯзаи одамон ҳамчун аъзои ҷамъиятҳои мушаххаси этнофарҳангӣ – забон, шуур, муошират: урфу одат, расму оин ва эътиқоди халқҳо ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, барои таъмини мукаммалии таҳқиқи консепт бояд роҳҳои таҷассумёбии он дар зарбулмасалу мақолҳо таҳлил карда шавад [90, 67].

Зарбулмасалу мақолҳо ҳангоми омӯзиши фарҳанги халқ маводи асосӣ ва зарурӣ ба ҳисоб мераванд. Дар зарбулмасалу мақолҳо меъёрҳои ахлоқиро ба таври мухтасар ифода намуда, онҳо маъноҳои аслӣ ва маҷозиро дар

якҷоягӣ ва ҳамбастагӣ доро мебошанд. В.Н.Телия қайд менамояд, ки “зарбулмасалу мақолҳо маъноҳои аслӣ ва маҷозиро баробар доро мебошанд [98, 199].

Бояд гуфт, ки зарбулмасалу мақолҳои интиқолдиҳандаи фарҳанг, таҷриба ва ҳикмати ҳаётӣ, хиради халқ мушаххас мебошанд. Аз ин рӯ, таҳқиқ ва таҳлили зарбулмасалу мақолҳои мардумони гуногунзабон имкон медиҳад, ки на танҳо забони он мардумон, балки фарҳанг, тамаддун ва расму оини он миллат омӯхта ва баррасӣ гардад, ки тавассути фарҳанги мардумон метавон ба шуури онҳо дастрасӣ пайдо намуд. Дар шуури мардумон консептҳои гуногун таҷассум меёбанд, аз ин рӯ, ҳангоми дастрасӣ пайдо намудан ба шуури мардум метавон, ки таркиби консептҳои алоҳида муайян ва таҳқиқ гарданд.

Ҳувияти миллӣ ва фарҳангии зарбулмасалҳо ҳамчун объекти таҳқиқот хизмат мекунанд, ки ба тавсифи ҳамоҳангии тафовутҳои миллии зарбулмасалҳои забонҳои гуногун нигаронида шудааст. Дар маъно ва шакли ботинии зарбулмасалу мақолҳо дарки мафҳуми воқеияти атроф аз ҷониби ин ё он халқ, тафаккури миллӣ ва фарҳангии онҳо таҷассум ёфтааст. Таҳлил ва муқоисаи зарбулмасалу мақолҳо барои муайян намудани монандӣ ва тафовут дар дарки муҳити атроф ва ифодаи он дар забон аз тарафи соҳибони забонҳои гуногун мусоидат менамояд. Чӣ тавре ки забоншинос Е.В. Иванова қайд менамояд: “Ба омӯзиш ва таҳқиқи зарбулмасалу мақолҳо дар тасвири забонии ҷаҳони халқиятҳо таваҷҷуҳи хоса равона гардидааст, зеро он имкон медиҳад, ки хусусиятҳои умумӣ ва хос дар дарки ҷаҳон аз ҷониби ду халқ ва ифодаи он дар зарбулмасалу мақолҳо муайян карда шавад ва ҳувияти миллии мардумон, ки дар зарбулмасалу мақолҳо зоҳир меёбад, муқоиса гардад [31, 5].

Омӯзиши муқоисавии ҳавзаҳои консептуалии зарбулмасалу мақолҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо ҷузъи “гул” барои ошноӣ бо ҳувияти ҳарду халқ мусоидат мекунад, он возеҳӣ ва фасоҳати баёнро дар забонҳои

муқоисашаванда муайян мекунад, фарқиятҳои маъної ва услубии зарбулмасал ва мақолҳои забонҳои мавриди назарро муқаррар мекунад.

Таҳлили муқоисавии сохторӣ-маъноии зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо ҷузъи “гул” имкон медиҳад, ки умумият ва вижагиҳои умумӣ ва хоси ҷаҳонбинии ду халқе нишон дода шавад, ки забонҳояшон аз як забон, забони ҳиндуаврупої сарчашма гирифтаанд.

Гул яке аз унсурҳои хаёл дар назм буда, ҳамчун воситаи баёну тасвир дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба кор меравад. Мавриди зикр аст, ки гул дар наср низ мавқеи хосса дошта, он ҳамчун паёмовари баҳор, ифодагари шодию хурсандӣ, хушбахтӣ, сарсабзӣ, ишқу умед, ғаму андуҳ дар сухани адибон ифода ёфтааст. Он дар тасаввуроти мардумони ин миллатҳо тасаввуроти гуногун ва мухталифро таҷассум менамояд.

Конеспти “гул” дар шуури тоҷикзабонон таҷассумгари *ҷавонӣ* мебошад, ки ин тасаввурот дар зарбулмасали ***аз сад гулаш як гулаш нашукуфтааст*** зоҳир ёфтааст:

Ба ин гуна зиндагӣ тоб овардан зӯру қуввати бисёреро талаб мекард. Одина, ки ҳанӯз ***аз сад гулаш як гулаш нашукуфта буд****, ба ин ҳама машаққат чӣ гуна тоқат мекард? (163, 48).*

Дар ҷумлаи болозикр зарбулмасали ***аз сад гулаш як гулаш нашукуфтааст*** ба назар мерасад, ки он ифодагари ҷавон будани шахс мебошад. Дар ин ҷо инсон ба буттаи гул шабоҳат дода шудааст, ки ҳангоми шукуфтани гуле инсон як сол калонтар, ботаҷрибатар ва бомаърифаттар мегардад ва ҳангоми ҷавон ва бетаҷриба будани шахс зарбулмасали ***аз сад гулаш як гулаш нашукуфтааст*** истифода мегардад.

Дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон бошад, консепти ***гул*** ифодагари нашъунамоми қувват, айёми ҷавонии инсон, гул-гул шукуфии умри ӯ мебошад. Ҳолати мазкур дар воҳиди фразеологии ***in the flower of life [133, 287]*** – **таҳтул**. дар гули ҳаёт, яъне *дар айни камоли умр; дар авҷи камол, дар айни нашъунамои қувват* ифода гардидааст:

He is a man ***in the flower of life****, about thirty (133, 287).* – **тарҷ. муҳақ**. Ӯ тақрибан сисола аст. Ҳоло ӯ **дар авҷи камол (таҳтул. дар гули ҳаёт)** аст.

Дар тасвири ҷаҳони тоҷикзабонон ***гул*** ифодагари ҳама гуна *чизи мусбат, шахси дӯстдоштаи инсон* буда, ***хор*** таҷассумгари *чизҳои манфӣ, хислатҳои манфии шахс* мебошад. Ин аст, ки дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон зарбулмасалҳои ***гул хоҳӣ, аз хор матарс [129, 129]*** ва ***гул хор дорад, асал ору*** ба назар мерасад, ки онҳо аз ҷузъҳои ***гул*** ва ***хор***, мафҳумҳои ба ҳам муқобил, аммо узви ҳамдигар таркиб ёфтаанд. Онҳо ду маъноро ифода карда метавонад, яке *агар роҳат хоҳӣ, пас меҳнат кун*, зеро бидуни меҳнат ё заҳмат роҳат ба даст намеояд.:

*Ин корҳо, ин ҳодисаҳо аз аввал маълум буд, "****Гул хор дорад, асал ору****!" Фаҳмидӣ, роҳат бе меҳнат муяссар намешавад. Кори колхоз кунондан, ҳазл-мӣ? (144, 235).*

Маънои дуюми зарбулмасалҳои болозикр *агар инсонро дӯст медорӣ, пас он камбудиҳо ва хислатҳои манфие, ки инсон дорад, онҳоро низ бояд қабул намоӣ.* Муодили он дар забони англисӣ зарбулмасали ***Who that loves the tree loves the branch [129, 129]*** **–** [**таҳтул.** Ҳар кӣ дарахтро дӯст дорад, шохаашро дӯст медорад] мебошад, ки дар таркибаш на вожаи ***гул***, балки калимаи ***дарахт*** (***the tree***) ба назар мерасад ва хислатҳои манфиро узви дарахт шоха (***the branch***) ифода менамояд. Аз мувофиқат кардани маънои зарбулмасал ва будани муодил дар забони англисӣ бар меояд, ки умумият дар дарки олам аз тарафи тоҷикзабонон ва англисзабонон дида мешавад, аммо дар ифодаи он дар тасвири забонии ҷаҳони ин халқҳо фарқият дида мешавад. Чӣ тавре ки забоншинос Ю.И. Левин қайд менамояд: "Аз як тараф зарбулмасалу мақолҳо хулқи табиати миллӣ, "руҳи халқ"-ро ифода мекунад, аз тарафи дигар, маънои аксар зарбулмасалҳо умумихалқӣ буда, аксар зарбулмасалҳо дар дигар забонҳо муродиф доранд" [47, 123], ки умумӣ будани таҷрибаи инсониро нишон медиҳад [31, 131].

Маънии ҳар чизи ҷолиб камбудиҳои худро дорад дар зарбулмасалҳои дигари тоҷикӣ ***гул бе хор намешавад, гӯшт – бе устухон*** [129, 111] инъикос

ёфтааст, яъне *ҳар он чизе ки лаззат мебахшад, дарду ногуворӣ ва азобу кулфате дорад, роҳат бе азоб, хурсандӣ бе хафагӣ намешавад*. Дар зарбулмасали мазкур низ ду мафҳуми ба ҳам муқобил ***гул*** ва ***хор***, ***гушт*** ва ***устухон*** истифода гардидаанд.:

Гул бе хор намешавад, гушт бе устухон*, дояатон садқа, ҳар кас як хулқу одат дорад. Усто ҳам одами зинда, албатта, дар зиндагӣ ин хел ҷанҷолу хархашаи марду зан мешавад (144, 233).*

Муодили зарбулмасали ***гул бе хор намешавад, гӯшт – бе устухон*** дар забони англисӣ зарбулмасалҳои ***there is no rose without prickles [129, 123]*** – [**таҳтул.** садбарги бе хор нест]***, there is no rose without thorn [129, 123]*** – [**таҳтул.** садбарги бе хор нест], ***there is no sweet without some bitter [129, 129]*** – [**таҳтул.** ширинӣ бе талхӣ нест], ***pleasure has a sting in its tail [129, 129]*** – [**таҳтул.** лаззат дар думаш неш дорад], ***every white has its black, and every sweet its sour*** [**таҳтул.** ҳар сафедӣ сиёҳӣ дорад ва ҳар ширинӣ туршӣ] мебошанд.

Бояд қайд кард, ки дар забони англисӣ барои муқобилгузории шодию ғам, инсони хуб ва камбудиҳои ӯ гипоними ***rose/садбарг*** ва узви он ***thorn/хор*** дар зарбулмасали ***there is no rose without thorn*** истифода мегардад. Дар забони тоҷикӣ бошад, худи гипероними ***гул*** ва узви он ***хор*** дар зарбулмасали ***Гул бе хор намешавад*** ё ин ки гипоними ***лола*** ва хусусияти хоси он ***доғ*** дар зарбулмасали ***Лола бе доғ намешавад [129, 182]*** истифода мегардад.

Инчунин, дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон зарбулмасмалҳои ***Гавҳар бе садаф, гул бе хор намешавад*** *ва* ***Ганҷ бе мору гул бе хор намешавад*** [129, 111] инъикос ёфтаанд, ки дар онҳо низ мафҳумҳои ба ҳам муқобил истифода гардида, яке *роҳат, хурсандӣ* ва *лаззатро* ва дигаре *машақат, ғаму андӯҳ* ва *азиятро* ифода менамояд. Дар “Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ-англисӣ-русӣ” ба ҳайси муодил ва ё муродифҳои зарбулмасалҳои ***Гавҳар бе садаф, Гул бе хор намешавад*** ва ***ганҷ бе мору гул бе хор намешавад*** зарбулмасалҳои англисии ***no pleasure without pain [129, 111]*** – [**таҳтул.** нест лаззат бе дард], яъне то

инсон заҳмат накашад, роҳат низ намебинад, роҳат талабкунандаи заҳмат мебошад, ***there is no joy without annoy [129, 111]*** **–** [**таҳтул.** нест шодӣ бе ранҷ], яъне *дар ҳар як хушбахтӣ осори мушкилот, заҳмату азият дида мешавад*, нишон дода шудаанд, ки дар таркиби онҳо вожаҳои муқобилмаънои ***гул*** ва ***хор*** вуҷуд надоранд.

Тоҷикзабонон дар бештари зарбулмасалу мақолҳо вожаи “гул”-ро барои ифода намудани инсон истифода менамоянд. Дар зарбулмасалҳои ***Гул аз гул ранг мегирад [129, 129], Гул гулро дида мешукуфад [129, 129] гул*** таҷассумгари ***инсон*** буда, дар онҳо *таъсири муҳити атроф ба шахс* ифода ёфтааст. Дар зарбулмасалҳои болозикр таъкид мегардад, ки муҳити атроф, дӯстон ва одамони наздик ба инсон таъсири мусбат ва ё манфӣ расонида метавонанд. Агар инсонро одамони дорои хислатҳои мусбат иҳота намоянд**,** пас ӯ низ чунин мегардад, аммо агар баръакс ӯро шахсони хислатҳои манфидошта иҳота намоянд, пас ҳама он хислатҳои мусбате, ки дар инсон ҳаст, бо мурури замон кам гашта, билохира аз байн мераванд. Бояд ёдовар шуд, ки дар тасвири ҷаҳони англисзабонон низ таъсир расонидани муҳити атроф ба инсон таҷассум ёфтааст, аммо дар тасвири забонии ҷаҳони онҳо бо зарбулмасалу мақолҳое инъикос ёфтааст, ки дар таркиби онҳо лексемаи “гул” ба назар намерасад: ***Evil communications corrupt good manners [129, 129]***] – [**таҳтул**. Муошират бад ахлоқи некро вайрон мекунад], яъне бо бадон муоишират кардан, билохира хислатҳои неки инсониро аз байн мебарад, ***If you lie down with dogs, you will get up with fleas [194]*** **–** [**таҳтул.** Агар шумо бо сагон хоб равед, бо кайкҳо мехезед], яъне ***Iron sharpens iron*** [**таҳтул**. Оҳан оҳанро тез мекунад], яъне *агар инсон бо одамони бад бисёр мулоқот кунад, худро бо одамони бад иҳота намояд, хислатҳои бади онҳо бо мурури замон дар вуҷуди ӯ пайдо мешавад, одамони хирадманд бояд якдигарро пурсуҷӯ кунанд, руҳбаланд кунанд, таълим диҳанд ва даъват кунанд*.

Инчунин, дар зарбулмасали ***гул ба гул намеафтад***, яъне *одам ба одам монанд нест, фарзанд ба падару модар монанд нест* [144, 233] вожаи ***гул*** ифодакунандаи *одам*, хусусан *фарзанд* мебошад:

*Айби модараш? Фикри Адолатро вай чигил кардааст... Падараш чӣ хел одами нагз! ... Мардум "**Гул ба гул намеафтад**" мегӯянд, рост будааст-дия...(144, 233).*

Дар тасвири ҷаҳони тоҷикзабонон ***гул*** таҷассумгари *чизҳои азизу арзишманд* мебошад: ***Барзагов гул набӯяд ва ошногии булбул нақӯяд*** [128, 13]. Дар зарбулмасали мазкур ***гул*** барои *ифодаи чизи азизу гаронбаҳо* истифода гардида, нафароне, ки қадри онро намедонанд, ба **барзагов** нисбат дода шудаанд:

"Саҳл – Ман шеърро дӯст надорам. Аз шеър ҳам безораму аз шоир ҳам.

Рӯдакӣ – Оре. ***Барзагов гул набуяд ва ошноии булбул нақӯяд****" (170, 152).*

Дар ҷумлаҳои боло зарбулмасали ***Барзагов гул набуяд ва ошноии булбул нақӯяд*** дар ҷавоб ба нафаре гуфта шудааст, ки қадри шеъру шоирро намедонад ва дар зарбулмасал ***гул*** барои ифодаи *шеър* истифода гардида, ***булбул*** ифодагари *шоир* мебошад.

Ҳолатҳое низ ба назар мерасанд, ки дар онҳо ***гул*** ифодагари *чизи ночиз* буда, бӯйи он каме арзиш дорад, яъне миёни тоҷикзабонон духурагӣ дар дарки консепти "гул" ба назар мерасад: ***Аз хирс – мӯе, аз гул – бӯе*** [129, 80], яъне *кори бад, гуфтугӯи беарзиш, маълумоти зиёдатӣ, бо вуҷуди ин боиси натиҷаи мусбат гардад.*

Бояд ёдовар шуд, ки дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон зарбулмасали ***ҳар гуле бӯе дорад,*** яъне *ҳар кас ҳусни ҷудогона дорад, ҳар чиз хосияти ҷудогонае дорад* ба назар мерасад, ки дар он вожаи "гул" ифодакунандаи *шахс ва ягон ашё* буда, бӯйи он *хислатҳои хоси он шахс* ва ё *ашёро* ифода меанмояд.

Дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон иҷро намудани кори беҳуда аз тарафи ягон кас дар зарбулмасали ***Гул ба бӯстон бурдан [129, 129],*** яъне *кори беҳуда анҷом додан* ифода ёфтааст, ки он бо ҷузъи "гул" таркиб ёфтааст. Ин маъно дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон дар ибораи рехтаи ***Carry coal to Newcastle*** [**таҳтул.** Ба Нюкасл ангишт кашидан] [129, 129]

инъикос ёфтааст, ки дар таркиби он вожаи “гул” ба назар намерасад. Ибораи рехтаи ***Carry coal to Newcastle*** миёни мардуми Британия маъмул буда, амали бемаъниро тавсиф мекунад. Таърихан иқтисоди Нюкасл дар шимолу шарқи Англия аз тақсимот ва фурӯши ангишт сахт вобаста буд ва аз ин рӯ, ҳама кӯшиши фурӯши ангишт ба Нюкасл беақлӣ хоҳад буд, зеро таъминот дар он ҷо назар ба дигар минтақаҳои Британияи Кабир бештар буд ва ин далел асоси пайдоиши таъибри мазкур гаштааст.

Тоҷикзабонон одамонро ба муттаҳидшавӣ даъват менамоянд. Мардуми тоҷик бар он ақидаанд, ки одамон бояд дар ичрои ягон кор мутаҳҳид бошанд ва дар якҷоягӣ онро ичро намоянд, зеро дар танҳоӣ ичро намудани коре мушкил аст. Мутаҳҳидшавӣ дар зарбулмасали ***Бо як гул баҳор намешавад [129, 118],*** яъне *як нафар ва ё як амал барои ба анҷом расонидани коре кофӣ нест* ё *ин ки хуб будани як кор далели хуб будани ҳама корҳо намешавад, як одами хуб далели хуб будани одамони дигар нест* инъикос ёфтааст, ки дар тарикиби он лексемаи “гул” дида мешавад.

Англисзабонон низ бар он ақидаанд, ки як шасх ё як амал таъсире ба натиҷаи кор расонида наметавонад ва барои ба мақсад расидан бояд муттаҳид бошӣ ва ё корҳои зиёдеро паси ҳам ичро намоӣ. Дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон маънои зарбуламасали тоҷикии ***Бо як гул баҳор намешавад*** дар зарбулмасалҳои ***One swallow doesn’t make a summer [129, 118]–*** [**таҳтул.** Як парасту тобистон намекунад], ***One man doesn’t make a team [129, 118] –*** [**таҳтул.** Як одам даста намесозад], яъне *як амал, ҳодисаи мушаххас ё як шахс ба тасвири умумӣ ё натиҷа таъсир расонида наметавонад, чизеро иваз намекунад* таҷассум ёфтааст.

Тоҷикзабонон ва англисзабонон бар он ақидаанд, ки ичрои ҳама кор вақту замони муайяни худро дорад ва шахс бояд кӯшиш кунад, ки корро дар вақти муайяни худ ба анҷом расонад. Ин ақида дар тасвири забонии ҷаҳони ин халқиятҳо гуногун ифода ёфтааст. Дар забони тоҷикӣ: ***Баҳор бо гулаш, тирамоҳ бо ҳосилаш зебост*** ва дар забони англисӣ ***Everything is good in its***

season. Дар забони тоҷикӣ дар таркиби зарбулмасал вожаи “гул” ба назар мерасад, аммо дар забони англисӣ он дида намешавад.

Тоҷикзабонон бар он ақидаанд, ки ҳар инсон бояд дар як ҷо кору фаъолият ва зиндагӣ кунад. Ҷойи кор ва ҷойи зисти худро тез-тез иваз накунад. Ин ақида дар зарбулмасали ***Зеби гул дар як ҷост*** [131, 51] инъикос ёфтааст, ки дар он ***гул*** ифодагари *одам, инсон* мебошад.

Гул дар шуури англисзабонон таҷассумгари муҳаббат мебошад: ***Love is flower which turns into fruit at marriage*** [**таҳтул.** Ишқ гулест, ки дар издивоҷ ба мева табдил меёбад]. Англисзабонон бар он ақидаанд, ки муҳаббат гулест, дар издивоҷ он ба мева мубаддал мегардад, яъне самараи ишқро инсон дар издивоҷ мегирад. Дар забони тоҷикӣ муодил ва ё муродифи ин зарбулмасал дида намешавад.

Инчунин, англисзабонон бар он ақидаанд, ки бидуни меҳнат роҳат ба даст намеояд, аз ин рӯ, инсонро зарур аст, ки барои фардои худ кореро имрӯз иҷро намояд. Агар шахс хоҳад, ки дар пири роҳат кунад, ӯ бояд дар ҷавонӣ меҳнат кунад, зеро инсон дар пирӣ аз самари он меҳнате, ки дар ҷавонӣ кардааст, баҳраманд мегардад. Ақидаи мазкур дар зарбулмасалу мақолҳои англисии ***No autumn fruit without spring blossoms*** [129, 104] – [**таҳтул**. Бе гули баҳорӣ меваи тирамоҳ нест], ***No man can taste the fruits of autumn while he is delighting his scent with the flowers of spring*** [**таҳтул**. Ҳеҷ кас наметавонад меваҳои тирамоҳро чашад, дар ҳоле ки аз бӯйи аз гулҳои баҳори лаззат мебарад] ва ***All the flowers of the tomorrows are in the seeds of today*** [**таҳтул**. Ҳама гулҳои фардо дар тухмҳои имрӯз ҳастанд], ***April showers bring May flowers*** [**таҳтул.** Борони моҳи апрел гулҳои моҳи майро меорад] ифодаи худро ёфтааст.

Ҳамин тавр, таҳлили зарбулмасалу мақолҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ марбут ба “гул/flower” шабоҳат ва тафовути ҳувияти миллии мардумони ин забонҳоро ошкор намуд. Аҳаммияти консепти “гул” миёни халқҳои забонашон муқоисашаванда аз миқдори зиёди маъноҳое шаҳодат медиҳанд, ки дар ҷараёни таҳқиқ муайян гардиданд. Умумият дар маъноҳои

зарбулмасалу мақолҳо аз умумӣ будани тафаккури инсонӣ далолат мекунад ва вижагиҳо дар шакл ва таркиби онҳо аз асолати тафаккури халқҳои тоҷикзабон ва англисзабон шаҳодат медиҳанд.

3.1.2. Таҳлили лингвистии воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи “гул/the flower” дар забонҳои мавриди назар

Дар воҳидҳои фразеологӣ донишҳои инсон дар бораи муҳити атроф, нигоҳи ӯ ба зиндагӣ, анъана, урфу одат, расму оин, одобу рафтор ва арзишҳои миллию фарҳангӣ таҷассум меёбанд, аз ин рӯ, онҳо махзани хотираи таърихию фарҳангии халқ ба ҳисоб мераванд. Таҳқиқи воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо ҷузъи “гул” имкони дастарсӣ пайдо намудан ба шуури тоҷикзабонон ва англисзабонон фароҳам меорад, бинобар ин тасмим гирифта шуд, ки дар зербоби мазкур воҳидҳои фразеологии забонҳои мазкур бо ҷузъи “гул” таҳлилу баррасӣ гарданд.

Дар низоми воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ***гул*** таҷассумгари *шахс ва ё чизи беҳтарин миёни дигар ашё ва шахсони ҳамин навъ* мебошад. Дар забони тоҷикӣ ибораи ***гули сари сабад*** барои ифода намудани *шахс ва ё чизи беҳтарин* истифода мегардад, ки дар таркиби он ҷузъҳои асосии “гул” ва “сабад” ба назар мерасад:

Дар ҳақиқат ҳам он рӯз дар ҳавлии арбоб Рӯзӣ тӯй набошад ҳам, як зиёфати тӯймонанде ташкил ёфта буд, ***гули сари сабади ин зиёфат*** *Қориишкамба ва ноиби дар деҳаи Галаосиё бошандаи қозикалон Мирзохӯҷаи шикамбанда* ***буданд*** *(162, 125).*

Дар забони англисӣ ибораи ***the flower of the flock*** **–** [**таҳтул**. гули даста] *беҳтарин шахс ва ё чиз дар гурӯҳ, миёни дигар шахсон ва ашёҳо*-ро ифода менамояд. Чӣ тавре ки дида мешавад, дар забони тоҷикӣ ҷузъҳои асосии ибораи рехта вожаҳои “гул” ва “сабад” ва дар забони англисӣ ҷузъҳои асосӣ лексемаҳои “flower” – “гул” ва “a flock” – “даста” мебошанд:

Your cupcakes are just ***the flower of the flock*** *– there is no better item at the bake sale (free dictionary).* – [**тарҷ. муҳақ**. Нони қандини мавиздори шумо

беҳтарин [**таҳтул**. **гули даста**] мебошанд, дар савдои нонпазӣ чизи беҳтарине нест].

Дар ҷумлаи боло ибораи ***the flower of the flock*** барои ифодаи *ашёи нозук ва нафис* истифода гардидааст.

She's the best we've got, the ***flower of the flock****, so you should absolutely put her on this case (194).* – [**тарҷ. муҳақ**. Ӯ аз ҳама беҳтарин аст, **гули сари сабад [таҳтул. гули даста]**, бинобар ин шумо бояд ба уҳдаи ӯ ин вазифаро гузоред].

Дар мисоли зер муаллифи асар ибораи ***the flower of the flock***-ро барои ифодаи *марди пурзур ва шердил* истифода намудааст:

He was ***the flower of the flock****, was Flint!' (176, 81). – Эҳ, ин Флинт чӣ тавр [***таҳтул***. гули даста]* ***шермард*** *буд! (165, 82).*

Дар тасвири ҷаҳони тоҷикзабонон консепти ***гул*** *ид, ҷашнвора* ва *базм*-ро таҷассум менамояд. Алоқамандии гулҳо бо ҷашну маросимҳои тоҷикон далели ин гуфтаҳост. Масалан, дар ҷумлаи зер ибораи ***дар вақти сайри гули сурх,*** ки дар таркиби он ***сайри гули сурх*** дида мешавад, ки он ҷашни баҳориро миёни тоҷикон ифода менамояд:

Писараш соле ду бор бо ризои падараш меҳмондории рӯирост мекард, яке аз инҳо дар беруни шаҳр – дар боғаш, дигарӣ ҳам дар беруни шаҳр, ***дар вақти сайри гули сурх,*** *дар сари мазори Баҳоваддин барпо мешуд (162, 60).*

Сайри гули сурх, ҷашни халқии тоҷикист, ки ба оғози кишту кори баҳорӣ бахшида шудааст. Сайри гули сурх иди қадимӣ буда, дар замони тоисломӣ дар Осиёи Миёна паҳн шуда, ба парастиши табиати баҳоршаванда вобаста буд. Сайри гули сурх ба айёми кишту кори баҳорӣ рост меомад, дар аввали моҳи ҳамал (март) сар шуда, як моҳ давом мекард. Дар рӯзҳои Сайри гули сурх мардум либоси идона пӯшида ба ҳамдигар гул тақдим мекарданд, бо оғози кишту кор табрик намуда, барори кору ҳосили фаровон орзу менамуданд [181].

Инчунин, ***гул*** дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон ҳамчун *сухани хуб* инъикос ёфтааст. Ҳолати мазкур дар воҳиди фразеологии ***гул гуфта гул шунидан***, яъне *ба якдигар сухани хуб гуфтан* [144, 234] дида мешавад:

– *Чӣ мешуд, ки агар ҳар шаб бо ҳам менишастем,* ***гул гуфта гул мешунидем?*** *(144,* 234*).*

Ҳам дар назми шифоҳӣ ва ҳам дар адабиёти хаттии бадеӣ ***гул*** рамзи *маҳбуба* ё *маъшуқа* мебошад. Тавсифи ***гул*** чун зебоӣ, хушбӯӣ ва назокат бо сифоти маъшуқаҳои нозукандому зебо умумият доранд. Ҳамин муштаракоти сифатҳо ва хусусиятҳо асоси ташбеҳ додани *маҳбуба* ба ***гул*** гардидааст. Бештари шоирону нависандагон маҳбубаро ***гул*** номида, хитоб менамоянд, ки мақсади асосии онҳо нишон додани зебоӣ ва латофати маҳбуба, таъкиди барҷастагии ҳусни ӯ мебошад. Барои тоҷикзабонон образи ***гул*** рамзи *ишқ, маъшуқа* буда, ***булбул*** бошад, он *ошиқест, ки қурбони ишқ гаштааст*. Ҳолати мазкур дар ҷумлаи зер мушоҳида мегардад, ки дар он ибораи ***дарди гули аз булбул ҷудо монда*** истифода гардидааст, ки он маънои *ғами маъшуқаи аз ошиқи худ дур мондаро* дорад. Дар ин ҷо ***гул*** инъикосгари *маъшуқа, маҳбуба* ва ***булбул*** таҷассумгари *ошиқ, маҳбуб* мебошад:

Танҳо дарди Гулбибӣ ***дарди гули аз булбул ҷудо мондаи*** *Одинаи дурафтодаро як дам ҳам бошад, осуда намегузошт (163, 59).*

Муаллифи асари “Одина”-и С. Айнӣ барои зебу зинат додан ва равшан намудани ишқи Одина нисбат ба Гулбибӣ аз образҳои ***гул*** ва ***булбул*** ва ***ишқи онҳо*** истифода бурдааст.

Дар шуури тоҷикзабонон ***гул*** таҷассумгари *зебоӣ, назокату латофат* мебошад, аз ин рӯ, онҳо *зан, духтар*-ро ба ***гул*** ташбеҳ медиҳанд:

...модари Гуландом ҳам ба Шоҳназар зориву тавалло менамуд, ки ***духтари гул барини худро*** *бароварда ба дасти як мардаки панҷоҳсолаи занкуш надиҳад ва то яктарафа шудани кори Арбоб Камол сабр кунад (163, 166).*

Дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон низ консепти ***гул*** ифодагари *зебоӣ* мебошад, аз ин рӯ, ҳангоми муроҷиат ба дӯстдошта ва

таъкид кардани зебоӣ ва назокати маҳбуба англисзабонон ибораи ***my lily-flower* – таҳтул.** гули савсани манро истифода менамоянд:

*‘**My lily-flower**, you are right now, as always.’ (171, 270). – О, **фаришта и зебои ман** ту ҳамеша ҳақ ҳастӣ (164, 174).*

Инчунин, дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон зебогии зан ба гипероними консепти ***гул, lily*** – гули савсан монанд карда мешавад ва он дар низоми луғавии забони англисӣ бо ибораи ***fair as a lily*** – **таҳтул**. тоза ба мисли савсан, яъне *зебо* ифода ёфтааст:

*He took me into the dining-room, surveyed me keenly all over, pronounced me ‘**fair as a lily** (171, 437). – Ӯ маро ба ошхона овард ва сар то поямро аз назар гузаронида, илова кард, ки ман **ҳамчун савсан зебо** ҳастам (164, 282)*

Ҳамчунин, англисзабонон ҳама гуна чизҳои *заиф, нозук, зудшикан* ва *зуд захмидоршаванда*-ро ба ***гул*** монанад мекунанд: ***(as) delicate as flower*** [**таҳтул**. чун гул нозук], яъне *аз ҷиҳати ҷисмонӣ хеле заиф ё нозук; ба осонӣ шикаста ё захмдор шаванда*: *Don't even so much as breathe near that tiered cake – it’s **as delicate as flower*** [194]. – **тарҷ.муҳақ.** Дар назди ин кулчақанди қабатӣ ҳатто зиёд нафас намекашӣ – он **мисли гул нозук** аст.

Дар забони англисӣ ибораи *it’s **as delicate as flower*** барои ифода намудани шахси хеле нозук ва ҳассосе низ истифода мешавад, ки аз кор ва ё гапи ночизе зуд хафа мешавад:

*I can't believe you said something negative about Shelly’s hair when you know she’s **delicate as flower!*** (194) – **тарҷ**. **муҳақ**. Ҳеҷ боварам намеояд, ки шумо мӯйи Шеллиро танқид кардед, ҳол он ки медонед, ки ӯ **ҳамчун гул нозук аст**!.

Дар ҷумлаи болозикр ибораи ***as delicate as flower – гул барини нозук*** барои ифода намудани шахсе истифода гардидааст, ки хеле ҳасосу зудранҷ мебошад.

Дар низоми воҳидҳои фразеологии забони англисӣ ибораи ***a flower child*** **–** [**таҳтул.** кӯдаки гул] ба назар мерасад, ки он ифодагари ҷавонҳои солҳои 1960 ва аввали солҳои 1970 мебошад, ки ба сулҳ бовар доштанд, ба

бисёре аз ақидаҳои қабулшуда дар бораи тарзи зиндагӣ мухолиф буда, мӯйҳои дароз доштанд ва аксар вақт ингуна нафарон гурӯҳ-гурӯҳ зиндагӣ мекарданд ва маводи мухаддир истеъмол мекарданд [194]. Ин ибора имрӯзҳо барои ишора намудан ба шахсоне, ки аз солҳои 1960-ум буда, ҳамон хислатҳоро доро мебошанд истифода мегардад:

My grandmother was ***flower child*** *back in the 60s, singing protest songs and living out of a VW van adorned with peace signs and groovy colors (194).* – **тарҷ. муҳақ**. Бибии ман дар солҳои 60-ум **кӯдаки гул** буд, сурудҳои эътирозӣ месароид ва дар як микроавтобуси VW, ки бо аломатҳои сулҳ ва рангҳои зебо оро дода шуда буд, зиндагӣ мекард.

Инчунин, ибораи ***flower child*** барои ифода намудани ҷавононе истифода мегардад, ки доимо муқобили низоми муайян мебошанд ва кӯшиши менамояд, ки ақида ва қоидаҳои худро ҷорӣ намоянд:

The secluded community is run by old–school ***flower children,*** *who put an emphasis on peace, anti-materialism, and care for the environment (194).* – **таҷ.муҳақ**. Ҷамъияти алоҳида аз ҷониби **кӯдакони гули** пешинаи мактаб идора карда мешавад, ки ба сулҳ, зиддиматериализм ва ғамхорӣ ба муҳити зист аҳаммият медиҳанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки новобаста аз мавҷудияти умумият дар дарки консепти “гул” аз ҷониби тоҷикзабонон ва англисзабонон ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки як фикр дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ гуногун ифода меёбад:

...a tall, massive-featured, middle-aged, and grey-headed man, at whose side his lovely daughter looked like ***a bright flower*** *near a hoary turret (171, 562). – вай марди миёнсоли сарсафеди тануманд буд ва духтараш дар паҳлӯяш* ***дарахти сарв*** *дар назди қалъаи қадимаро мемонд (164, 349).*

Чӣ тавре ки дар мисоли боло дида мешавад, барои тавсифи *латифӣ ва нозукии зан, духтар* дар забони англисӣ ибораи ***a bright flower*** **– таҳтул.** гули равшан истифода гардидааст ва дар забони тоҷикӣ бошад, духтар ба ***дарахти сарв*** ташбеҳ дода шудааст.

Барои англисзабонон ***гул*** бо ҳиссиёти мухталиф алоқаманд аст, аз ин рӯ, англисзабонон вожаи “гул”-ро дар таркиби таъбирҳо барои ифодаи ҳиссиёту эҳсосот истифода менамоянд. Дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон ибораи рехтаи ***hearts and flowers*** **–** [**таҳтул.** дилҳо ва гулҳо] инъикос ёфтааст, ки он барои тавсифи эҳсосоти аз ҳад зиёд истифода мешавад:

The premise is actually pretty interesting, but the dialogue in these books is ***all hearts and flowers (194)***. – **тарҷ.муҳақ**. Муқаддимаи китоб ҳақиқатан хеле шавқовар аст, аммо муколамаҳои он бениҳоят *риққатовар* [**таҳтул**. ҳама дилҳо ва гулҳо] мебошанд.

Дар тасвири ҷаҳони англисзабонон, ба мисли тоҷикзабонон консепти ***гул*** *ҷавонӣ*-ро таҷассум менамояд, аз ин рӯ, дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон ибораҳои рехтаи ***in the flower of youth*** – [**таҳтул**. дар гули ҷавонӣ] ва ***the flower of youth*** – [таҳтул. гули ҷавонӣ] дида мешаванд. Ибораи ***the flower of youth*** дар забони англисӣ барои ифода намудани замони ҷавонӣ, ки инсон бештар неруи зинда, саломатӣ, қобилиятҳои ҷисмонӣ ва ғайра дорад; баҳори умри касе истифода мегардад:

How much more awful is it to reflect on this near vicinity to the dying – to men in full health and vigour, ***in the flower of youth*** *or the prime of life... (172, 205).* – **тарҷ.муҳақ**. Чӣ қадар ваҳмнок аст, ки дар вақти солимӣ ва пурқувватӣ, **дар айёмӣ ҷавонӣ** [**таҳтул**. дар гули ҷавонӣ] ва айни наъшунамои қувват, бо ҳама қобилият ва даркашон ба мурдагон чунон наздик бошӣ.

Қайд кардан ба маврид аст, ҳангоми истифода намудани ҷонишини соҳибӣ дар таркиби таъбири ***the flower of youth***, ҷонишини соҳибӣ миёни бандаки “of” ва калимаи “youth” ҷой мегирад:

Those who fail to pursue meaningful careers or activities will spend their latter years longing for ***the flower of their youth***. – **тарҷ.муҳақ.** Нафароне, ки аз паси дарёфти мартабаи баланд ва фаъолияти муҳим нестанд, солҳои охири

умри худро бо ёди **даврахои ширини ҳаёти худ, ҷавонӣ** [**таҳтул**. гули ҷавониашон] мегузаронанд.

Инчунин, ***гул*** дар забони англисӣ ифодагари *беҳтарин, муҳимтарин ва олитарин чиз* мебошад, аз ин рӯ, англисзабонон ҳангоми нишон додани намунаи олии ягон чиз ибораи ***the flower of (something)*** **–** [**таҳтул**. гули чизе], яъне *беҳтарин, волотарин ва муҳимтарин қисми чизе*-ро истифода менамоянд:

Though many worry the legislation will hamper trade with foreign countries, I'm hopeful that it will help nurture and cultivate ***the flower of local industries*** *(194).* – **тарҷ.муҳақ.** Ҳарчанд бисёриҳо нигаронанд, ки қонунгузорӣ ба тиҷорат бо кишварҳои хориҷӣ монеъ мешавад, ман умедворам, ки он ба [**таҳтул**. парвариш ва сабзонидани гулҳои саноати маҳаллӣ] **рушд ёфтан ва беҳтар гаштани саноати маҳаллӣ** мусоидат мекунад.

Барои англисзабонон консепти "гул" таҷассумгари амалишавии умеду орзӯҳо ва инчунин, хушбахтӣ мебошад. Хусусан, баъди зимистони сард дар моҳи май англисзабонон рӯйидани гулро бесаброна интизор мешаванд, зеро гул ба онҳо шодию фараҳ меорад. Ин аст, ки дар низоми воҳидҳои фразеологии забони англисӣ воҳиди фразеологии ***to be as welcome as flowers in May*** – **таҳтул**. ба мисли гулҳои май матлуб будан, яъне *азизу дилхоҳ* ба назар мерасад:

Would the gentleman like this room? said a voice as a little out-of-the-way door at the footof well staircase flew briskly open and a head popped out. 'He's quite welcome to it. He's ***as welcome as flowers in May…"*** *(173, 217).* – **тарҷ.муҳақ.** Оё ин ҳуҷраро ҷавонмард писанд мекарда бошад? - гуфт касе ва дарҳол дар кушода шуду, касе ба хона даромад. "Марҳамат кунад. Ӯ ин ҷо **азизу матлуб [таҳтул. ба мисли гулҳои май матлуб]** хоҳад буд.

Дар шуури англисзабонон консепти "гул" инъикосгари "инсон" мебошад. Шоири англис Чарлз Дикенс гулро ба инсон шабеҳ додааст, ки шаб хоб мераваду рӯзона чашмони худро мекушояд:

*The **flowers** that sleep by night, opened their gentle eyes and turned them to the day (173, 169).* – **тарҷ.муҳақ.** Гулҳое, ки шабҳо мехобидаанд, чашмони нозуки худро кушода, ба сӯйи метофтанд мегардонанд.

Бояд ёдовар шуд, ки дар низоми воҳидҳои фразеологии забони англисӣ воҳидҳои фразеологие ба назар мерасанд, ки онҳо аз дигар забонҳо иқтибос гирифта шудаанд. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳлили воҳидҳои фразеологӣ бояд таърихи пайдоиши онҳо таҳқиқ карда шаванд, то тасвири ҷаҳони англисзабонон аниқ ва дуруст муайян карда шавад. Масалан, дар забони англисӣ воҳиди фразеологии ***let a thousand flowers bloom*** – **таҳтул**. бигузор ҳазорҳо гулҳо бишкуфат, аз суханронии сарвари давлати Чин Мао Цзэдун дар соли 1956 барои иҷозат додани танқиди ҳукумати Чин иқтибос гирифта шудааст, ки ибораи аслӣ ***let a hundred flowers bloom*** мебошад, ки дар он вожаи “гул” ифодакунандаи *фикру ақида* мебошад:

*For how long after Mao Zedong urged people to “**let a hundred flowers bloom**” was criticism actually accepted? (194)* – **тарҷ. муҳақиқ**. Пас аз он ки Мао Цзэ-дун одамонро даъват кард, ки “бигузор фикру ақидаҳои гуногун баён гарданд” [**таҳтул**. “бигзор садҳо гул бишкуфад”] дар ҳақиқат танқиди ҳукумат иҷозат дода шуд?

Барои англисзабонон ***bud – ғунча*** оғози ҳама чиз мебошад ва ҳангоми решакан кардани ягон чиз ҳангоми ғунча буданаш, маънои монеа шудани рушди чизеро дар назар дорад. Ҳолати мазкур дар низоми воҳидҳои фразеологии забони англисӣ бо воҳиди фразеологии ***to nip something in the bud*** **– таҳтул.** чизеро ҳангоми ғунча буданаш решакан кардан, яъне пешгири кардани чизе пеш аз устувор гаштанаш***:***

Many serious illnesses can be nipped in the bud if they are detected early enough (183). **– тарҷ.муҳақ.** Бештари беморихои вазнинро ҳангоми нав пайдо шуданашон метавон тавобат кард [**таҳтул**. ҳангоми ғунча буданаш метавон решакан кард], агар онҳо сари вақт муайян карда шаванд.

Дар ҷумлаи болозикр вожаи ***bud*** – *ғунча* ифодагари саршавии беморӣ мебошад.

Дар мисоли дигар вожаи ***bud*** **–** *ғунча* ифодагари *оғози сухан* мебошад:

“Barton, may I trouble you for a potato,” interrupted the master of the house hopping ***to nip his guest story in the bud*** *(172, 382).* – **тарҷ. муҳақ.** Батрон, лутфан картошкаро ба ман диҳед, – соҳибхона бо умеди буридани ҳикояи меҳмонаш аз аввал [**таҳтул**. решакан кардани ҳикояи меҳмонаш дар ғунча] пеши гапи ӯро гирифт.

Дар шуури тоҷикзабонон консепти ***гул*** тасвирҳои гуногунро марбут ба раванди шукуфоӣ, рушду нумуъ ва шоду масрургардӣ таҷассум менамояд. Дар низоми воҳидҳои фразеологии забони англисӣ воҳиди фразеологии ***гул кардан*** ба маъноҳои гуногун ба назар мерасад. Воҳиди фразеологии ***гул кардан*** ба маънои аслӣ ифодагари *шукуфта шудан, шукуфтани дарахтҳои мева ва растаниҳо* буда, маҷозан маъноҳои *ошкор шудан, фош шудан, аён шудан, боло рафтан, авҷ гирифтани чизе ё коре, шоду хандон шудан, завқу шавқ пайдо кардан* мебошад:

Баҳорон буд, зардолуҳои рӯйи даричаи мо ***гул карда*** *бо шукуфаҳои худ дар боғча зинати хубе дода буданд (161, 20).*

Дар ҷумлаи боло воҳиди фразеологии ***гул кардан*** ба маънои аслӣ, *шукуфта шудан, шукуфани дарахтҳои зардолу* истифода гардидааст.

Хулоса, имрӯз Тоҷикистони Шӯроӣ ***гул кард****, фардо ба олами Шарқ меваҳои ширин хоҳад дод (163, 192).*

Дар ин ҷумла бошад, воҳиди фразеологии ***гул кардан*** ба маънои маҷозӣ истифода гардида, он ифодагари *рушд кардан, нумуъ кардан* мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки консепти ***гул*** барои тоҷикзабонон натанҳо бо тасаввуроти мусбат, балки бо тасаввуроти манфӣ низ алоқаманд аст, ки он вобаста ба вазъи гул мебошад. Тоҷикзабонон одами андӯҳгину ғамзадаро ба ***гули хазондида*** монанд менамоянд:

Лекин ҳозир бо шиддати аламу андӯҳе, ки ба вай расидааст, монанди ***гули хазондида*** *хеле пажмурда ба назар меояд (163, 169)*

Ҳамин тавр, таҳлили воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо ҷузъи “гул” нишон дод, ки консепти “гул” дар шуури ин халқҳо тасаввуроти гуногунро таҷассум менамояд. Дар воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ***гул*** *беҳтарин шахс ва ё чиз миёни дигар шахсон ва ашёҳо, рушду нумуъ кардан, боло рафтан, беҳтар гаштан ва авҷ гирифтан* ифода менамояд. Дар низоми воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ лексемаи “гул” барои ифода намудани *иду ҷашнвора, маъшуқа, маҳбуба, зан ва ё духтари зебо* истифода мегардад, ки маъноҳои мазкур дар воҳидҳои фразеологии забони англисӣ бо ҷузъи “гул” мушоҳида нагардиданд. Дар воҳидҳои фразеологии забони англисӣ вожаи “гул” дар якҷоягӣ бо вожаи “дил” истифода мегардад, ки он *ҳиссиёти аз ҳад зиёдро* ифода менамояд, ҳолати мазкур дар забони тоҷикӣ тамоман ба назар намерасад. Инчунин, калимаи “гул”, ки калидвожаи консепти “гул” мебошад, дар забони тоҷикӣ бештар барои ифода намудани зебоӣ ва назокати занона истифода мегардад, аммо дар забони англисӣ бошад, он *нозукӣ, нафисӣ* ва *зудранҷиро* ифода менамояд. Консепти “гул” дар шуури тоҷикзабонон ва англисзабонон таҷассумгари *ҷавон* ва *ҷавонӣ* мебошад, ки ин тасаввурот дар забони англисӣ дар воҳидҳои фразеологӣ ва дар забони тоҷикӣ дар зарбулмасалу мақолҳо ифода ёфтааст.

3.2.Таҷассуми консепти “гул” дар ашъори шоирони тоҷик ва англис

Шеър як соҳаи тафаккури бадеист, ки пур аз ҳиссиёти инсонӣ буда, бо маънии амиқи худ мафтункунанда мебошад. Дар шеър муносибати одам ба муҳити атроф, ҳиссиёту эҳсосот ва фикру ақидаи ӯ инъикос ёфта, ба таври бадеӣ ба як низоми муассири таркибии забон – нутқи манзум мураттаб гардидааст. Дар шеър ҳиссиёти самимӣ ва таассуроти шахс дар мадди аввал қарор доранд. Таҳлили ашъори шоирон имкон фароҳам меорад, ки тасаввуроти халқияти муайян дар бораи муҳити атроф, хусусан, дар дарки консепти “гул” муайян карда шавад, зеро “дар услуби бадеӣ, махсусан, услуби назм, вожаю мафҳумҳои рустанӣ ва гулу гиёҳҳо ба ҳайси мавҷудоти

ботаникӣ ва табиӣ вазифаи дигаре доранд. Яъне, дар баробари он ки онҳо барои ифодаи мафҳуми табиӣ истифода мешаванд, боз аҳли эҷод вобаста ба сохтори ботаникӣ ва мавҷудияти табииёшон онҳоро барои ифодаи маъноҳои гуногун низ мавриди истифода қарор медиҳанд. Дар ин замина ин навъи вожаҳо дар асоси қонуниятҳои луғавию семантикӣ ба тағйироти маъноӣ дучор гардида, хусусияти маҷозию рамзӣ пайдо мекунанд ва ё сермаъно гардида, дорои тобиш ва ҷилои маъноии дигаре мегарданд. Дар ҳама маврид, яъне хоҳ ба маъноии маҷозию рамзӣ ва ё хоҳ сермаъно гардидан калимаҳои ифодагари рустанӣ ва гулу гиёҳ маъноии аслии худро нигоҳ медоранд ва ҳамаи маъноҳои ифодагардида, ки вижагии услубӣ касб кардаанд, дар пояи маъноии аслии ин навъ вожаҳо сурат мегиранд. Яъне, маъноии аслӣ ё аввалаи ин навъ калимаҳо ҳамеша барои фаҳмидани маъноии дуюм ё минбаъдаи онҳо мусоидат менамояд. Маъноҳои дигари вожаҳо, ки аксаран дар пояи маҷоз сурат гирифтаанд, бештар ҷанбаи зебоишинохтӣ (эстетикӣ) дошта, хоси услуби бадеӣ ва ё фардии эҷодкорон ба шумор мераванд [67, 32].

3.2.1. Таҷассуми консепти “гул” дар ашъори шоирони тоҷик

Дар услуби бадеӣ консепти “гул” ва гиперонимҳои он дар баёни эҳсосот ва тасвиру тавсифи образҳо нақши муҳим дошта, калимаҳои ифодакунандаи “гул” дорои хусусиятҳои махсуси маъноӣ мебошанд. Махсусан, дар услуби назм вожаҳо дорои ҷанбаҳои инфиродию услубии хосе гардида, ба шоир барои ифодаи андешаи муассиру ифоданок ва ҷолиб имконияти заруриро пешниҳод менамоянд. Дар ин росто, як гурӯҳ вожаҳо бо маъноии луғавӣ ва тобишҳои гуногуни маъноӣ барои ифодаи маъноҳои ҷолиби таваҷҷуҳ ба таври фаровон дар забони шеър истеъмол мегарданд [67, 32].

Дар эҷодиёти шоирони тоҷик вожаҳои таркиби консепти “гул” барои ифодаи ашё, мафҳум ва ҳодисаю воқеаҳои гуногуне мавриди корбаст қарор гирифтаанд. “Гул” яке аз мафҳумҳои маъмултарин ва машҳуртарини адабиёти форсу тоҷик буда, тобишҳои маъноии зиёдеро дар худ таҷассум

намудааст [60, 116]. Тасвири ***гул*** ҳамчун рамзи *ишқу муҳаббат, назокат, зебоӣ, меҳрубонию латофат* дар шеър мақоми арзанда дорад. Дар шеър ***гул*** маҷозан ифодагари *маҳбуба* мебошад. Бештари шоирон ҳангоми васфи *маҳбубаи худ* аз вожаи ***гул*** истифода менамоянд, зеро миёни растаниҳо гиёҳҳо зеботарин гул ба ҳисоб меравад:

*Фикри булбул ҳамон аст, ки **гул** шуд ёраш,*

Гул дар андеша, ки чун ишва кунад дар кораш (169, 6).

Дар мисраъҳои боло яке аз беҳтарин ғазалсароёни адабиёти форсу тоҷик Ҳофиз Шерозӣ дар ғазали мазкур *ошиқ*-ро ба ***булбул*** ва ***гул***-ро ба *машъуқа, маҳбуба* монанд кардааст.

Дар ғазали дигар дида мешавад, ки Ҳофиз Шерозӣ *ёр*-ро бо вожаи ***гул*** ва *машъуқ*-ро бо калимаи ***булбул*** ифода намуда, қайд менамояд, ки гул подшоҳи ҳусн аст ва ошиқони гул бошанд шайдои ӯ ҳастанд:

*Эй **гул**, ба шукри он, ки тӯи подшоҳи ҳусн,*

*Бо **булбулони бедили шайдо** макун ғурур! (169, 236).*

Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки тоҷикзабонон ***гул***-ро бо *ёр* ва ***булбул***-ро бо *ошиқи гул/ёр* алоқаманд мекунанд. Асоси ин алоқамандиро қисман рафтори ин парранда дар табиат ташкил медиҳад. Булбулҳо одатан дар шохаҳо, аксар вақт дар буттаҳои хор, аз ҷумла буттаҳои гул лона месозанд, зеро морҳо ба он ҷо даромада, лонаи онҳоро хароб карда наметавонанд. Бинобар сабаби дар назди гул зиёд қарор доштани булбул онро ошиқи гул меноманд, ки боиси рамзи *марди ошиқ* гардидани ***булбул*** ва рамзи *маъшуқа* гаштани ***гул*** гардидааст. Ҳолати мазкур, яъне ошиқи ***гул*** будани ***булбул*** ва бо лексемаи ***гул*** ифода ёфтани *маҳбуба, маъшуқа* дар мисраъҳои зерин низ ба назар мерасад:

Саҳар булбул ҳикоят бо сабо кард,

*Ки ишқи рӯйи **гул** бо мо чиҳо кард?*

Аз он ранги рухам хун дар дил афтод

В-аз ин гулшан ба хорам мубтало кард (169, 140).

Бояд ёдовар шуд, ки дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабнон ишқи беҷавоб аз тарафи *маҳбуба* бештар бо образи **булбул** ва **гул** ифода мегардад.

Дар он ***булбул*** *ошиқи шайдо ва ноумед* аст, ***гул*** ҳаргиз ба ӯ изҳори муҳаббат намекунад. ***Гул*** дар шеър тимсоли *ошиқи таннозу нозук* аст, ки ошиқи худро хору зор мекунад.

Мавриди зикр аст, ки дар шуури тоҷикзабонон ***гул*** дар баробари образҳои мусбат, образи манфиро низ таҷассум менамояд, аз ин рӯ, тоҷикзабонон ҳангоми нишон додани хислатҳои манфии маъшуқа, ёр ва маҳбубашон ӯро ба гул ва гипонимҳои он ташбеҳ медиҳанд. Масалан, дар байти зер шоир *дурӯягӣ ва бевафоии ёраш*-ро ба ***гул*** монанд карда, мегӯяд, ки:

Эй ки чун ***ғунча*** *диле дорам аз андӯҳи ту танг,*

Ҳамчу ***гул*** *чанд дурӯ бошиву чун лола дуранг? (135, 547)*

Дар ин байт ***гул*** тавассути санъати ташхис як навъ моҳияти шахсӣ низ пайдо карда, маҷозан ифодакунандаи *маъшуқи бевафо* мебошад. Дар ин байт шоир дили худро ба ғунча монанд кардааст, ки ғунча низ дар навбати худ ба таркиби консепти “гул” дар забони тоҷикӣ дохил мешавад.

Инчунин, ***доғи гул***, хусусан гули ***лола*** дар тасвири ҷаҳони тоҷикзабонон таҷассумгари *ғаму андӯҳ* мебошад, ки он дар байти зер таҷассум ёфтааст:

Бар умеди бӯйи ту, ё партаве аз рӯйи ту,

Рӯз бар доғам чу ***гул****, шаб дар шабистонам чу шамъ* (160, 424).

Дар ин байт ***гул*** манбаи дарду ғам буда, *ғаму андӯҳ, дарду алам, ҳаҷру фироқ ва ранҷу азоб*-ро ифода кардааст.

Гул дар шуури тоҷикзабонон таҷассумгари *инсон, одам* мебошад. Бештар шоирон ва ғазалсароёни тоҷик вожаи “гул”-ро барои ифодаи *худ* ё барои ифода намудани *шахс, одам* истифода менамоянд. Масалан, Ҳофиз Шерозӣ дар мисраъҳои зер барои баён намудани *дасти хеш* аз ибораи ***кафи гул*** истифода намудааст, ки дар он ***гул*** инъикосгари худи *шоир* мебошад:

Кунун, ки бар кафи ***гул*** *ҷоми бодаи соф аст,*

Ба сад ҳазор забон булбулаш дар авсоф аст (169, 72).

Дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон консепти ***гул*** инъикоскунандаи *тифл, кӯдак* мебошад. Тоҷикзабонон ҳаёти худро ба *чаманзор* шабеҳ дода, *фарзанд*-ро ба **гулҳои он** монанд мекунанд, ки зебо, дилписанд, хушбӯй буда, ба инсон шодию фараҳ мебахшанд ва зиндагии ӯро нишоту ранг медиҳанд:

*Бе шумо **гулҳои зебои ҳаёт**,*
Зиндагониро ништу ранг нест,
Аз садою лафзи ширини шумо
Дар ҷаҳон зеботарин оҳанг нест (166, 3).

Гул дар ашъори шоирони тоҷикзабон барои тавсифи *шодӣ* ва *нашъунамо* ба кор меравад. Ғаму андӯҳ, ноҳинҷорӣ чун хорест, ки боиси халал ёфтани шодиҳо мегарданд ва дар зиндагӣ образи манфӣ мегиранд. Зиддиятҳои ҷаҳон ки бо ҷуфтҳои ба ҳам муқобил боиси таносуб ва мувозинати оламанд, дар адабиёти тоҷик зиёд тасвир ёфтаанд. Дар осори шоирон тасвири ***гул*** бо хор зиёд аст:

Ҳофиз, аз боди хазон дар чамани даҳр маранҷ
*Фикри маъқул бифармо, **гули бехор** куҷост (169, 55)?*

Дар мисраъҳои болозикр устод Ҳофиз Шерозӣ ба худ муроҷиат карда, мегӯяд, ки дар ин дунё аз сахтиву азоби зиндагӣ озурда машав, зеро ин ҷаҳон бе ғаму андӯҳ нест.

Дар тасвири ҷаҳони тоҷикзабонон инъикоси ***гул*** дар ҳамбастагӣ бо ***хор*** мушоҳида мегардад. ***Гул*** бинобар сабаби зебо ва хушбӯй буданаш, ки ба инсон хуррамӣ меорад бо тасаввуроту таассурот ва ҳиссиёти мусбат алоқаманд мебошад ва хор бошад, дар шуури тоҷикзабонон бештар тасаввуроти манфиро таҷассум менамояд. Аз ин рӯ, ҳангоми тавсифи инсон вожаи ***гул*** ва ҳангоми ифода намудани *инсони бад, инсони дорои ягон айбу гуноҳ ва ё ягон камбудӣ* ибораи ***гули бе хор*** истифода мегардад, ки дар ин ҷо ***гул*** ба маънии *одам, инсон* ва хор айб ва гуноҳи ӯ истифода гардидааст.

*Дар ин чаман **гули бехор** кас начид, оре,*
Чароғи Мусатавӣ бо шарори Булаҳабист (169, 89).

Ибораи ***гули бехор*** дар ғазали болозикри Ҳофиз Шерозӣ ба назар мерасад, ки дар он ҷо он ифодагари инсони ***беайб*** буда, ҷаҳон бошад бо вожаи ***чаман*** ифода ёфтааст. ***Чаман*** – замини сабзу хуррам, маҳалли чамидан ва хиромидан, гулзор; сайргоҳ; боғу бӯстон [139, 521] мебошад:

Мавриди зикр аст, ки дар низоми луғавии забони тоҷикӣ ***гули бехор*** ифодакунандаи ***шароб*** низ мебошад, ки ҳолати мазкур дар байти зер дида мешавад:

Ҳангоми баҳор аст ҷаҳон чун бути Фархор,

Хез, эй бути Фархор, биёр он ***гули бехор*** *(138, 281).*

Шоири дигари тоҷикзабон вожаи “гул”-ро барои ифодаи *шахсони боломақом ва боилму маърифат* дар якҷоягӣ бо лексемаи “шамшод” истифода намудааст:

Ба кӯяш чун нанолад ҳамчу мурғони чаман, Ҷомӣ,

К-аз ин гулшан ***гулу шамшод*** *рафта, хору хас монда* (160, 376).

Дар мисраъҳои боло ибораи ***хору хас*** муқобили ибораи ***гулу шамшод*** мебошад, ки он барои тасвири *шахсони аз илму маърифат дур* истифода гардидааст. Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки дар тасвири ҷаҳони тоҷикзабонон консепти “гул” таҷассумгари *шахси бомаърифат* ва консепти “хор” инъикосгари *шахси аз илму дониш дур* мебошад.

Инчунин, ***гул*** дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон таҷассумгари *некӣ* ва ***хор*** инъикосгари *бадӣ* мебошад, аз ин рӯ, дар тасвири забонии ҷаҳони онҳо ибораи ***хору гул*** барои ифода намудани ***бадию некӣ*** мушоҳида мегардад, ки дар ин ҷо ҳар ду калима ба маънии маҷозӣ истифода гардидаанд. Асоси ин маҷозро хушбӯю нозук будани гул, ки ба инсон фараҳ мебахшад ва тез ва нешдор будани хор, ки инсонро захмӣ ва нороҳат мекунад, ташкил медиҳад:

Дило, зи ҳаҷр макун нола з-он, ки дар олам

Ғам асту шодиву ***хору гулу*** *нишебу фароз (169,173).*

Ҳофиз Шерозӣ дар мисраъҳои боло қайд менамояд, ки аз ҷудоӣ ғамгин набояд шуд, зеро дар ин олам ғаму шодӣ, бадию некӣ ва пастию баландӣ дар

пайдарҳамӣ вуҷуд дорад. *Бадию некӣ* дар ин мисраъҳо бо ибораи ***хору гул*** ифода ёфтааст. Аз ин ҷо бар меояд, ки лексемаи ***гул*** бе ягон воситаи *некӣ*-ро ифода менамояд ва вожаи ***хор*** бошад ифодагари *бадӣ* мебошад.

Консепти “гул” дар шуури тоҷикзабонон таҷассумгари *рӯйи нозанини хандон* мебошад, аз ин рӯ, дар тасвири забони ҷаҳони тоҷикзабонон *хандидани зан*, хусусан, *зани дӯстдошта* ва *зебо* ба ***гул*** шабеҳ дода мешавад:

Даме, ки дилбарам монанди ***гул*** *хандида меояд,*
Умеди тоза дар дил, нури нав бар дида меояд.
Танашро дода бо пироҳани абрешимин оро,
Гумон созӣ, ки ***гул*** *дар барги гул печида меояд (167, 127).*

Шоир дар мисраъҳои боло дилбари худро, ки хандида меояд ба ***гул*** монанд кардааст. Асоси чунин шабеҳиятро зебогии дилбар ва гул ташкил медиҳад. Барои ҳама халқу миллатҳо, хусусан, мардуми тоҷикзабон ***гул*** рамзи *ишқу муҳаббат, зебогӣ* ва *некию меҳрубонӣ* мебошад. Аз ин рӯ, дар забони тоҷикӣ тоҷикзабонон *маҳбубаи худ*-ро бештар ба ***гул*** монанд мекунанд.

Чӣ тавре ки қайд гардид, консепти “гул” дар тасвири ҷаҳони тоҷикзабонон инъикосгари *рӯй*, хусусан *рухсора* мебошад. Аз ин рӯ, дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон шукуфтани *рӯй* ҳамчун ***гул*** ба назар мерасад:

Баҳори рӯзгораш рангу бӯйи сад чаман дорад,
Рухаш гул-гул *шукуфта, хотираш болида меояд.*
Камоли ҳусну ишқу обрӯ акнун насиби ӯст,
Гули боғи муроди хештанро чида меояд (167, 127).

Ҳолати мазкур дар шеъри зер низ ба назар мерасад. Шоири маъруфи тоҷик Мирзо Турсунзода қайд менамояд, ки ҳар замоне ки рӯйи дилбар ҳамчун ***гул*** мешукуфад, ӯ чунон зебо мегардад, ки лаъл аз дили санг берун меояд:

Ҳар кас, ки бувад туро дар оғӯш,
Аз ишқи ту мезанад дилаш ҷӯш,

Ҳар бор ***рухат*** *чу* ***гул*** *кушояд,*

Лаъл аз дили санг берун ояд (167, 234).

Ёдовар бояд шуд, ки дар низоми луғавии забони тоҷикӣ як қатор калимаҳо бо ҷузъи “гул” ба назар мерасанд, ки онҳо *рӯй, рухсора*, хусусан *рӯйи маҳбуба*-ро ифода менамояд. Масалан,

Дилро ба дарун чу гунча хун кард,

Гулгуна *зи ашк лолагун кард (138, 284).*

Дар байти болозикр вожаи ***гулгуна*** ба назар мерасад, ки аз рӯйи сохт мураккаб буда, аз ду ҷузъ, ***гул*** *– ғунча, мугча* ва ***гуна*** *– ранг, навъ, хел* [Вожаҷӯ] иборат буда, маънои *рӯй*-ро дорад.

Дар тамошои он дуто ***гулнор***

Мард бархам фитад чу донаи нор (138, 285).

Вожаи ***гулнор*** дар шеъри боло ифодагари *чеҳра, рӯй* мебошад. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон Гулнор ҳамчун номи занона низ ба назар мерасад.

Эй аз бунафша сохта ***гулбаргро*** *ниқоб,*

В-аз шаб тапончаҳо зада бар рӯйи офтоб (177).

Дар мисраъҳои боло лексемаи ***гулбарг*** ба назар мерасад, ки маҷозан *рӯйи зебо*-ро ифода менамояд. Калимаи ***гулбарг*** аз ду ҷузъ ***гул*** ва ***барг*** *– узви ғизогирӣ аз ҳаво ва мубодилаи бухор дар рустаниҳо ба шакли сафҳаи сабзи тунук* [177] иборат мебошад.

Калимаҳои аз ҷузъи “гул” таркибёфта натанҳо *рӯй, чеҳра* ва *рухсора*, балки *ашк, оби дида, чашм, оташ, дунё, гетӣ* ва амсоли инҳоро низ ифода менамоянд. Масалан дар байти зер вожаи ***гулоб***, ки аз ҷузъҳои ***гул*** ва ***об*** таркиб ёфтааст, киноя аз *ашк, сиришк, оби дида* мебошад:

Ба умеде, к-аз шакар созад лабаш таскини ҷон.

Ҳам ***гулоб*** *аз дидаву ҳам нор дон афшондаанд (138, 285).*

Дар шеъри дигар калимаи ***гулшан***, ки маҷозан ифодагари *дунё, ҷаҳон* мебошад, дида мешавад:

Дар ин ***гулшан*** *кӣ афшонад гуле аз дустӣ бар ман,*

Кӣ бошад ҷуз чароғи турбати ман аз гулафшонон (138, 287)?

Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар тасвири ҷаҳони тоҷикзабонон консепти “гул” таҷассумгари *зан, дилбар* ва *маҳбуба* буда, гипонимҳои он бошанд инъикосгари *қад* ва *лабу даҳон* мебошад. Дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон ***сарв*** ба *қомат*, ***ғунча*** ба *лабу даҳон* ва ***наргисро*** ба *чашми зан* монанд карда мешавад. Масалан, шоир дар шеъри мазкур *рӯйи зан*-ро ба ***гули хушбӯй*** ва *даҳон*-ро ба ***ғунча*** ташбеҳ додааст, ки асоси ин монандиҳоро хусусияти хоси ин гипонимҳо ташкил медиҳанд:

Рӯйи занонро гули хушбӯй *гуфт,*
Қоматашон сарви лаби ҷӯй гуфт.
*Гуфт: “**Даҳан – ғунчаву** абрӯ – ҳилол*
Чашми сиёҳаш чу рамида ғизол..” (167, 241).

Чӣ тавре ки қайд гардид, дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон гипоними ***наргис*** ифодакунандаи *чашм* мебошад. Масалан, дар байти зерин вожаи ***наргис*** маҷозан ифодакунандаи *чашм* мебошад:

Шеваи чашми ту наргис чӣ кунад ишваву ноз?
*Шева аз **наргиси** ҷодуи ту хуш меояд (168, 264).*

Дар низоми луғавии забони тоҷикӣ лексемаи “гул” дар таркиби феъли ***гул кардан*** ба назар мерасад, ки ифодакунандаи *авҷ гирифтан, рушд кардан, инкишоф ёфтан* мебошад. Алоқаманди вожаи “гул” бо рушду инкишоф дар шукуфтани он ва баъдан зебо гаштани он мебошад. Феъли ***гул кардан*** дар таркиби шеъри шоири тоҷик устод Мирзо Турсунзода ба назар мерасад, ки ифодакунандаи *рушду тараққӣ кардани замин, ватани тоҷикон* мебошад:

*Замини тоҷикон **гул кард**, боғи тоҷикон **гул кард**,*
Дили хуррам, сари сабз аз баҳори тоҷикон дорам.
Ба қонунномаи худ Пешво бо хатти зар бинвишт
Ҳуқуқи халқҳоро, бин, чӣ бахти ҷовидон дорам! (167, 40).

Рушд кардани давлат ва *зебо гардидани он*-ро тоҷикон бо ***шукуфтан ва хушранг гаштани гул*** алоқаманд мекунанд, ки асоси ин алоқамандиро

монандии раванди шукуфтани гул бо тараққӣ кардани сарзамин, давлат ташкил медиҳад:

Муборак роҳи нав, эй кӯҳсорон –
Қаротегину Дарвозу Бадахшон!
Халос аз рӯзгори танг гаштӣ,
*Чу **гул бишкуфтию хушранг гаштӣ** (167, 30).*

Қайд кардан ба маврид аст, ки феъли ***гул кардан*** дар забони тоҷикӣ вобаста ба контекст маъноҳои гуногунро ифода менамояд. Дар шеъри мазкур феъли гул кардан ба се маъно истифода гардидааст. Дар мисраи аввал "*Мамлакат аз ҳиммати меҳнаткашон гул мекунад*" он ба маънои *рушд кардани давлат, тараққӣ кардан* ва *зебо гаштани он* истифода гардидааст. Дар мисраи дуюм "*Сабзу хуррам гашта боғу бӯстон гул мекунад*" он маънои *сабзу хуррум ва гулпӯш шудани боғу бустонҳои мамлакат*-ро доро мебошад. Дар ин масра ибораи феъли ***гул кардан*** ба маънои аслии худ карбаст шудааст. Дар мисраи охирони шеър *гул кардани рухсораи колхзчиён* қайд гардидааст, ки дар он ***гул кардан*** ифодакунандаи шоду хуррам гаштани онҳо мебошад:

*Мамлакат аз ҳиммати меҳнаткашон **гул мекунад**,*
*Сабзу хуррам гашта боғу бӯстон **гул мекунад**.*
Лола меруяд ба дашту чӯлҳои бесамар,
*З-ин сабаб рухсораи колхозчиён **гул мекунад** (167, 34).*

Дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон ***гул*** ифодагари *ватан* мебошад. Шоири тоҷикзабон устод Мирзо Турсунзода дар шеъри худ ибораи ***гули ман***-ро ҳангоми муроҷиат ба *ватан, диёр* истифода намудааст:

Туро ман ёд кардам куҳсори ман, илоҷам чист?
Шудам дур аз канори ту диёри ман, илоҷам чист?
Дар атрофам замини регзори бесамар дидам,
***Гули ман**, бӯстони ман, баҳори ман, илоҷам чист? (167, 53)*

Қайд кардан ба маврид аст, ки консепти "гул" дар шуури тоҷикзабонон як қатор консептҳои дигар, аз қабили бӯстон, гулистон, баҳор, хазон, хор ва

амсоли инҳоро таҷассум менамояд, ки шоир Мирзо Турсунзода ҳангоми муроҷиат намудан ба диёри нозанинаш консепти “гул”-ро бо консептҳои “бӯстон” ва “баҳор” дар пайдарҳамӣ истифода намудааст.

Дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон як қатор ибораҳо бо ҷузъи “гул” ба назар мерасанд, ки дар онҳо лексемаи ***гул*** ба худ тобишҳои гуногуни маъноиро касб менамояд. Масалан, дар яке аз мисраъҳои ғазалиёти Ҳофиз Шерозӣ ибораи ***вақти гул*** ба назар мерасад, ки он ба маънои аслӣ, *айёми гул, мавсисми гул* истифода нагрдида, дорои маънои маҷозӣ, *вақти ҷавонӣ* мебошад. Дар ин бора ***гул*** ба маънии *ҷавонӣ* истифода гардидааст:

Дӯстон, ***вақти гул*** *он беҳ, ки ба ишрат кӯшем,*

Сухани аҳли дил аст ину ба ҷон бинюшем (169, 335).

Дар низоми луғавии забони тоҷикӣ ибораи ***гули сурх***, бо ҷузъи “гул” ба назар мерасад, ки он киноя аз *офтоб* аст:

Сахаргаҳ, ки омад ба некахтарӣ

Гули сурх *бар тоқи нилуфарӣ* (177).

Шоир қайд менамяод, ки саҳаргоҳон офтоб ба осмон баромад, ки дар мисраъҳои болозикр ибораи *тоқи нилуфарӣ* киноя аз *осмон* (177) мебошад.

Ҳамчунин, лексемаи “гул” дар таркиби ибораи ***гули мурод*** ба назар мерасад, ки он *мақсад, орзу*-ро ифода менамояд. Мурод – мақсуд, мақсад, объекти орзу ва талаб [138, 745]:

Гули муроди ту *он гаҳ* ***ниқоб бикшояд****,*

Ки хидматаш чу насими саҳар тавонӣ кард (169, 150).

Дар мисраъҳои боло воҳиди фразеологии ***гули мурод ниқоб бикшодан*** ба назар мерасад, ки он маънои *ба мақсади худ, ба орзуи худ расидан*-ро дорад.

Дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон ибораи феълии ***гул чидан*** ба назар мерасад, ки бо ҷузъи “гул” таркиб ёфтааст. Дар низоми луғавии забони тоҷикӣ ибораи феълии ***гул чидан*** ба ду маъно истифода бурда мешавад. Якум дар маънои аслии худ, *гул ҷамъ кардан* ***[138, 282]*** ва дуюм ба маънои маҷозӣ *баҳра бурдан, баҳравар шудан аз чизе* ***[138, 282]*** мавриди истифода қарор

мегирад. Масалан, дар байти зер ***гул чидан*** ба маънои маҷозӣ *баҳра бурдан, баҳравард шудан* истифода гардидааст:

Гарам аз даст бархезад, ки дилдор бишинам,

Зиҷоми васл май нӯшам, зи боғи аёш ***гул чинам*** *(169, 320).*

Шоир қайд менамояд, ки агар имкони бо дилдор нишастан ба ӯ фароҳам ояд, пас ӯ аз ҳаёт баҳра хоҳад бурд.

Дар тасвири ҷаҳони тоҷикзабонон нозукии ***барги гул*** дар таркиби ибораи ***либос аз барги гул*** инъикос мегардад, ки дар байти зерин ба назар мерасад:

Хостам гӯям: либос аз барги ***гул*** *мебоядаш,*

Боз тарсидам, ки озорад аз он нозук танаш (135.486).

Дар ин байт ***гул*** ба маънои *нозукӣ, ҳарирӣ, матои ҳарир* корбаст шудааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳолати мазкур дар забони англисӣ тамоман ба назар намерасад. Дар низоми луғавии забони англисӣ корбасти ***барги гул*** ба маънои *матои ҳарир* дида намешавад.

Таҳлили ғазалиёти ғазалсароёни тоҷикзабон нишон дод, ки ***гул*** дар ғазалҳо ифодагари *симои Ҳақ* ё *худи Парвардигор* мебошад:

Бурун ой аз ниқоби ғунча, эй ***гул****,*

Ки аз шавқи ҷамолат сӯхт булбул (135, 553).

Дар байт образи “гул” чун мухотаб ба маъшуқ нигаронида шуда, симои маъшуқи илоҳиро, ҷамоли Ҳақро ифода кардааст. Пас булбул соликест, ки муштоқ ва интизори дидори маъшуқи малаксимост. “Ниқоби ғунча” пардаи илоҳист, вай пардаи роз аст, ки симои маъшуқ паси он парда ниҳон аст ва солики тариқат дар ишқи вай пайваста месӯзад [60, 122]. Ҳамин тавр, консепти “гул” дар шуури тоҷикзабонон инъикосгари Парвардигор мебошад.

Дар ососри назмии тоҷикзабонон ***гул*** таҷассумгари *маҳбуба ё маъшуқа* мебошад. ***Гул*** бо *зебоӣ, хушрангӣ, хушбӯӣ* ва *назокат* бо сифатҳои маъшуқаҳои нозукандому зебо умумият доранд, аз ин рӯ, *маҳбуба* ба ***гул*** шабеҳ дода мешавад.

Хулоса, аз шарҳу таҳлили байтҳо муайян мегардад, ки “гул” дар ашъори шоирону ғазалсароёни тоҷикзабон бо тобишҳои гуногуни маъноӣ истифода гардида, услуби хоси шоиронро нишон медиҳад. Чунин услуби баён бевосита ба ҷаҳонбинӣ, нигоҳҳои эстетикиву бадеӣ, қобилияти фикрронии мантиқӣ, дунёбинӣ, ҳиссиёту эҳсосот ва дарки консепти “гул” аз тарафи тоҷикзабонон дар давру замони гуногун вобаста аст.

3.2.2. Инъикоси консепти “гул” дар эҷодиёти шоирони англис

Консепти “гул” консепти фарҳангӣ буда, дар ашъори адибони тоҷику англис зиёд инъикос ёфтааст. Аз ин рӯ, барои муайян намудани тасаввуроте, ки консепти “гул” дар шуури тоҷикзабонон ва англисзабонон таҷассум менамояд, зарурати таҳлили асъори назмии шоирони мардуми тоҷик ва англис ба миён меояд.

Шеър зиндагӣ, табиати атроф, эҳсосоти инсонӣ ва бисёр чизҳои дигареро шарҳ медиҳад, ки дар ҳаёти мо вуҷуд дорад. Шоирон зимни тавсифи ин мафхумҳо аз воситаҳои гуногун моҳирона истифода мебаранд, ки дар миёни онҳо гулҳо бо таъсирбахшии худ дар офаридани образи бадеӣ фарқ мекунанд. Гулҳо дар тули садсолаҳо сарчашмаи асосии илҳоми шоирону нависандагон буданд ва аксар вақт ҳамчун маҷоз ва истиора барои ифодаи маъно ва эҳсосот истифода мешуданд. Гуногунии беандозаи ранг, шакл ва зебоии онҳо ба шоирон имкон медиҳад, ки хислатҳои инсониро ба таври ҳайратангез тасвир кунанд, ки боиси эҷод гардидани образҳои равшан барои хонандагон, авҷ гирифтани эҳсосоти онҳо ва пайдо кардани донишҳои маънавӣ мегардад. Гулҳо вобаста аз ба контекст ва тахаюлоти бойи шоир маъноҳои мухталиф пайдо мекунанд. Дар тули асрҳо гулҳо дар адабиёти англис ҳамчун нишонаи равшани ишқ, муҳаббат, хушбахтӣ ва зебоии занона мавқеи алоҳидаро ишғол менамоянд.

Дар адабиёти бадеӣ гул ва анвои он ба рамзи бадеӣ табдил ёфтаанд. Баъзе навъҳои гул то ба киноя ва маҷоз таҳаввул намуда, саъд кардани баъзе анвои гул аз тариқи маҷозу ташбеҳу истиора сурат гирифтааст.

Таҳлили фарҳангҳои тафсирии забони англисӣ нишон дод, ки ***гул*** ҳамчун калима ифодакунандаи *гул, айёми гул, беҳтарин чиз, зубдаи ҳама чиз, волотарин, авҷ, қулла* мебошад, аммо ҳамчун консепт он таҷассумгари *зан, маҳбуба* мебошад. Англисзабонон *зан*, хусусан *маҳбубаи худ*-ро ба ***гул*** шабеҳ медиҳанд, ки асоси онро зебогии гул ва зан, маҳбуба ташкил медиҳад. Тавсифи зан бо лексемаи *гул/flower* дар шеъри шоири англис В Блейк "My rose tree" ба назар мерасад:

Flower was offered to me,
Such flower as May never bore;
But I said, 'I've a pretty ***rose tree****,*
'And I passed the ***sweet flower*** *o'er (196).*
*[***таҳтул***. Ба ман* ***гуле*** *пешкаш карданд,*
Чунин гуле, ки май ҳаргиз наовард;
Аммо ман гуфтам: "Ман як ***дарахти садбарги зебо*** *дорам,*
'Ва ман аз баҳри ***гули ширин*** *гузаштам.]*

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ин шеър консепти "гул" (***flower***) таҷассумгари *духтари зебо* буда, гипоними ***садбарг (a rose tree***) инъикосгари *маҳбуба, дӯстдошта* мебошад. ***Гул*** гипероним буда, ***садбарг*** гипоними он аст, аз ин рӯ, шоир дар асар духтаре, ки барояш бегона аст, аммо хеле зебост, ҳамчун ***гул*** васф карда, дӯстоштаи худро бо лексемаи ***садбарг***, гуле, ки миёни дигар гулҳои зебо зеботар аст, ифода намудааст.

Таҳлили робитаҳои антонимӣ дар таркиби консепти "гул" нишон дод, гул дар шуури англисзабонон тасаввуроти мусбатро таҷассум менамояд. Дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон консепти ***гул*** ифодагари *ишқ, муҳаббат, лаҳзаҳои ширини ҳаёт, маҳбуба, дӯстдошта, зани зебо* ва ҳар он чизе мебошад, ки бо зебоӣ алоқаманд аст. Антоними асосии калидвожаи ***гул*** дар забони ангисӣ хор мебошад, ки он баръакси консепти ***гул*** инъикосгари тасаввуроти манфӣ дар тасвири ҷаҳони англисзабонон мебошад. Барои англисзабонон агар ***гул*** ифодагари *ишқ муҳаббат ва лаҳзаҳои ширин* бошад, пас *хор лаҳзаҳои нохуш, ғамангез ва азобу машақати маҳбуб*-ро баён

менамояд. Ҳолати мазкур дар шеъри шоири англисзабон В. Блейк баръало намудор аст:

Then I went to my pretty rose tree,
To tend her by day and by night;
But my ***rose*** *turned away with jealousy,*
And her ***thorns*** *were my only delight (196).*
*[***таҳтул***. Пас назди дарахти садбарги зебои худ рафтам,*
Ӯро шабу рӯз нигоҳубин кардан;
Аммо садбарги ман бо ҳасад рӯй гардонд,
Ва ***хорҳои*** *ӯ ягона лаззати ман буданд].*

Дар тасвири ҷаҳони англисзабонон консепти ***гул*** ва гипонимҳои он таҷассумгари *зан* ва *зебои ӯ* мебошад, аз ин рӯ, шоири англис В. Вордсворз барои аз миёни гулҳо ҷудо намудани маҳбубаи худ ва баҳои баланд додан ба ҳусну ҷамоли ӯ аз ибораи ***fresh as a rose*** **– таҳул.** тоза ба мисли садбарг истифода намудааст. Дар забони англисӣ консепти ***гул***, хусусан гипоними он ***гули садбарг***, *хушнудии инсон, солимии бадан* ва *таровати рӯй*-ро инъикос менамояд:

When she I loved looked every day
Fresh as a rose in June*,*
I to her cottage bent my way,
Beneath an evening-moon (196).
*[***таҳтул***. Вақте ки ӯ ман дӯст медоштам менамуд ҳар рӯз*
Ботароват ҳамчун садбарг дар моҳи июн*,*
Ман ба тарафи хонаи ӯ мегирифтам роҳ,
Зери шаб-моҳ].

Дар мисраъҳои боло ибораи ***fresh as a rose in June*** – **таҳтул**. ботароват ҳамчун садбарг дар моҳи июн ифодагари *хушнудӣ* ва *солимии маҳбубаи шоир* мебошад. Чунин алоқамандӣ аз тару тоза будани гули садбар дар моҳҳои июн ва июл асос ёфтааст. Садбаргҳои сурхе, ки дар ин моҳҳо мешукуфанд аз ҳама хушбӯй ва зебо мебошанд. Бояд ёдовар шуд, ки дар забони тоҷикӣ дар ин

маврид гипоними лола истифода мешавад. Дар ин мисраъҳои шеърӣ шоир ишқи худро ба нурҳои офтоб шабеҳ додааст, ки ҳангоми маҳбубаашро дӯст медошт, ӯ ба мисли гули садбарг тару тоза буд. Гирифтани нури офтоб барои садбаргҳо хеле муҳим мебошад, бидуни он садбаргҳо наметавонанд зебо ва пурра шукуфанд ва ишқ низ барои инсон ба мисли нури офтоб аст, ки инсонро масрур мегардонад. Садбарг яке аз маъмултарин тасвирҳои гул дар адабиёти англисист, зеро ин гул дар таърихи кишвар мавқеи махсусро ишғол менамояд. Маълум аст, ки садбарги сурх рамзи Англия мебошад.

Дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон консепти ***гул*** ва гипонимҳои он натанҳо таҷассумгари *зан* мебошанд, балки баъзе гипонимҳои консепти ***гул*** инъикосгари *марди поквиҷдон* ва *содиқу вафодор* низ мебошанд. Масалан, дар мисраъҳои поён дида мешавад, ки вожаи ***lily/савсан*** баёнгари *мард* ва ё *домод* ва лексемаи ***rose/садбарг*** ифодагари *зан* ва ё *арӯс* мебошад:

For my fayre love of ***lillyes and of roses****,*
Bound truelove wize with a blew silke riband.
And let them make great store of bridale poses,
And let them eeke bring store of ***other flowers***
To deck the bridale bowers (175,972).
*[***таҳтул****. Ба хотири ишқи поки ман ба савсанҳо ва садбаргҳо,*
Бибандед хиради ишқи ҳақиқиро бо тасмаи кабуди абрешимӣ
Ва бигузор онҳо вазъи олии арисуиро нигоҳ доранд
Ва бигузор онҳо биёранд захираи дигар гулҳоро
То ин ки камонҳои арусиро оро диҳанд].

Дар ин мисраъҳои шеърӣ флороними ***савсан*** таҷассумгари *домод* буда, гипоними ***садбарг*** барои тасвири *арӯс* истифода шудааст. Шоир қайд менамояд, ки гули савсану садбаргро бо тасмаи кабуди абрешимӣ бубанданд, ки дар ин ҷо ***савсанҳо*** тасвиркунандаи *домод* буда, ***садбаргҳо*** *арӯс*-ро таҷассум менамоянд.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки консепти ***гул*** дар тасвири забони ҷаҳони англисзабонон ифодагари *мавқеи шахс* дар ҷомеа мебошад. Хусусан, гипонимҳои консепти “гул”, аз қабили ***садбарг, савсан, бунафша, ёсуман*** барои тасвири *оилаҳои ашроф* ва ***савсан*** барои тавсифи мардони *баландмақом* дар ҷомеа истифода мешаванд, ***наргис (амариллис), бобуна, алафҳои бегона*** ва худи ***гул*** инъикосгари *духтарон* ва *писарони оддӣ* мебошанд. Дар шеъри 94 В.Шекспир “They that have power to hurt and will do none (Онҳое, ки қудрати озор додан доранд ва озор намедиҳанд)” қайд мекунад, ки чи тавр намояндагони табақаи боло худро беҳтарин, шевотарин медонанд ва аз таърифи дигарон баҳравар мешаванд. Аммо агар ин гули ширин, савсан коре кунанд, он гоҳ ба пӯсида шудан шуруъ мекунад ва дар ин ҳолат алафи маъмулӣ аз чунин гули савсан афзалтар мегардад [174, 42]:

*The **summer‘s flower** is to the summer sweet,*
Though to itself, it only live and die,
*But if that **flower** with base infection meet,*
The basest weed outbraves his dignity:
For sweetest things turn sourest by their deeds;
Lilies that fester, smell far worse than weeds (175, 94).

*[**таҳтул**. **Гули тобистон** барои тобистон ширин аст*
Ҳарчанд худаш, ӯ танҳо зиндагӣ мекунад ва мемирад,
*Аммо агар ин **гул** ба сирояти асосӣ дучор шавад,*
Пасттарин гиёҳ аз шаъни ӯ болотар аст:
Зеро ки ширинтарин чиз бо аъмоли худ талхтарин мешавад;
Бӯи савсанҳое, ки мепӯсанд, аз алафҳои бегона хеле бадтаранд.]

Дар шеъри боло консепти ***гул*** таҷассумгари *одамони машҳури баландмартаба* буда, шоир қайд менамояд, ки онҳо дар он мартабаҳои худ он қадар обрую эътибор доранд, аммо агар онҳо ба мисли фақирону мардуми табақаи поён зиндагӣ кунанд, пас онҳо ба мисли гули беоб тез пажмурда мешаванд ва дар ин ҳолат алаф аз онҳо беҳтар мегардад.

Дар тасвири ҷаҳони англисзабонон, ба мисли тоҷикзабонон консепти ***гул*** таҷассумгари *тифл, кӯдак* мебошад. Аз ин рӯ, бештари шоирони англисзабонон дар шеърҳои худ дар *васфи кӯдакон* онҳоро ба ***гул*** шабеҳ додаанд.:

Why, madam, will ye longer weep,
Whenas your baby's lull'd asleep?
And (pretty child) feels now no more
Those pains it lately felt before.
All now is silent; groans are fled:
Your child lies still, yet is not dead;
But rather like flower hid here
To spring again another year (197).

*[***таҳтул***. Чаро, хонум, шумо боз ҳам гиря мекунед,*
Вақте ки кӯдаки шумо хоб аст?
Ва (кӯдаки зебо) ҳоло эҳсос намекунад
Он дардҳое, ки вақтҳои охир эҳсос мекарданд.
Ҳама ҳоло хомӯшанд; нолаҳо гурезанд:
Кӯдаки шумо ором хобидааст, аммо мурда нест;
Аммо мисли ***гуле****, ки дар ин ҷо пинҳон шудааст*
То соли дигар боз бархезад].

Вақте ки шоир Роберт Ҳеррик ба модаре, ки фарзандаш мурда буд, мурочиат карда мисраъҳои болоро мехонад, *фарзанди ӯ*-ро ба мисли *гуле* тавсиф мекунад, ки дар замин хӯфтааст, то соли оянда дубора бирӯяд.

Инчунин, дар тасвири забонии ҷаҳони ангисзабонон вожаи ***bud*** – ғунча, ки ба таркиби консепти “гул” дохил мешавад, ифодагари *тифли навзод* мебошад. Асоси ташбеҳ додани ***ғунча*** бо *тифли навзод* дар он аст, ки ғунча худ гули нашкуфта, оғози гул аст, ба мисли тифли навзоде, ки оғози зиндагӣ аст. Шоири англисзабон Робер Ҳеррик дар шеъри худ “Upon a child that died/Дар бораи тифле, ки мурдааст” вожаи ***bud*** – *ғунча-ро* барои ифода намудани тифли навзоде истифода менамояд, ки пас аз таваллуд фавтидааст:

Here she lies, a ***pretty bud****,*

Lately made of flesh and blood,

Who as soon fell fast asleep

As her little eyes did peep.

Give her strewings, but not stir

The earth that lightly covers her (198).

*[***тахтул***. Дар ин ҷо хобидааст, ғунчаи зебо,*

Ки ба наздики аз гушту хун пайдо шуда буд

Ки дарҳол ба хоюби сахт рафт

Ҳамин ки чашмояшро кушода буд

Бигзор ӯ бипошад, вале наҷунбад

Замине, ки ӯро андак фаро мегирад].

Дар мисъраҳои боло сухан дар бораи *тифли навзоде* меравад, ки пас аз тавалуд шудан, дарҳол фавтидааст. Чун тифл навзод аст, аз ин рӯ, шоир ӯро ба *муғча* – ***bud*** шабеҳ додааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар тасвири ҷаҳони англисзабонон вожаи ***lily/савсан*** гипоними консепти “гул” инъикосгари *ҷавон* мебошад. Масалан, дар мисраъҳои зер шоир Бен Ҷонсон *ҷавонон*-ро бо вожаи ***lily/савсан*** ифода намуда, *пирон*-ро ба *оак/дарахти булут* шабеҳ додааст:

It is not growing like a tree

in bulk, doth make Man better be;

or standing long ***an oak*** *three hundred year,*

to fall a log at last, dry, bald, and sere;

A lily *of a day*

is fairer in May,

although it fall and die that night-

It was the plant and flower of Light.

In small proportions we just beauties see:

and in short measures life may perfect be (174, 290).

Он мисли дарахт намерӯяд

дар маҷмуъ, одамро беҳтар мегардонад;

ё сесад сол дуру дароз истода ***дарахти булут****,*

ниҳоят чӯбе афтодан хушк, бемӯй ва сероб;

Як ***савсани*** *рӯз*

дар моҳи май одилонатар аст,

гарчанде ки он шаб афтоду мемирад-

Он растани ва гули Нур буд.

Дар таносуби хурд мо танҳо зебоиҳо мебинем:

ва ба таври кӯтоҳ ҳаёт метавонад комил бошад.

Шоир дар ин мисраъҳо дар бораи ду ҷавонмарде сухан мегӯяд, ки дар ҳаёт бисёр корҳои шоиста ва нек кардаанд. Новобаста аз оне, ки онҳо ба мисли ***гули савсан*** умри дароз надида буданд, аммо бештари корҳои онҳо карда, то ба охир дар хотири инсоният мемонанд.

Аз қадимулайём одамон шефтаи зебогии ***гул*** шуда буданд. Аз ин рӯ, ***гул*** дар ҳаёти ҳаррӯзаи мардум мавқеи махсусро ишғол мекард. Онҳо ҳангоми шодию фараҳ ва ғаму андӯҳ аз гулҳои гуногун истифода бурда, тавассути онҳо ҳиссиёту эҳсосоти худро баён менамуданд. Консепти ***гул*** дар шуури англисзабонон таҷассумгари *ҳаёт, зиндагӣ* мебошад. Англисзабонон даврони гулро бо умри одамӣ алоқаманд менамоянд. Шоири англисзабон Энн Ридлер дар шеъри худ бо номи “The Matter of Life and Death / Муҳтавои ҳаёт ва марг” зиндагиро бо вожаи ***iris/савсан*** ифода намуда, гузариши ҳаётро ба даврони гулкунӣ монанд кардааст:

I did not see the ***iris*** *move,*

I did not feel the unfurling of my love

This was the sequence of the ***flower***

First the leaf from which the bud would swell,

...The the first unfurling petal (198).

[**таҳтул**. *Ман надидам, ки* ***савсан*** *ҳаракат мекунад,*

Ман эҳсос накардам, ки паҳн гаштани ишқамро

Чунин буд тартиби гулкунӣ

Аввал барге, ки аз он навда варам кунад,

...Аввалин гулбарги афрохташуда]

Инчунин, шоир Энн Ридлер дар мисраъҳои минбаъда худро дар синни калонсолӣ бо лексемаи ***blossom/шукуфаи гул*** ва дар даврони кӯдакӣ бо калимаи ***bud/ғунча*** ифода намудааст. Инчунин, дар ин мисраъҳо вожаи ***flower/гул*** ифодагари *умр, зиндагӣ* мебошад. Шоир қайд менамояд, ки ҳангоме ба зиндагии худ аҳаммият медиҳад, мебинад, ки алаккай умр рафтааст, ки ин ҳолат бо ҷумлаи *the **flower** has blown – **гул** алаккай шукуфтааст* ифода ёфтааст:

*And while my back is turned, the **flower** has blown.*

Impossible to tell

*How this opulent **blossom** from that spick **bud** has grown.*

The chrysalis curled tight,

*The **flower** poised for flight– (198).*

*[**таҳтул**. Ва ҳангоме ки пуштамро гардондам, **гул** алаккай шукуфтааст.*

Гуфтан ғайриимкон аст

*Чӣ гуна ин **гули** афзун аз он **навдаи** нав сабзид.*

Митта сахт печидаст,

***Гул** ба парвоз омода аст].*

Дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабнон гипоними ***daisy*** таҷассумгари *инсон*, хусусан *зан* мебошад. Инъикосёбии гипоними ***daisy*** ҳамчун *зан* дар шеъри Роберт Бэрнс “To a mountain daisy/Ба марвориди кӯҳӣ” мушоҳида мегардад:

*Wee, modest crimson-tipped **flower**,*

Thou's met me in an evil hour;

For I maun crush amang the stoure

Thy slender stem:

To spare thee now is past my pow'r,

Thou bonie gem (198).

*[**таҳтул**. Вой, гули хоксори рах-рахи арғувон,*

Ту маро дар соати бад вохӯрдӣ;

Зеро ки ман бояд поймол кунам миёни хоку чанг

Пояи нозуки ту:

Туро начот додан ҳоло аз қудрати ман гузашт,

Ту дурдонаи зебоӣ ман.]

Дар мисраъҳои аввали шеър шоир дар симои ***гул*** ба *зане* муроҷиат мекунад, ки дар шароити вазнини зиндагӣ қарор дорад ва шоир афсӯс мехӯрад, ки имкони ӯро начот додан надорад. Ифодаёбии зан бо вожаи ***flower/гул*** аз мисраъҳои охири шеър маълум мегардад:

Such is the fate of artless maid,

***Sweet floweret** of the rural shade!*

By love's simplicity betray'd,

And guileless trust;

Till she, like thee, all soil'd, is laid

Low i' the dust.

*Ev'n thou who mourn'st the **Daisy's fate**,*

That fate is thine - no distant date;

Stern Ruin's plough-share drives elate,

Full on thy bloom,

Till crush'd beneath the furrow's weight,

Shall be thy doom! (198)

Чунин аст сарнавишти канизи соддадил,

***Гули зебоӣ** сояи деҳот!*

Аз ишқи соддадилона хиёнат дида,

Ва бовварии софдилона;

То он даме, ки мисли ту, тамоми умраш гузошта шавад

Поин дар хок.

*Эй эй, ки аз **сарнавишти марворид** андӯҳгинӣ,*

Он тақдири ту аст - сана дур нест;

Оҳани сипори Стерн Руин шодон шудгор мекунанд,

Пур бар гули ту,

То дар зери вазни ҷӯякҳо пошида шавад,

Қисмати ту бошад!

Дар мисраъҳои боло шор қайд менамояд, ки тақдири канизи содадиле чунин аст, ки аз рӯйи софдилӣ ба ишқ бовар кардаю хиёнат мебинад. Баъдан ба худ муроҷиат карда, қайд менамояд, ки чаро барои тақдири ***гули марворид*** ғам мехӯрӣ, дар он даме, ки ба поён расидани умри ту низ он қадар дур нест. Аз ин мисраъҳои шеърӣ бар меояд, ки консепти "гул" ва гипонимҳои он дар тасвири ҷаҳони англисзабонон инъикосгари *зан* мебошанд.

Миёни мардумони тамоми халқу миллат ***гул*** рамзи ишқу муҳҳабат ба шумор меравад, аз ин рӯ, дар ашъори шоирони онҳо, аз ҷумла шоирони ангисзабон ***гул*** таҷассумгари *ишқу муҳаббат* мебошад. Бештари шоирони англисзабон, *ишқи худ*-ро ба ***гул*** ва ё гипонимҳои он шабеҳ медиҳанд. Аз ҷумла, шоири англис Роберт Бэрнс ишқи худро ба ***red rose/садбаргии сурх*** монанд карда, қайд менамояд, ки ишқи ӯ ба мисли ***rose sprung in June*** *садбарги дар моҳи июн* шукуфта мебошад:

O my Luve is like ***a red, red rose***

That's newly sprung in June;

O my Luve is like the melody

That's sweetly played in tune (198).

*[***таҳтул***. Эй ишқи ман* ***мисли садбарги сурх, сурх аст***

Ки дар моҳи июн нав бишкуфтааст;

Эй ишқи ман мисли навое аст

Ки дар оҳанги ширин навохта мешавад].

Инчунин, консепти ***гул*** дар шуури тоҷикзабонон таҷассумгари *рӯйи зебо* мебошад. Аз ин рӯ, дар тасвири забонии англисзабонон шукуфтани *рӯй* ҳамчун ***гул*** ба назар мерасад:

I ne'er was struck before that hour

With love so sudden and so sweet,

Her face it bloomed like a sweet flower

And stole my heart away complete (196).

*[***таҳтул***. Ман ҳеҷ гоҳ мубтало нагашта будаи беш аз он соат*

Бо ишқ он қадар ногаҳонӣ ва хеле ширин,

Рӯяш чун гули зебо шукуфта буд

Ва дили маро пурра дуздида буд].

Шоир Ҷон Клейр дар мисраъҳои боло *рухсораи маҳбубаш*-ро ба ***a sweet flower/гули ширин*** монанд намудааст.

Шоири дигари англис Томас Кэмпион рӯйи зани зебоеро ба *a garden/боғ* айнят додааст, ки дар он гипонимҳои консепти ***гул roses/садбаргҳо*** ва ***white lilies/савссанҳои сафед*** таҷассумгари *рухсораҳо* ва *пусти сафеди зан* мебошанд:

There is a garden in her face

Where ***roses*** *and* ***white lilies*** *grow;*

A heav'nly paradise is that place

Wherein all pleasant fruits do flow (196).

*[***таҳтул***. Дар* ***чеҳраи*** *ӯ боғе аст*

Дар он ҷое, ки ***садбарг*** *ва* ***савсанҳои сафед*** *меруянд;*

Биҳишти олиҷаноб он ҷост

Дар он ҷо ҳама меваҳои хушбӯй фаровон аст].

Дар мисраъҳои дигар шоир ибораи ***rose-buds/ғунчаҳои садбарг***-ро барои ифода намудани *лабҳои зебои он зан* истифода намуда, қайд менамояд, ки ҳангоми табассум намудан *лабони ӯ* ба мисли ***ғунчаҳои садбарг*** мебошанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар шеъри мазкур шоир аз вожаҳои ифодакунандаи узви инсон истифода накардааст. Ӯ аз маҷоз фаровон истифода намуда, барои ифода намудани лабони он бонуи зебо аз лексемаи ***cherries/олуболуҳо*** барои нишон додании сурхии лабон истфода намуда, баъдан онҳоро ба ***rose-buds/ғунчаҳои садбарг*** монанд мекунад, то зебо ва нозук будани онҳоро таъкид кунад:

Those cherries fairly do enclose

Of orient pearl a double row,
Which when her lovely laughter shows,
They look like rose-buds fill'd with snow (198).
*[**таҳтул**. Ин олуболуҳо комилан фаро гирифтаанд*
Марворидҳои шарқӣ як қатори дукаратаро,
Вақте ки хандаи зебояш намоиш дода мешавад,
Онҳо мисли ғунчаи садбаргҳо пур аз барф мебошанд].

Ҳамин тавр, консепти “гул” ва гипонимҳои таркиби он дар шуури англисзабонон таҷассумгари зан, ҷавон, тифл, кӯдак, одамони табақаи боло, рӯй, рухсора, лаб ва ишқ буда, дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон бо худи калидводжаи flower/гул ва ё гипонимҳо, аз қабили a bud, a rose, a lily ва амсоли инҳо ифода ёфтааст.

Хулосаи боби сеюм

Пас аз таҳлили вижагиҳои забонию фарҳангии консепти “гул/flower” дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон ва англисзабонон метавон чунин хулосагирӣ кард:

1. Дар воҳидҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақолҳо ва осори назмии шоирон забон ва фарҳанги одамон, хусусан, андешаҳои консептуалии онҳо возеҳ инъикос меёбад. Маъноҳои ҳастаи консептҳои муайян бо воҳидҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақолҳо ва шеъру ғазалҳо ифода меёбад. Аз ин рӯ, барои муайян намудани таркиби консептҳо, аз ҷумла, консепти “гул” таҳлили онҳо ҳатмӣ арзёбӣ мегардад.

2. Таҳлили воҳидҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақолҳо ва осори назмии шоирони тоҷикзабонон ва англисзабонон нишон дод, ки консепти “гул” дар шуури ин халқҳо таҷассумгари тасаввуроти гуногун ва мухталиф мебошад.

3. Дар зарбулмасалу мақолҳои забони тоҷикӣ консепти “гул” ҷавонӣ, чизи мусбат, шахси дӯстдошта, инсон, фарзанд, чизҳои азизу арзишмандро инъикос менамояд. Ба ҷузъ аз маъноҳои мусбат, дар зарбулмасалу мақолҳои

забони тоҷикӣ маъноҳои манфии вожаи “гул” низ ба назар мерасад. Гул дар зарбулмасалу мақолҳо ифодагари чизи ночиз ва кори беҳуда мебошад.

4. Дар зарбулмасалу мақолҳои забони англисӣ бошад, гул таҷассумгари муҳаббат, чизи мусбат, инсон, меҳнат, роҳат, лаззат ва шодию хурсандӣ мебошад.

5.Дар тасвири ҷаҳони тоҷикзабонон ва англисзабонон консепти “гул” таҷассумгари беҳтарин шахс ва ашё миёни дигар ашё ва шахсони ҳамин гурӯҳ мебошад, ки дар тасвири забонии ҷаҳони ин халқиятҳо гуногун баён ёфтааст.

6. Таҳлили ашъори шоирони англис нишон дод, ки дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон бо худи калидводжаи flower/гул ва ё гипонимҳо, аз қабили a bud/ғунча, a rose/садбарг, a lily/савсан ва амсоли инҳо ифода ёфта, онҳо таҷассумгари зан, ҷавон, тифл, кӯдак, одамони табақаи боло, рӯй, рухсора, лаб ва ишқ мебошанд. Бояд ёдовар шуд, ки дар забони тоҷикӣ вожаи барг ва гипонимҳои наргис, лола истифода мегарданд, ки дар раванди таҳқиқот ҳолати мазкур дар забони англисӣ ба назар нарасид.

ХУЛОСА

Дар забоншиносии муосир дар оғози асрҳои 20-21 ду самти тамоман нав – забоншиносии шинохтӣ ва фарҳангӣ ташаккул ёфт, ки дар маркази диққати онҳо забон ва инсон меистад. Агар забоншиносии шинохтӣ забонро дар алоқаманди бо тафаккури инсон таҳқиқ намояд, пас дар забоншиносии фарҳангӣ равобити мутақобилаи забон бо фарҳанги одамон омӯхта мешавад.

Асоси забоншиносии шинохтиро омӯзиши нақши забон дар равандҳои тафаккур, дарки ҷаҳон ва ҷамъоварии донишҳо ташкил медиҳад. Забоншиносии фарҳангӣ бошад, муносибати забон, фарҳанг ва инсонро дар маҷмуъ ошкор месозад.

“Тасвири ҷаҳон” ва “тасвири консептуалии ҷаҳон” ду истилоҳе мебошанд, ки мафҳуми умумиро ифода менамоянд. Истилоҳи “тасвири ҷаҳон” яке аз мафҳумҳои асосиест, ки шахсияти инсон ва мавҷудияти ӯ, робитаи инсон бо олами атрофро ифода мекунад. “Тасвири ҷаҳон”-ро аксари забоншиносон ҳамчун симои ибтидоии глобалии ҷаҳон қабул мекунанд, ки асоси ҷаҳонбинии инсонро ташкил медиҳад [2-М, 6-М].

Тасвири забонии ҷаҳон тасвири шуур – воқеият мебошад, ки тавассути воҳидҳои забонӣ ифода ёфтааст, Он ҷуъзи тасвири консептуалии ҷаҳон мебошад. Тасвири консептуалии ҷаҳон аз консептҳое таркиб ёфтааст, ки дар алоқамандии зич бо ҳамдигар арзи ҳастӣ менамоянд [6-М].

Равияҳои нави забоншиносӣ, забоншиносии шинохтӣ ва фарҳангӣ зери мафҳуми “консепт” шаклҳои гуногуни донишҳоро мефаҳманд. Қайд кардан ба маврид аст, ки донишҳо ва тасаввуроти дар шуури инсон таҷассум ёфта, бо мурури замон дар натиҷаи таъсири омилҳои гуногун, ба мисли забон, фарҳангу тамаддун, урфу одат, анъана, дин ва амсоли инҳо таҳаввул меёбанд. Аз ин рӯ, донишҳо дар шуури инсон дорои шакли навташкил ва таҳаввулёфта мебошанд, ки агар дар забоншиносии шинохтӣ зери мафҳуми “консепт” шакли навташкил ва таҳаввулёфтаи донишу тасаввурот фаҳмида шавад, пас дар забоншиносии фарҳангӣ мафҳуми “консепт” шакли таҳаввулёфтаи донишу тасаввуроти инсонро роҷеъ ба муҳити атроф ифода

менамояд. Диққати намояндагони самти забоншиносии шинохтӣ ба таҳқиқи ташаккулёбӣ ва алоқаи байниҳамдигарии консептҳо равона гардидааст. Намояндагони самти забоншиносии фарҳангӣ бошанд, дар навбати худ кӯшиш менамоянд, ки дар таркиби консептҳо арзишҳои миллиро муайян намуда, ҷудо созанд [3-М, 8-М].

Инчунин, усулҳои таҳқиқи консепт дар забоншиносии шинохтӣ ва фарҳангӣ гуногун мебошанд. Дар ҳарду самти забоншиносӣ, забоншиносии шинохтӣ ва фарҳангӣ асоси усули таҳлили консептро таҳлили воситаҳои ифодаи он ташкил медиҳад, яъне, ҳангоми омӯзиши консепт фарҳангҳои тафсирӣ, этимологӣ, воҳидҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақолҳо ва инчунин, матнҳои бадеӣ мавриди таҳлил қарор мегиранд, ки барои муайян кардани тасаввуроти натанҳо фардӣ, балки ҷамъиятӣ роҷеъ ба консепти таҳқиқшаванда имконият фароҳам меорад [7-М].

Консепт дорои таркиби бисёрсатҳа буда, ҳар як сатҳи он маълумоти муҳимро барои муайян намудани моҳияти консепт дар бар мегирад. Дар қабатҳои консепт он аломатҳое таҷассум ёфтаанд, ки барои ҷанбаҳои муайяни омӯзиши консепт аҳаммият доранд.

Таркиби консепт аз ҳаста ва воҳидҳои луғавии канорӣ таркиб ёфтааст. Ҳастаи консепт маъноҳоеро, дар бар мегирад, ки калимаи асосии инъикоскунандаи консепт ифода менамояд. Ин қабати консепт он донишҳои муҳиммеро дар бораи объект фаро мегирад, ки мантиқан дарк шудаанд. Воҳидҳои луғавии канории таркиби консепт бошад, фарогири он маъноҳо ва маълумоте мебошад, ки дар ибораҳои озод, таъбирҳо, зарбулмасалу мақолҳо, воҳидҳои фразеологӣ ва шеъру ғазалҳо инъикос ёфтаанд. Аз ин рӯ, барои муайян намудани ҳаста ва воҳидҳои луғавии канории консепти “гул” таҳлили воситаҳои гуногуни забонӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Консепти “гул” дар тасвири забонии ҷаҳони ин халқҳо асосан бо калидвожаи “гул” дар забони тоҷикӣ ва “flower” дар забони англисӣ инъикос меёбад. Ҳастаи консепти “гул”-ро дар забони тоҷикӣ маъноҳои *ғунча, муғча, шукуфа, гиёҳе, ки барои гулҳои рангоранг ва хушбӯ мекронанд* ташкил медиҳанд ва воҳидҳои луғавии

канории он бошад, аз *беҳтарин чиз, зубдаи ҳар чиз, чизи нозук, чизи латиф, чизи беайб, шахси азиз, шахси маҳбуб ва бақадр, зинатбахши маҳфилҳо, сурхакон (бемории хавфнок), ҷавон, рӯйи маҳбуба, баҳор, як навъ доғи сафеде, ки дар чашми одам пайдо мешавад; нақшу нигоре, ки ба шакли гул кашида ё бофта мешавад, сари нимсӯхтаи пилтаи чароғу фатилаи шамъ, шароб, офтоб, рӯйи зард* таркиб ёфтааст. Дар забони англисӣ ҳастаи консепти “гул” аз маъноҳои *ғунча, шукуфа, қисми шукуфтаи гул, нашъунамо, мавсими шукуфа, ниҳол, узви репродуктивии растанӣ* ташкил ёфтааст ва воҳидҳои луғавии канории он бошад, фарогири маъноҳои *гулкунӣ, вақти гул, авҷ, камол, беҳтарин айём, баландтарин нуқта, нақшу нигор, қулла, давраи баландтарини рушд, намунаи олӣ ё беҳтарин намоянда, инкишоф ё афзоиши табиӣ* мебошад [8-М, 1-М].

Таҳлили воситаҳои забонӣ, аз қабили калимаҳо, ибораҳо, зарбулмасалу мақолҳо, воҳидҳои фразеологӣ ва шеъру ғазалҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ марбут ба консепти “гул” нишон дод, ки:

1. Дар шуури тоҷикзабонон ва англисзабонон консепти “гул” тасаввуроти умумиро таҷассум менамояд, ки дар тасвири забонии ҷаҳони онҳо гуногун ифода ёфтааст, зеро тафаккур хусусияти умумибашарӣ дошта, забон дорои хусусияти инфиродӣ мебошад;

2. Новобаста аз умумияти тасаввурот дар дарки консепти “гул” дар тасвири ҷаҳони тоҷикзабонон ва ангисзабонон тасаввуроти хос марбут ба консепти мазкур вуҷуд дорад;

3. Ба силсилаи синонимии вожаи “flower” дар забони англисӣ калимаҳои bloom (гул, гулкунӣ, мавсими шукуфа), blossom (гул, мавсими шукуфа), floweret (гуча), flowering (гулкунӣ), blossoming (гулкунӣ), florescence, efflorescence, inflorescence (мавсими гул), heyday (инкишоф, авҷи тараққиёт, нашъунамо, авҷ), prime (оғоз, мавсими шукуфа), best days (беҳтарин рӯзҳо), youth (ҷавонӣ), peak (ҳадди камол, авҷ), best, finest (беҳтарин), treasure (ганҷ), pearl, gem, jewel (гавҳар) дохил мешаванд;

4. Ба қатори муродифҳои калимаи “гул” дар забони тоҷикӣ вожаҳои ғунча, муғча, шукуфа, маъшуқа, маҳбуба, ҷонона, санам, дилором, гулғунча, ёр, дилбар, бут, дилрабо, нозанин, нигор, моҳрӯ, дӯстдошта, беҳтарин, волотарин, зубда, баргузида, яккачин, сара, мақбул, писандида; интихобшуда, мунтахаб интихобшуда, писандида, афзал донисташуда, хуб, нағз, олитарин дохил мешаванд [4-М];

5. Таҳлили робитаҳои антонимии ҳавзаҳои маъноии консепти “гул” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон дод, гул дар шуури тоҷикзабонон ва англисзабонон дар баробари тасаввуроти мусбат тасаввуроти манфиро низ таҷассум менамояд;

6. Дар тасвири ҷаҳони тоҷикзабонон ва англисзабонон гул ифодагари ҳама гуна чизи мусбат, шахси дӯстдошта, инсон, роҳат, хурсандӣ, лаззат буда, хор таҷассумгари чизҳои манфӣ, хислатҳои манфии шахс машақат, ғаму андӯҳ ва азият мебошад. Инчунин, гул дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон таҷассумгари некӣ ва хор инъикосгари бадӣ мебошад ;

7. Дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон бошад, консепти “гул” ифодагари лаҳзаҳои ширини ҳаёт, маҳбуба, дӯстдошта, зани зебо ва ҳар он чизе мебошад, ки бо зебоӣ алоқаманд аст ва хор лаҳзаҳои нохуш, ғамангез ва азобу машақати маҳбубро баён менамояд;

8. Инчунин, дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон ҳолатҳое низ ба назар мерасанд, ки дар онҳо гул ифодагари чизи ночиз, кори беҳуда, дарду ғам буда, ғаму андӯҳ, дарду алам, ҳаҷру фироқ ва ранҷу азоб мебошад;

9. Тоҷикзабонон дар бештари зарбулмасалу мақолҳо вожаи “гул”-ро барои ифода намудани инсон истифода менамоянд. Инчунин, вожаи “гул” дар таркиби ибораҳо шахси беайб ва боломақомро ифода менамояд. Дар тасвири ҷаҳони англисзабонон консепти “гул” таҷассумгари тифл, кӯдак мебошад. Аз ин рӯ, бештари шоирони англисзабонон дар шеърҳои худ дар васфи кӯдакон онҳоро ба гул шабеҳ додаанд [4-М];

10. Гул дар шуури тоҷикзабонон ва англисзабонон таҷассумгари муҳаббат, маҳбуба, маъшуқа ва ёр мебошад, ки тасаввуроти мазкур дар

зарбулмасалу мақолҳо, воҳидҳои фразеологӣ ва шеъру ғазалҳо инъикос ёфтааст;

11. Дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон зебоӣ, назокату латофат консепти “гул” инъикос ёфтааст. Дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон бошад, нозукӣ ва латифи гул таҷассум ёфтааст. Англисзабонон ҳама гуна чизҳои заиф, нозук, зудшикан ва зуд захмидоршавандаро ба гул монанад мекунанд [7-М];

12. Бояд ёдовар шуд, ки дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабнон ишқи беҷавоб аз тарафи маҳбуба бештар бо образи булбул ва гул ифода мегардад. Дар он булбул ошиқи шайдо ва ноумед аст, гул ҳаргиз ба ӯ изҳори муҳаббат намекунад. Гул дар шеър тимсоли ошиқи таннозу нозук аст, ки ошиқи худро хору зор мекунад;

13. Консепти “гул” дар тасвири ҷаҳони тоҷикзабонон ва англисзабонон инъикосгари рӯй мебошад. Инчунин, дар забони тоҷикӣ калимаҳои бо ҷузъи “гул” натанҳо рӯй, чеҳра ва рухсора, балки ашк, оби дида, чашм, оташ, дунё, гетӣ ва амсоли инҳоро низ ифода менамоянд [1-М, 4-М];

14. Дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон гипонимҳои таркиби консепти “гул” таҷассумгари қомат, лабу даҳон ва чашми зан мебошанд. Дар забони англисӣ гипонимҳои консепти “гул” roses/садбаргҳо ва white lilies/савсанҳои сафед таҷассумгари рухсораҳо ва пусти сафеди зан буда, rose-buds/ғунчаҳои садбарг-ро барои ифода намудани лабҳои зебои ӯ истифода мегардад;

15. Дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон гул ифодагари ватан мебошад, ки ҳолати мазкур дар забони ангисӣ ба мушоҳида намерасад;

16. Дар низоми луғавии забони тоҷикӣ ибораи гули сурх, бо ҷузъи “гул” ба назар мерасад, ки он киноя аз офтоб аст. Ҳолати мазкур дар забони англисӣ ба назар намреасад;

17. Дар забони англисӣ консепти “гул”, хусусан гипоними он гули садбарг, хушнудии инсон, солимии бадан ва таровати рӯйро инъикос

менамояд. Дар забони тоҷикӣ бошад, барои тавсифи солимии бадан ва тозагии рӯй гипоними лола истифода мегардад;

18. Таҳлилҳо нишон доданд, ки консепти “гул” дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон ифодагари мавқеи шахс дар ҷомеа мебошад. Хусусан, гипонимҳои консепти “гул”, аз қабили садбарг, савсан, бунафша, ёсуман барои тасвири оилаҳои ашроф ва савсан барои тавсифи мардони баландмақом дар ҷомеа истифода мешаванд, наргис (амариллис), бобуна, алафҳои бегона ва худи гул инъикосгари духтарон ва писарони оддӣ мебошанд [1-М, 4-М];

19. Консепти “гул” дар шуури англисзабонон таҷассумгари ҳаёт, зиндагӣ мебошад. Англисзабонон даврони гулро бо умри одамӣ алоқаманд менамоянд.

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии мазкур тавсияҳои зерини илмиро бо мақсади такмили омӯзиши масоили назариявӣ ва амалӣ марбут ба консептҳои гуногун ва рушди соҳаи забоншиносӣ, аз қабили забоншиносии шинохтӣ ва фарҳангӣ пешниҳод метавон пешниҳод кард:

1. Натиҷаҳои таҳқиқи зеринро метавон ҳамчун мавод дар корҳои таҳқиқотӣ ва дар таҳияи барномаҳо ё коркарди масъалаҳое истифода кард, ки бо таҳқиқоти зарбулмасалу мақолҳо, воҳидҳои фразеологӣ, консептҳои дар тасвири ҷаҳони забонҳои гуногуннизом таҷассумёфта ва муайян намудани вижагиҳои онҳо алоқаманданд.

2. Барои мутахассиони соҳаи забоншиносӣ, аз ҷумла, забоншиносии қавмӣ, шинохтӣ, фарҳангӣ ва муқоисавӣ натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд ҳамчун раҳнамо дар ҳалли масоили назариявӣ ва амалӣ марбут ба забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ хизмат кунанд.

3. Аз рӯйи натиҷаҳои диссертатсия метавон ба донишҷӯёни ихтисосҳои равияҳои ҷамъиятиву гуманитарӣ машғулиятҳоро ба роҳ монд, онро ҳамчун васоити такмили ҳусни баён истифода бурд.

4. Барои муҳаққиқоне, ки дар соҳаи забоншиносии фарҳангӣ ва забоншиносии шинохтӣ таҳқиқоти муқоисавӣ анҷом медиҳанд, кори мазкур метавонад ҳамчун маводи назариявӣ ва амалӣ хизмат расонад.

5. Таҳқиқи консепти “гул” дар тасвири ҷаҳони тоҷикзабонон ва англисзабонон нишон дод, ки барои дуруст ба роҳ мондани омӯзиши забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ масъалаҳои марбут ба шуур ва фарҳангу тамаддуни ин халқҳо бояд муайян карда, фаҳмида шавад, ки дар ин самт ҷанбаҳои зиёде таҳқиқталаб буда, пажуҳиши алоҳидаро тақозо менамоянд. Бо назардошти гуфтаҳои боло метавон ба таҳлили ҷанбаҳои дигари мавзуи мазкур даст зад.

6. Дар асоси таҳқиқи мазкур маълум гардид, ки дар дарки ҷаҳон аз тарафи тоҷикзабонон ва англисзабонон, фарҳанг, урфу одат ва дину оини

онҳо хусусиятҳои хос мавҷуд аст, ки дар забони онҳо инъискос ёфтаанд, то андозае ки дар диссертатсия нишон дода шудаанд. Аз ин рӯ, ҳангоми тадрис ва омӯзиши забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ин вижагиҳо бояд ба назар гирифта шаванд.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

1. Агиенко, В.И. Структура концептов Правда, Истина в сопоставительном аспекте: автореф. дис. канд. филол. наук: 10.02.20 / В.И. Агиенко. – Екатеринбург, 2005. – 22 с.

2. Азиззода, Д.М. Консепти “муҳаббат//love” дар тасвири забонии ҷаҳон (дар асоси маводи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ): дисс. док. фал. (PhD): 6D021300 / Д.М. Азиззода. – Душанбе, 2019. – 150 с.

3. Апресян, Ю.Д. Избранные труды. Лексическая семантика / Ю.Д. Апресян. – М., 1995. – 472 с.

4. Арутюнова, Н.Д. Наивные размышления о наивной картине языка // Язык о языке: Сб. ст. / Под общ. рук. и ред. Н.Д. Арутюновой. – М.: Языки русской культуры, 2000. – С. 35-41.

5. Арутюнова, Н.Д. Введение / Н.Д. Арутюнова // Логический анализ языка: Ментальные действия: сб. статей / Под ред. Н. К. Рябце-вой. – М.: Наука, 1993. – 176 с.

6. Арутюнова, Н.Д. Типы языковых значений: оценка, событие, факт. / Н.Д. Арутюнова // Ответственный редактор академик Г.В. Степанов. – М., 1988. – 338 с.

7. Архипова, Н.Г. Образ цветка как фрагмент языковой картины мира (на материале русского и китайского языков). / Н.Г. Архипова, М.К. Куроедова // Вестник АмГУ, 2021. − Вып. 92. – С. 110-115.

8. Асколдов, С.А. Концепт и слово / С.А. Асколдов // Русская словесность. От теории словесности к структуре текста: Антология: сборник статей. В.П. Нерознака. – М., 1997. – с. 267-279

9. Ахмедова, Д.Х. Национальная специфика концепта “еда” в таджикском и китайском языках: автореф дис. канд. филолог. наук: 10.02.20 / Д.Х. Ахмедова. – Душанбе, 2020. – 16 с.

10. Бабаева, Е.В. Лингвокультурологические характеристики русской и немецкой аксиологических картин мира: дис. д-ра филол. наук:10.02.20 / Е.В. Бабаева. – Волгоград, 2004. – 438с.

11. Бабушкин, А.П. Сослагательное наклонение как “окно” в возможные миры / А.П. Бабушкин // Вестник ВГУ. Лингвистика и межкультурная коммуникация. – 2001, − №1. – С. 16-22.

12. Беляевская, Е.Г. Компонентный анализ и концептуальный анализ / Е.Г. Беляевская // Вестник Московского государственного лингвистического университета, 2008. – № 554. – С. 140-146.

13. Бижева, З.Х. Антропоцентризм культуры – антропоцентризм языка / // Русская и сопоставительная филология: состояние и перспективы. – З.Х. Бижева. – Казань, 2004. – 207 с.

14. Бойматова, Н.К. Семантическое поле концепта “красота” в таджикской и английской лингвокультурах: дисс.канд. филол. наук: 10.02.20. / Н.К. Бойматова. – Душанбе, 2020. – 174 с.

15. Болдырев, Н.Н. Когнитивная семантика: Курс лекций по английской филологии. / Н.Н. Болдырев. – Тамбов, 2001. – 123 с.

16. Вежбицкая, А. Семантические универсалии и описание языков / А.Вежбицкая; пер. А.Д. Шмелев, Т. В. Булыгина. – Москва: Языки русской культуры, 1999. – 790 с.

17. Вежбицкая, А. Язык. Культура. Познание. / А. Вежбицкая. – М., 1997.– 416 с.

18. Волохина, Г.А. Синтаксические концепты русского простого предложенияю. / Г.А. Волохина, З.Д. Попова – Воронеж, 1999. – 196 с.

19. Воробьев, В.В. Лингвокультурологическая парадигма личности: Монография / В.В. Воробьев. – М., 1996. – 170 с.

20. Гулова, З.А. Концепт “еда” в русском и польском языках: автореф. дисс. канд. филол. наук: 10.02.20. / З.А. Гулова. – Душанбе, 2013. – 25 с.

21. Гумбольдт, В. Избранные труды по языкознанию. / В. фон Гумбольдт. – М., 2000. – 400 с.

22. Гумбольдт, В. Язык и философия культуры. / В. фон Гумбольдт. – М., 1985. – 452с .

23. Давлатмирова, М.Б Универсальное и этноспецифичное в языковой репрезентации макроконцепта “судьба” (на материале таджикского, арабского и шугнано-рушанской группы языков). – дисс. док. филол. наук.: 10.2.20. / М.Б. Давлатмирова. – Душанбе, 2019. – 388 с.

24. Давлатмирова, М.Б. Универсальное и этноспецифичное в языковой репрезентации макроконцепта “судьба” (на материале таджикского, арабского и шугнано-рушанской группы языков): автореф. дис. д.-ра. филол. наук: 10.02.20. / М.Б. Давлатмирова. – Душанбе, 2019. – 51 с.

25. Джиоева, А.А. “Stiff Upper Lip” сквозь призму англосаксонского менталитета / А.А. Джиоева // Английский язык на гуманитарных факультетах. – М.: Макс Пресс. 2010. – Вып.4. – С. 15-43.

26. Елмслев, Л. Пролегомены к теории языка / Л. Елмслев // Новое в лингвистике. – М., 1960. – Вып. 1. – С.131-256

27. Жинкин, Н.И. О кодовых переходах во внутренней речи / Н.И. Жинкин // Вопросы языкознания. – М., 1964. – № 6. – С. 26-39.

28. Замалетдинов, Р.Р. К проблеме соотношения концептуальной и языковой картин мир // Сохранение и развитие языков в условиях многонационального государства: проблемы и перспективы: II Международная научно-практическая конференция. 18-20 июня 2009 г.: Труды и материалы / Под общ. ред. Р.Р. Замалетдинова. – Казань, 2009. – С. 252-257.

29. Зиёева, М.Б. Лексико-семантические варианты слова гул/flower (цветок) в таджикском и английском языках / М.Б. Зиёева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, 2022. – № 6-1 (101). 7– С. 166 – 169.

30. Зубайдова, С.Ш. Фразеологические единицы, содержащие наименование декоративных растений на основе анализа материалов английского и таджикского языков / С.Ш. Зубайдова // Вестник Педагогического университета, 2022. − № 1 (96). − С. 69-73.

31. Иванова, Е.В. Мир в английских и русских пословицах / Е.В. Иванова. – Спб: Изд-во С.-Петерб. ун-та; Филол. ф-т СПбГУ., 2006. – 280 с.

32. Ивицкая, О.Д. К вопросу о национальной языковой личности и различиях в номинативных картинах мира (на примере Великобритании) / О.Д. Ивицкая // Юбилейный сборник статей. – М., 2000. – С.122-142.

33. Имомзода, М.М. Национальная специфика языковой объективации концепта “семья” в лексико-фразеологтческой и паремиологичес-кой системах таджикского и китайского языков / М.М. Имомзода. – Душанбе, 2017. – 192 с.

34. Калонова, М.Ҷ. Тобишҳои маъноию услубии фитонимҳои ашъори Камоли Хуҷандӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва Салмони Совачӣ / М.Ҷ. Калонова // Вестник института языков, 2021. – № 1 (41). – С. 19-25.

35. Карасик, В. И. Языковые ключи. / В. И. Карасик – М., 2009. – 406 с.

36. Карасик, В.И. Базовые характеристики лингвокультурных концептов / В.И. Карасик, Г.Г. Слышкин // Антология концептов. Под ред. В.И. Карасика, И.А. Стернина. − Волгоград, 2005. − Том 1. − С. 13 -15.

37. Карасик, В.И. Культурные доминанты в языке / В.И. Карасик // Языковая личность: культурные концепты: Сб. науч. тр. − Волгоград, 1996. – С. 3-16.

38. Каримова, Н.И. Пространство как категория концептуализации языковой картины мира (на материале русского, польского и таджикского языков): дис. д-ра. филол. наук: 10.02.20 / Н.И. Каримова. – Душанбе, 2019. – 451 с.

39. Кодухов, В.И. Введение в языкознание / В.И. Кодухов. – М.: Просвещение, 1979. – 351 с.

40. Колесникова, Н.А. Критика некоторых современных буржуазных теорий по вопросу взаимоотношений языка и мышления / Н.А. Колесникова // Подготовка учителя иностранного языка в педагогическом вузе: Вопросы методологии. – Киев, 1981. – С.102 – 112

41. Колесов, В.В. Язык и ментальность / В.В. Колесов. – СПб.: Петербургское востоковедение, 2004. – 240 с.

42. Корнилов, О.А. Языковые картины мира как производные национальных менталитетов. / О.А. Корнилов. – М., 2003. – 349 с.

43. Котова, Н.С. Лингвокультурологический анализ концептосферы “цветы”: дисс. канд. филол. наук: 10.02.19. / Н.С. Котова. – Теория языка. – Челябинск, 2007. – 168 с.

44. Кубрякова, Е.С. Когнитивный взгляд на природу частей речи / Е.С. Кубрякова // Словарь. Грамматика. Текст. – М.: РАН, 1996. – С. 218-224.

45. Кубрякова, Е.С. Части речи с когнитивной точки зрения / Е.С. Кубрякова. – М., 1997. – 330 с.

46. Қурбонова, Ҳ.Ҳ. Национально-специфические особенности концепта “сабр” (терпение) в таджиксой и русской этнолингвокультурах: дис. канд. филол. наук: 10.02.20. / Ҳ.Ҳ. Қурбонова. – Душанбе. 2021. – 197 с.

47. Левин, Ю.И. Провербиальное пространство / Ю.И. Левин // Паремиологические исследования: Сб. статей. – М., 1984. – С. 108-126.

48. Лихачев, Д.С. Концептосфера русского языка / Д.С. Лихачев // Известия АН СССР. Сер. литературы и языка, 1993. – №1, т. 52. – С.3-9.

49. Логический анализ языка. Культурные концепты / Отв. ред. Н.Д. Арутюнова. − М.: Наука., 1991. – 204 с.

50. Логический анализ языка. Образ человека в культуре и языке: Сб. ст. / Под ред. Н.Д. Арутюновой, И.Б. Левонтиной. − М., 1999. – 352 с.

51. Лосев, А.Ф. Знак. Символ. Миф. / А.Ф. Лосев. – М., 1982. – 480 с.

52. Мамедова, М.Д. Концепт “ум” в китайской и русской языковой картине мира (на материале фразеологизмов, пословиц и поговорок): автореф. дисс. на соис. учен. степ. канд. филол. наук: 10.02.20. / М.Д. Мамедова. – Душанбе, 2015. – 25 с.

53. Маслова, В.А. Когнитивная лингвистика: Учеб. пособие / В.А. Маслова. − 3-е изд. – М., 2008. – 272с

54. Маслова, В.А. Лингвокультурология: Учеб. пособие для студ. высш. учеб. заведений. / В. А. Маслова. – М., 2001. – 208 с.

55. Матробиён, С.Қ. Андешае чанд доир ба муносибати “консепт” ва “мафҳум”/ С.Қ. Матробиён, М.А. Маҳмудзода. – Паёми ДМТ, 2019. – №2. – С. 31-33.

56. Матробиён, С.Қ. Метафора ва метонимия асоси баррасии «тасвири ҷаҳон» дар забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ) / С.Қ. Матробиён, М.М. Бобоев // Паёми Донишкадаи забонҳо, 2022. – № 3 (47) – С. 76-82.

57. Матробов, С.Қ. Маҷмуаи таълимӣ-методӣ аз фанни “Забоншиносии қавмӣ”. /С.Қ. Матробов. – Душанбе, 2011. – 50 с.

58. Махмудова, Ф.С. Лексико-семантическое поле “добро/зло” в таджикской и китайской языковых картинах мира: дисс. канд. филол. наук: 10.02.19. / Ф.С. Махмудова. – Душанбе, 2022. – 165 с.

59. Маҳмудзода, М.А. Муқоисаи консепти “дил” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси воҳидҳои фразеологӣ) / М.А. Маҳмудзода. – Душанбе, 2021. – 146 с.

60. Маҷидова, С.Ҷ. Тобишҳои маъноии вожаи “гул” дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ / С.Ҷ. Маҷидова // Забон – рукни тоат, 2018.− № 11. – С.116-124.

61. Мехрубон, Н. Смысловой оттенок слова “гул” (“цветок”) в газелях Камола Худжанди / Н. Мехрубон // Вестник таджикского национального университета, 2012. – № 4-5 (94). – С. 132-136.

62. Мирзоев, Х. Х. Лексико-семантическое поле horse/асп в английском и таджикском языках: дисс. канд. фило. наук. / Х.Х. Мирзоев. – Душанбе, 2013. – 158с.

63. Мирзоева, З.Ҷ. Концепт “хлеб-нон” в русском и таджикском языках: дисс. канд. филол. наук: 10.02.20. / З.Ҷ. Мирзоева. – Душанбе, 2016. – 340 с.

64. Мирзоева, М.М. Воҳидҳои фразеологии асарҳои С.Айнӣ ва усулҳои тарҷумаи онҳо / М.М. Мирзоева. –Душанбе, 2008. – 160 с.

65. Мирмухамедова, М.Б. Лексические особенности языка поэзии Камола Худжанди: автореф. дис. канд. филол. наук: 10.02.22 / М.Б. Мирмухамедова. – Худжанд, 2012. – 26 с.

66. Молоткова, А.И. Концепт цветок в языке и поэтической речи. дисс. канд. филол. наук.: 10.02.01. / А.И. Молоткова. – Екатеринбург, 2006. – 182 с.

67. Назаров, М.Н. Вижагии луғавӣ ва муносибати маъноии мафҳуми “гул” бо вожаҳои дигари мутаносиб ба он дар забони ғазалиёти Шайх Саъдӣ / М.Н. Назаров, Т.З. Тағоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ), 2020. – № 1-4-1 (80) – С. 55-61.

68. Назаров, М.Н. Вижагиҳои маъноӣ, услубӣ ва сохтории вожаҳои ифодагари гулу гиёҳ дар забони ғазалиёти шоирони асрҳои 13-14 форсу тоҷик / М.Н. Назаров. – Бохтар, 2022. –148 с.

69. Назаров, М.Н. Вижагиҳои маъноии вожаҳои ифодагари “гул” дар ашъори Фарзона / М.Н. Назаров, Д.С. Қодиров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ), 2020. – № 1-1 (71) – С. 63-66.

70. Назаров, М.Н. Вижагиҳои маъноии мафҳумҳои ифодагари гулу гиёҳ. / М. Назаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, 2018. – № 1/4 (57). – С . 32-37.

71. Назаров, М.Н. Калимасозии вожаи гул дар ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ. / М.Н. Назаров. // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ), 2021. – № 1/2 (86). – С. 134-138.

72. Назаров, М.Н. Корбурди вожаҳои ифодагари “гул” дар таркиби воҳидҳои фразеологии ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ / М.Н. Назаров. // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ), 2019. – № 1-3 (65) – С. 62-72.

73. Назаров, М.Н. Тобишҳои маъноии вожаи “гул” дар ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ / М.Н. Назаров // Забон – рукни тоат, 2018. − № 11. – С.131-136.

74. Нерознак, В.П. От концепта к слову: к проблеме филологического концептуализма / В.П. Нерознак // Вопросы филологии и методики преподавания иностранных языков.– Омск, 1998. – С. 80-85.

75. Никитина, С.Е. О концептуальном анализе в народной культуре / С.Е. Никитина // Логический анализ языка. Культурные концепты. – М.: Наука, 1991. – С.117-123.

76. Панфилов, В.З. Философские проблемы языкознания. Гносеологические аспекты / В.З. Панфилов. – Москва: Наука, 1977. – 287 с.

77. Пименова, М.В. Душа и дух: особенности концептуализации. / М.В. Пименова. – Кемерово, 2004 – 368 с.

78. Пименова, М.В. Методология концептуальных исследований / М.В. Пименова // Антология концептов / Под ред. В.И. Карасика, И.А. Стернина. – Волгоград: Парадигма, 2005. – Том 1. – С. 15-19

79. Пименова, М.В. Предисловие. / Введение в когнитивную лингвистику. // Под. редю М. В. Пименовой. Вып. 4. – Кемерово, 2004. – 208 с.

80. Пименова, М.В. Этногерменевтический аспект концептуальных исследований / М.В. Пименова // Социокультурная герменевтика: проблемы и перспективы / Сборник научных статей международной конференции. – Кемерово, 2002. – С. 116-119.

81. Попов, В.И. Русские глаголы со значением несуществования в их противопоставленности глаголам со значением существования / В.И. Попов // Вопросы языкознания., 1990. – № 1. – С. 114-127

82. Попова, З.Д. К проблеме унификации лингвокогнитивной терминологии / З.Д. Попова, И.А. Стернин // Введение в когнитивную лингвистику. − Вып. 4. – Кемерово, 2004. – С. 53-54

83. Попова, З.Д. Когнитивная лингвистика. / З.Д. Попова, И.А. Стернин – М., 2007. – 314 с.

84. Постовалова, В.И. Лингвокультурология в свете антропологический парадигмы (к проблеме оснований и границ современной

фразеологии) / В.И. Постовалова // Фразеология в контексте культуры. – М., 1999. – С. 25-33

85. Рахимӣ, С.С. Концепт “измена” в русском и таджикском языках: дисс. канд. филол. наук: 10.02.20./С.С. Рахими. – Душанбе, 2016. – 293 с.

86. Раҳмонова, Н.Б. Отражение концепта “свадьба” в таджикском и памирских языках: дис. канд. филол.наук: 10.02.20. / Н.Б. Раҳмонова. – Душанбе, 2019. – 159 с.

87. Рачабов, Ҳ. Васфи табиат дар ашъори Муҳаммад Иқбол / Ҳ. Рачабов // Ахбори академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъияттшиносӣ, 2017 – № 2. – С. 108-115.

88. Рузиева, Л.Т. Становление русской и таджикской антропонимии (сравнительно-сопоставительный анализ): дис. канд. филол.наук: 10.02.20. / Л.Т. Рузиева. –Душанбе, 2006. – 231 с.

89. Рябцева, Н.К. Язык и естественный интеллект. / Н.К. Рябцева. – М., 2008. – 640 с.

90. Савенкова, Л.Б. Русская паремиология: семантический и лингвокультуро-логический аспекты. / Л.Б. Савенкова. – Ростов, 2002. – 240 с.

91. Саъдиева, Г.Ф., Сопоставительный анализ паремии растениеводства в таджикском и русском языках / Г.Ф. Саъдиева, О.В. Барсукова // Известия Академии Наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук, 2020. – № 1 (259). – С. 224-229.

92. Серебренников, Б.А. О материалистическом подходе к явлениям языка. / Б.А. Серебренников. – М.: Наука, 1983. – 320 с.

93. Серебренников, Б.А. Роль человеческого фактора в языке: Язык и картина мира / Б.А. Серебренников [и др.]. – М.: Наука, 1988. – 212 с.

94. Слышкин, Г.Г. Лингвокультурные концепты и метаконцепты : дис. док. филол. наук: 10.02.19 / Г.Г. Слышкин. – Волгоград, 2004. – 323 с.

95. Соссюр, Ф. Курс общей лингвистики (Лингвистич. наследие XX века) / Ф. Соссюр. – М., 2004. – 416 с.

96. Степанов, Ю.С. Константы. Словарь русской культуры: Опыт исследования. / Ю.С. Степанов. − М.: Языки русской культуры, 1997. – 824 с.

97. Телия, В.Н. К проблеме связанного сознания слова: гипотезы, факты, перспективы // Язык-система Язык-текст. Язык-способность./ В.Н. Телия – М: Институт русского языка РАН, 1995. – С. 25-36.

98. Телия, В.Н. Русская фразеология. Семантический, прагматический и лингвокультурный аспекты. / В.Н. Телия. – М., 1996. – 96с.

99. Телия, В.Н. Что такое фразеология/ В.Н. Телия. – М: Наука, 1996. – 84с.

100. Тер-Минасова, С. Язык и межкультурная коммуникация / С. Тер-Минасова. – М., 2000. – 261 с.

101. Турсунов, Ф.М. Корбурди соматизмҳои ифодакунандаи консепти “саломатӣ” дар воҳидҳои фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / Ф.М. Турсунов, А.А. Ахмедова // Паёми Донишкадаи забонҳо, 2021.– № 3(43) –С. 5-12.

102. Турсунов, Ф.М. Шарҳи луғавию маънои вожаи «об» (water) дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Ф.М. Турсунов, Х.Ш. Каримов // Паёми Донишкадаи забонҳо, 2022. – № 4-48. – С.84-92.

103. Удовиченко, Е.М. Философия: конспект и словарь терминов: Учебное пособие. / Е.М. Удовиченко – Магнитогорск: МГТУ, 2004. - 197с.

104. Улуков, Н.М. О составных поэтических единицах с элементом “гул” в поэзии Алишера Навои / Н.М. Улуков, Н.Ш. Баходирова // Filologické vědomosti, 2016. – № 1. – С. 85-88.

105. Фозилова, Ш.К. Концепт “богатство” в английской, русской и таджикской лингвокультурах (на материале фразеологических единиц, пословиц и поговорок) автореф. дис. канд. филол. наук: 10.02.20 / Ш.К. Фозилова. – Душанбе, 2019. – 25 с.

106. Хайдеггер, М. Время картины мира // Новая технократическая волна на Западе: сборник статей. / отв.ред. П. С. Гуревич. / М. Хайдеггер – М., 1986. – С. 93-119с.

107. Хамшовски, Ю. К вопросу концепта цветок в языковой картине мира на русском, венгерском и польском языках. / Ю. Хамшовски. // Рациональное и эмоциональное в русском языке – 2018: сборник трудов Международной научной конференции / отв. ред.: Н.Б. Самсонов. – М., 2018. – С. 58-62.

108. Хафизова, О.И. Концепты “любовь” и “работа” в языковой картине мира: на материале китайского и русского языков: дисс. канд. филол. наук: 10.02.19. / О.И. Хафизова. – Кемерово, 2011. – 309 с.

109. Ходжиматов, Д. Дикорастующие лекарственные растения Таджикистана / Д. Ходжиматов. – Душанбе, 1989. – 365 с.

110. Хомский, Н. Язык и мышление / Н. Хомский. – М., 1972. – 126 с.

111. Худяков, А.А. Концепт и значение / А.А. Худяков // Языковая личность: культурные концепты. – Волгоград-Архвнгельск: Перемена, 1996. – С. 97-103с.

112. Хуторянская, А.Д. Параметры художественной картины мира в литературоведении / А.Д. Хуторянская // Картина мира в художественном произведении: материалы Международной научной интернет-конференции. 20-30 апреля 2008 г. / сост. Г.Г. Исаев, Е.Е. Завьялова, Т.Ю. Громова. – Астрахань, 2008. – С. 3-5.

113. Ҳалимова, С. Тобишҳои маъноии вожаи “гул” дар осори Сайидои Насафӣ / С. Ҳалимова // Забон рукни тоат, 2016. – № 8. – С. 74-80.

114. Шведова, П.Ю. Теоретические результаты, полученные в работе над “Русским семантическим словарем” / П.Ю. Шведова // Вопросы языкознания: сборник статей. – 1999. – №1. – С. 3-16

115. Шокиров, Т. Гиёҳвожаҳои забони тоҷикӣ ва вижагиҳои луғавию сохтории онҳо. / Т. Шокиров // Забон рукти тоат, 2018. – №11. - 2018. – С. 24-32.

116. Щербинина, А.Е. Понятие “картина мира” в современных лингвистических исследованиях / А.Е. Щербинина // Проблемы концептуализации действительности и моделирования языковой картины

мира: сб. науч. тр. / Сост., отв. ред. Т.В. Симашко. – М.: Архангельск, 2009. – Вып. 4. – С. 222-226.

117. Fauconnier, G. Methods and Generalizations / G. Fauconnier // Th. Janssen, G. Redeker (eds). Cognitive Linguistics: Foundations, Scope, and Methodology. – Berlin, N.Y.: Mouton de Gruyter, 1999. – P. 95-127.

118. Fillmore, Ch.J. The Mechanisms of Construction Grammar. / Ch.J. Fillmore. – London, 1988. – 320 p.

119. Johnson, M. The body in the Mind. M. Johnson. – California, 1987. – 25p.

120. Lakoff, G. Some empirical results about the nature of concepts / G. Lakoff // Metaphor and Thought. – Ortony A. (ed.) Cambridge: Cambridge University Press. Second edition, 1993. – P. 202-251.

121. Lakoff, G. Women, Fire, and Dangerous Things: (What Categories Reveal about the Mind). / G. Lakoff – The University of Chicago Press. Chicago and London, 1987. – 614 p.

122. Lakoff, G. Metaphors we live by. / G. Lakoff, M. Johnson. – Chicago: The University of Chicago Press, 1980. – 242 p.

123. Langaker, R.W. Foundations of Cognitive Grammar: Theoretical prerequisites / R.W. Langaker. – Stanford, 1987. – 540 p.

124. Laurece, S. Concepts and cognitive Science / S. Laurece, E. Margolis. – 1999. – 128 p.

125. Rosch, E. Natural categorization / E. Rosch // Congnitive Psychology. – London, 1973. – P. 328-350.

126. Talmy, L. Toward a Cognitive Semantic / L. Talmy. – MIT Press, 2003. – 565 p.

127. Whorf, B.L. The relation of habitual thought and behavior to language / B.L. Whorf // Etc: A Review of General Semantics. – New Yor: Institute of General Semantics, Summer 1944. – Vol. 1, No. 4. – P. 197-215

Фарҳангҳои луғот

128. Алиев, М. Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ ва мушобеҳи русии онҳо / М. Алиев. – Душанбе, 2018. – 40 с.

129. Бегматова, С. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ-англисӣ-русӣ / С. Бегматова. – Душанбе, 2022. – 400 с.

130. Большой англо-русский политехнический словарь / С.М Баринов, А.Б Борковский, В.А Владимиров и др. − М.: Руссо, 1998 − 1419 с.

131. Ёрзода, Т. Зарбулмасал ва чистонҳо ба забонҳои суғдӣ, тоҷикӣ ва русӣ / Т. Ёрзода. – Душанбе, 2020. – Ҷ.1. – 216 с.

132. Краткий словарь когнитивных терминов / Е.С. Кубрякова, В.З. Демьянков, Ю.Г. Панкрац, Л.Г. Лузина. – М.: Изд-во МГУ, 1996. – 245 с.

133. Кунин, А.В. Англо-русский фразеологический словарь / А.В. Кунин. – М. 1984. – 945с.

134. Луғати мухтассари синонимҳои забони тоҷикӣ / М. Муҳаммадиев. – Душанбе, 1975. – 248 с.

135. Луғати ҷомеи девони “Фотиҳат уш-шабоб”-и Абдураҳмони Ҷомӣ. / мураттиб: С.Маҷидова. – Тошкент, 2017. – 934 с.

136. Мамадназаров, А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А. Мамадназаров. – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – 1016с.

137. Муҳаммад, Ғ.Р. Ғиёс-ул-луғот / Таҳия ва баргардони А. Нуров. – Душанбе, 1987. – 480с.

138. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ). Иборат аз ду ҷилд / дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. – М.: Советская энсиклопедия, 1969. – Ҷ. 1. – 951 с.

139. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ). Иборат аз ду ҷилд / зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. – М.: Советская энсиклопедия, 1969. – Ҷ. 2. – 949 с.

140. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ / зери таҳрири С. Назарзода., А. Сангинов., С. Каримов. – Душанбе, 2015.– Ҷ. 2. – 1096 с.

141. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ / зери таҳрири С. Назарзода., А. Сангинов., С. Каримов. – Душанбе, 2008. – Ҷ. 1. – 950 с.

142. Флора СССР. – М. – Л., 1966. – т. 24. – 407 с.

143. Фозилов, М. Зарбулмасалу мақолҳо дар тамсилу ҳикояҳо/ М. Фозилов. – Душанбе, 1973

144. Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик ҷилди 1. / М. Фозилов. – Душанбе,1963 – 952с.

145. Фозилов, М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ қисми 1/ М. Фозилов. – Душанбе, 1975 -

146. Фозилов, М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ қисми 2/ М. Фозилов. – Душанбе, 1977

147. Фозилов, М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ қисми 3/ М. Фозилов. – Душанбе, 2014

148. Cambridge Dictionary of American English. – Cambridge University Press, 1999. – 1087 p.

149. Collins Paperback English Thesaurus − Glasgow: Harper Collins Publishers, 1996. − 709 p.

150. Longman Dictionary of English Language and Culture. – Harlow: Longman Group UK Limited, 1992. – 1528 p.

151. New Oxford Thesaurus of English. – Oxford, UK: Oxford University Press, 2000. – 1050 p.

152. Oxford Advanced Learners Dictionary. – Oxford: Oxford University Press, 2000. – 1422 p.

153. Oxford Dictionary of Synonyms and Antonyms. – NY: Oxford University Press, 2014. – the 3rd edition. – 512 p.

154. Rogert's International Thesaurus / Ed. By R. L. Chapman. – New York: HarperCollins Publishers Inc., 1992. – 1299 p.

155. The American Heritage Dictionary of English language. – Houghton Mifflin Publsiher, 2000. – 2074 p.

156. The Compact Oxford English Dictionary. − Oxford: Oxford University Press, 1996. – 2424 p.

157. The Oxford Dictionary of English Etymology. – Oxford University Press, 1996. – 1042 p.

158. The Wordsworth Dictionary of Phrase and Fable / Revised by I.H. Evans. – Ware: Wordsworth Editions Ltd, 1993. – 1775 p.

159. Webster's Dictionary of Synonyms. A Dictionary of Discriminated Synonyms with Antonyms and Analogous and Contrasted Words. – Springfield: G&C Merriam Co. Publishers, 1942. – 907 p.

Сарчашмаи мисолҳо

160. Абдураҳмони Ҷомӣ. Мунтахаби ғазалиёт / Мураттибони матн ва луғату тавзеҳот Алии Муҳаммадии Хуросонӣ ва Холида Давлатова. – Душанбе, 2016. – 480 с.

161. Айнӣ, С. Ёддоштҳо / С. Айнӣ. – Сталинобод, 1956. – 208 с.

162. Айнӣ, С. Марги судхӯр / С. Айнӣ. – Душанбе: Истиқбол, 2011. – 156с.

163. Айнӣ, С. Одина. Куллиёт / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашрдавточ, 1958. – Ҷ. 1. – 327 с.

164. Бронте, Ш. Ҷен Эйр. Роман. (тарҷ. аз русӣ Салими Зарафшонфар) / Ш. Бронте. – Душанбе: Истиқбол, 2010. – 412 с.

165. Стивенсон, Р.Л. Ҷазираи ҷавоҳирот/ Р.Л. Стивенсон. – Сталинобод, 1952. – 257 с.

166. Султон, С. Гулҳои ҳаёт (шеърҳо барои бачаҳо) / С. Султон. – Душанбе, 2004 – 64 с.

167. Турсунзода, М. Асарҳои мунтахаб / М. Турсунзода. – Сталинобод, 1955. – 410 с.

168. Хуҷандӣ, К. Девон / К. Хуҷандӣ. – Душанбе: Адиб, 2015. − 480 с.

169. Шерозӣ, Ҳ. Девон / Ҳ. Шерозӣ. – Душанбе, 2015 – 721 с.

170. Шукуров, М. Анъана, халқият, маҳорат. / М. Шукуров. – Душанбе, 1964. – 190 с.

171. Bronte, Ch. Jane Eyre/ Ch. Bronte; edited with an introduction by M. Smith. – Oxford University Press, 1975. – 496 p.

172. Dickens, Ch. Sketches by Boz. / Ch. Dickens. – GlobalGrey 2020. – 728p.

173. Dickens, Ch. Old curiosity shop / Ch. Dickens. − Cambridge, 1868. – Volume 1. – 298 p.

174. Gardner, H. The New Oxford Book of English Verse / H. Gardener. – New York: Oxford University press, 1985. – P. 972., 290

175. Shakespeare's Sonnets / Edited by Barbara A. Mowat, Paul Werstine. – 2006. – 144 p.

176. Stevenson, R.L. Treasure Island/ R. L. Stevenson. – New York, 1993. – 183 p.

Захираҳои электронӣ

177. Вожаҷӯ – Фарҳанги бархатти тафсирии форсии тоҷикӣ [манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://vazhaju.com

178. Гумерова, А.Т. Когнитивная и лингвокультурологическая организация концепта // Молодой ученый. / А.Т. Гумерова. – 2010. – № 7 (18). – С. 153-155. – [манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://moluch.ru/archive/18/1856 (санаи мурочиат: 26.01.2023)

179. Картина мира в лингвокогнитивных исследованиях / Харьковский национальный университет им. В.Н. Каразина. [манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: – https://studfile.net/preview/2968227/page:21 (санаи мурочиат: 26.01.2023).

180. Словари и энциклопедии на Академии [манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://dic.academic.ru

181. Энсиклопедияи тоҷикӣ [манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://kitobam.com

182. Blue Bell Creameries | The Best Ice Cream in the Country [манбаи электронӣ]. – Рӣаи дастрасӣ: https://www.bluebell.com

183. Cambridge English Dictionary [манбаи электронӣ]. – Рӣаи дастрасӣ: https://dictionary.cambridge.org

184. Collins Dictionary [манбаи электронӣ]. – Рӣаи дастрасӣ: https://www.collinsdictionary.com

185. Kitchen & Cabinetry | Bluebell Fine Cabinetry & Design [манбаи электронӣ]. – Рӣаи дастрасӣ: https://www.bluebellfcd.com

186. Meaning, origin and history of the name Narcissus – https://www.behindthename.com/name/narcissus

187. NiftyWord: Wordbook to find that elusive lexeme [манбаи электронӣ]. – Рӣаи дастрасӣ: https://www.niftyword.com

188. Narcissus [манбаи электронӣ]. – Рӣаи дастрасӣ: http://en.wikipedia.org/wiki/Narcissus

189. OnlineEtimologyDictionary [манбаи электронӣ]. – Рӣаи дастарсӣ: https://www.etymonline.com

190. OxfordLearner'sDictionary [манбаи электронӣ]. – Рӣаи дастрасӣ: https://www.oxfordlearnersdictionaries.com

191. The Bluebell Foundation: Support For Grieving Families [манбаи электронӣ]. – Рӣаи дастрасӣ: https://www.bluebell.org.uk

192. The Bluebell Railway in Sussex | A heritage steam railway [манбаи электронӣ]. – Рӣаи дастрасӣ: https://www.bluebell-railway.com

193. The Daffodil Festival [манбаи электронӣ]. – Рӣаи дастрасӣ: http://en.wikipedia.org/wiki/The_Daffodil_Festival

194. The freedictionary of idioms and phrases [электронный ресурс]. – Режим доступа: https://idioms.thefreedictionary.com

195. Urban Dictionary [манбаи электронӣ]. – Рӣаи дастрасӣ: https://www.urbandictionary.com

196. Poem Analysis. A Database of Poetry analysis and Summaries [манбаи электронӣ]. – Рӣаи дастрасӣ: https://poemanalysis.com

197. Luminarium. Anthology of English Literature [манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://www.luminarium.org

198. Poetry foundation [манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://www.poetryfoundation.org

ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ
а) мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

[1-М]. Арабзода, Ф.Ҳ. Мулоҳизае чанд роҷеъ ба махсусиятҳои консепти «гул» / the flower дар забоншиносии маърифатӣ / Ф. Ҳ. Арабзода // Паёми Донишкадаи забонҳо (силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих).– Душанбе, 2022. – № 4(48). – С.102-106. ISSN 2226-9355.

[2-М]. Арабзода, Ф.Ҳ. Консепт ҳамчун категорияи консептуалии забоншиносӣ / Ф.Ҳ. Арабзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология – Душанбе, 2023. – №2. (31) -С.68-76. ISSN 2616-5260

[3-М]. Арабзода, Ф.Ҳ. Тасвири забонии ҷаҳон – объекти таҳқиқи тасвири консептуалии ҷаҳон (мафҳумҳо) / Ф.Ҳ. Арабзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология – Душанбе, 2023. – №2. (31) – С.77- 84. ISSN 2616-5260.

[4-М]. Арабзода, Ф.Ҳ. Таҳлили робитаҳои лексикӣ-семантикии калидвожаҳои “гул” дар забони тоҷикӣ ва “flower” дар забони англисӣ (таҳлили робитаҳои синонимӣ ва антонимӣ) / Ф.Ҳ. Арабзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология – Душанбе, 2023. – №3 (32). С.59-64. ISSN 2616-5260.

[5-М]. Арабзода, Ф.Ҳ. Таҳлили тафсирҳои энсиклопедӣ ва фарҳангномаҳо дар робита ба вожагони “гул // flower” / Ф.Ҳ. Арабзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология – Душанбе, 2023. – №3 (32).С.65-70.

б) мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ ба табъ расидаанд:

[6-М]. Арабзода Ф.Ҳ. Тафсири забонии ҷаҳон – объекти таҳқиқ ва тафсири консептуалии ҷаҳон (мафҳумҳо)\ Ф.Ҳ. Арабзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- назариявӣ дар мавзуи “Омӯзиши самаранокии фанҳои табиӣ, риёзӣ ва дақиқ – талаботи замони муосир”. Кӯлоб – 2023. С.133

[7-М]. Арабзода Ф.Ҳ. Таҳлили лингвистии зарбулмасалу мақолҳо марбут ба консепти “гул” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ/ Ф.Ҳ. Арабзода// «Масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавии забонҳои аврупоӣ ва омӯзиши онҳо дар шароити муосир» Донишгоҳи байналмилалии Забонҳои хориҷии тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. Душанбе – 2024 М: (33)- С.286 - ISBN 978-99985-871-7-5.

[8-М]. Арабзода Ф.Ҳ. Консепт ҳамчун категорияи консептуалии забоншиносӣ/Ф.Ҳ. Арабзода //Материалы международной научной-практической конференции «Актуальные проблемы лингвистики и перевода» - Душанбе, 2024.- С. 21.